ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД.:** **Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ЭЛЧИБЕКОВА БАҲРИГУЛ ИДИБЕКОВНА**

# МАСЪАЛАИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои фалсафа аз рӯи
ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор Зиёев И.Ғ.

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……………………………………………………………........ 3

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА ҒОЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ТАЪЛИМОТИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ**

1.1. Заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ.......................................................................................... 16

1.2. Таъсири фарҳанги исломӣ ба таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ ......................................................................................... 39

1.3. Заминаҳои фалсафии ташаккулёбии андешаҳои Фахриддини Розӣ оид ба инсон.......................................................................................... 65

**БОБИ II. АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ДОИР БА МАСЪАЛАИ ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН**

2.1. Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ......................... 84

**2.2.** Табиати инсон дар антропологияи Фахриддини Розӣ.................... 104

2.3. Консепсияи «Инсони комил» дар таълимоти антропологии Фахриддини Розӣ........................................................................... 126

ХУЛОСА............................................................................................ 152

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо....................................... 156

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.................................... 157

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.............................................. 178

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи инсон, нақш ва мақоми ӯ дар фалсафа ва муносибатҳои фарҳангӣ дорои ҷойгоҳи махсус буда, дар таърихи инсоният масъалаи инсон борҳо мавзуи омӯзиши мутафаккирони давраҳои гуногун: антиқа, асримиёнагӣ ва муосир қарор гирифтааст. Мусаллам аст, ки инсон аз ибтидо чандин марҳилаи таҳаввули иҷтимоию фарҳангӣ ва психологию биологиро аз сар гузаронида, дар ин раванд ба тағйироти зиёде рӯ ба рӯ гардидааст, ки чунин раванд ба тағийри андешаҳои мутафаккирон низ бе таъсир намондааст.

Мавзуи таҳқиқи рисолаи мазкур ба таҳлили масъалаи инсон дар таълимоти яке аз мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёнаи тоҷик Фахриддини Розӣ (1149-1209) бахшида шудааст. Мутафаккир, бешак, бо афкор ва ҷаҳонбинии фалсафии хоси худ дар радифи бузургтарин файласуфон ва мутафаккирони шарқӣ қарор гирифта, ғояву андешаҳои фалсафиаш чун дигар мутафаккирон арзиши хосса дорад ва омӯзиши онҳо дар шароити имрӯза аз аҳамият холӣ нест, зеро ҳар яке аз онҳо метавонанд чун заминаи ғоявӣ ва фарҳангӣ барои наслҳои имрӯз ва оянда хидмат кунанд.

Омӯзиши афкору андешаҳои инсоншиносии Фахриддини Розӣ нишон медиҳад, ки ӯ ба ҷуз фалсафа дар соҳаи антропология, ахлоқ, зебоишиносӣ ва дигар соҳаҳои илм низ саҳми бузург гузоштааст. Вале то ба ҳол андешаҳои фалсафӣ, мантиқӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва антропологии ӯ мавриди омӯзишу баррасии мукаммал қарор нагирифтаанд. Бинобар он, яке аз вазифаҳои муҳиме, ки дар назди муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни ҷумҳуриамон, ба хусус мутахассисони фалсафа, истодааст, масъалаи таҳқиқи осори гузаштагон, аз ҷумла осори гаронбаҳои илмию фалсафии Фахриддини Розӣ мебошад, зеро омӯзиши

осори гузаштагон ба мардуми Тоҷикистон ва саъю талоши онҳо дар раванди эҳёву бунёди пояҳои давлатдорию фарҳангии миллӣ кӯмак менамояд, ҳамчунин дар рушди худшиносию ифтихори миллии онҳо таъсири зиёд дорад. Ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаи худ бахшида ба 115 солагии қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон олими шуҳратманди тоҷик Бобоҷон Ғафуров даъват намуданд, ки “ҳадафи мо аз гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик ин аст, ки таърихи пурифтихор ва мероси пурбори илмӣ, адабӣ ва фарҳангиву тамаддунии худро соҳибӣ ва ҳимоя кунем, ин таърихи пурифтихор ва ин мероси гаронмояро ба хотири иттиҳоду сарҷамъӣ ва сарбаландиву сарфарозии мардумамон, ободии Ватани аҷдодиамон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллиамон ҳарчи бештар ва оқилона истифода барем.”.[1]

Сарфи назар аз он ки таърихи фалсафаи тоҷик дар омӯзиши масоили инсоншиносии мутафаккирони гузашта қадамҳои ҷиддӣ гузоштааст, вале ҳанӯз ҳам андешаҳои инсоншиносии бисёре аз мутафаккирони асримиёнагӣ, ки дорои аҳамияти зиёд мебошанд, омӯхта нашудаанд. Таълимоти Фахриддини Розӣ оид ба инсон низ аз ҷумлаи онҳо буда, омӯзишу таҳқиқи осори ин хирадманд дорои аҳамияти хос мебошад, зеро таҳқиқи осори ӯ нишон медиҳад, ки дастовардҳои зиёди илмӣ-фалсафии аҳди бостону асримиёна дар осори ӯ гирд оварда шудаанд, ки онҳо дорои арзиши баланди илмӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Андешаҳои инсоншиносии ӯ аз аҳамияти назариявӣ ва методологӣ холӣ набуда, муносибати ратсионалистонаи ӯ ба ҳайси мутакаллими ақлгаро дар созиш додану мустақар намудани принсипҳои озодии виҷдон ва таҳаммулгароӣ нақши бузург доранд. Муҳиммияти

[1] Раҳмон Э. Суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи точик», ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров http://prezident.tj/ node/32064 (Санаи муроҷиат 15.12.2023)

мавзуи инсоншиносии Фахриддини Розӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ неруҳои ботинии инсонро аз мавқеи фалсафа ва ратсионализми динӣ нишон дода, огоҳии инсонро дар доираи ҷавҳари аслии худаш арзёбӣ кардааст. Аз ин назар, ҳангоми пажуҳиши воқеъбинонаи илмии осори Фахриддини Розӣ, ба вижа, таълимоти инсоншиносии ӯ, ба чунин натиҷа метавон расид, ки он дар муқобили назарияҳои исломии тундгарою бунёдгаро дар мавқеи мувофиқ ба афкору назарияҳои ислоҳотгароии исломӣ қарор дорад. То ба ҳол коркард нашудани назари антропологии мутафаккир, аз як тараф ва аз ҷониби дигар - фақат баррасӣ шудани афкори ӯ ба фаҳмиши яктарафаи андешаҳо ва тасаввуроти нодуруст дар бораи ақоидаш оварда мерасонад. Воқеан дар осори Фахриддини Розӣ табиату моҳияти инсон, маънию мақсади зиндагӣ, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, роҳҳои расидан ба камолоти маънавии инсон ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ҳар гуна ҷомеа ва давру замон арзишманд боқӣ мемонанд.

Таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ дорои аҳамияти фалсафӣ-илмӣ буда, дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеаҳои мусалмонӣ мавқеъ ва таъсири шоистаро сазовор аст, зеро таълифоти ин мутафаккир то ба имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарини афкори ақлгароёнаи фалсафӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ хизмат мерасонад. Бо вуҷуди ин, аксари ҷанбаҳои таълимоти ӯ, махсусан, андешаҳои инсоншиносӣ, мантиқӣ, ахлоқӣ-зебоишиносӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва психологияш ба ҳадди зарурӣ таҳқиқ ва коркард нашудаанд.

Омӯзиши осори Фахриддини Розӣ, махсусан дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон аҳамияти бузург дошта, дар ҷустуҷӯи усулҳои оптималии инкишофи шахсият ва ҷомеа, дар заминаи дастоварду анъанаҳои миллӣ ташаккул додани шахсиятҳои баркамоли шаҳрвандони он мусоидат менамоянд, зеро дар таълимоти ин мутафаккир ташаккулёбии шахсияти инсон, рукни муҳими давлату давлатдорӣ дониста мешавад.

Таҳқиқоти мо низ дар ин самт барои коркарди ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва методологии масъалаи инсон ва роҳҳои ташаккули шахсият нигаронида шудааст, зеро он агар, аз як ҷониб, донишҳои илмӣ-назариявӣ ва фалсафию антропологиро ғанитар гардонида бошад, аз ҷониби дигар, ба инкишофи муносибатҳои минбаъдаи иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Инчунин, дар раванди таълим ворид намудани натиҷаҳои таҳқиқот, бидуни шак, таъсири амиқи худро дар ташаккули камолоти ахлоқӣ-маънавии насли наврас расонида, барои ҳадафҳои олӣ дар раванди таълиму тарбияи онҳо мусоидат менамоянд. Пас, зарурияти таҳқиқи мероси Фахриддини Розӣ то ба ҳол ҷой дошта, он дорои манфиати хосса мебошад, зеро ғояҳои ӯ дар бораи инсон ва табиати ӯ, метавонанд дар ташаккули шуури миллӣ ва фалсафии ҷомеаи муосир муассир бошанд. Масоили дар диссертатсия таҳқиқшавандаро анъанаҳои муосири инкишофи иҷтимоӣ-маданӣ, ки таваҷҷуҳи махсус ба инсон, неруҳо ва истеъдодҳои номаҳдуди ӯ ва проблемаҳои омӯзиши инсон дар фалсафаи муосир муайян менамоянд, дар бар мегирад. Бо назардошти сохтори табиати инсон, мутафаккир инсонро ҳамчун мавҷуди олӣ ва тасхиркунандаи дунё ном бурдааст, ки ба фаҳмиши динии мақоми инсон чандон мувофиқ нест. Қобили қайд аст, ки масъалаи моҳияту табиати инсон дар ислом бо мушкилоти зиёду ҷиддие рӯ ба рӯ мебошад ва Фахриддини Розӣ бо вуҷуди намояндаи мактаби калом буданаш, тавонистааст оятҳои қуръониро бо усули ратсионалистонаю мантиқӣ таъбир намояд, ки дар асарҳои зиёди ӯ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла: “Тафсири кабир”, “Ҷомеъу-л-улум”, “Ал-Арбаин фӣ усули дин”, “ан-Нафс ва-р-руҳ”, “Ҳифзу-л-бадан”, “Ал-Матолибу-л-олия мина-л-илми-л-илоҳия” ва ғайра.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи осори Фахриддини Розӣ дар коркарди масъалаҳои фалсафӣ дорои аҳамияти калон мебошанд. Фахриддини Розӣ як қатор ғояҳоеро пешниҳод намудааст, ки бе таҳқиқ

ва омӯзиши онҳо наметавон ҷанбаҳои инсоншиносиро дар фалсафаи форс-тоҷикро ба таври комил ошкор сохт. Ҳамин тавр, зарурати таҳлили амиқ ва гуногунҷанбаи осори Фахридини Розӣ доир ба моҳияти инсон ҷое барои шакку шубҳа боқӣ намегузорад, зеро ӯ аз мавқеи фалсафа ва ақлгароӣ моҳияти инсонро дар байни мавҷудоти дигари олам ба таври муфассалу далелнок нишон додааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар робита ба омӯзиш ва таҳқиқи афкор, осору таълимоти Фахриддини Розӣ бояд қайд кард, ки муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқоти зиёдро ба анҷом расондаанд, ки онҳоро метавон ба чор гурӯҳ тақсим кард: 1) таҳқиқоти муаллифони асримиёнагӣ Ибни Сабкӣ, Ибни Қифтӣ, Ибн Халиқон, Ибни Халдун, Мирзомуҳаммад Боқир Хонсорӣ[1] ва дигарон; 2) таълифоти пажуҳишгарону муҳаққиқони муосир Муҳаммад Солеҳ аз-Заркон, Шиблии Нуъмонӣ, Муҳаммад Рашшод, Насруллоҳи Пурҷавод, Дуктур Сайид Ҳусайни Ҳасанӣ, Моён Муҳаммад Шариф[2] ва дигарон; 3) пажуҳиши муҳаққиқони аврупоӣ Сағир Ҳасани Маъсум, Анавайтӣ Ҷ.С, Ёсин Гелон[3] ва дигарон; 4) таълифоти муҳаққиқони ватанӣ: Баҳоуддинов

---

[1] Абдулвоҳид, бини Алии Сабкӣ. Табақоту-ш-шофиия ал-кабир [Матн] / Сабкӣ. А.А // Тарҷумаи Доктор Муҳаммад Маҳмуди Домғонӣ. - Теҳрон: Фарҳанг ва андеша, 1374. Ҷ. 3-4.; Ҷалолуддини, Қифтӣ. Ахбору-л-ҳукамо [Матн] Қифтӣ Ҷ. // Тасҳеҳи Иброҳим Шамсиддин. - Бейрут, 1903.; Ибни, Холиқон. Вафиёту-л-аъён ва анбоъу-з-замон [Матн] / Холиқон И // Тарҷумаи Аҳмади Сангорӣ. - Теҳрон, 1381.; Ибни, Халдун. Муқаддима [Матн] / Халдун И // Тарҷумаи Муҳаммад Парвин Гундобадӣ. - Теҳрон, 1390. Ҷ. 2.; Мирзомуҳаммад, Боқир Хонсорӣ. Равзату-ҷ-ҷаннот фи аҳволи-л-улама ва-с-содот [Матн] / Хонисорӣ М.Х.-Теҳрон: Доирату-л-маориф,1390.; Муҳаммад, бини Алии Довудӣ. Табақату-л-муфассирин [Матн] / Довудӣ М.А. – Бейрут: Мактабу-л-илму-л-ҳикма, 1418 (1997). Ҷ. 2.

[2] Муҳаммад, Солеҳ аз-Заркон. Фахриддини Розӣ ва ороу-л-каломия ва-л-фалсафия [Матн] / Заркон М.С. – Бейрут: Дорун-нашр, 1963.; Шиблии, Нӯъмонӣ. Илми калом [Матн] / Нӯъмони Ш. – Теҳрон: Асотир, 1386.; Торихи каломи ҷадид [Матн] / Нӯмонӣ Н.-Теҳрон: Асотир, 1386.; Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М. – Душанбе: Ирфон, 2002.; Насруллоҳи, Пурҷавод. Ду муҷаддид [Матн] / Пурҷавод Н. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1381.; Дуктур, Сайид Ҳусайни Ҳасанӣ. Ду файласуфи исломӣ: Хоҷа Насриддини Тӯсӣ ва Имом Фахри Розӣ [Матн] / Ҳасанӣ Д.С.Ҳ. – Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1373.; Али, Асғар Ҳалабӣ. Торихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳалабӣ А.А. – Теҳрон: Асотир, 1373.; Али, Асғар Ҳалабӣ. Таърихи тамаддун дар ислом [Матн] / Ҳалабӣ А.А.-Теҳрон: Асотир, 1372.; Али, Асғар Ҳалабӣ. Торихи илми калом дар Эрон ва ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳалабӣ А.А.-Теҳрон: Асотир, 1365.; Фахриддини, Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ Ф // Тарҷумаи Алӣ Асғари Ҳалабӣ. –Теҳрон: Асотир, 1386.; Моён, Муҳаммад Шариф. Торихи фалсафа дар ислом [Матн] / Шариф М.М. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1367.

[3] Saghir, Hasan Ma,sum. Imam Razi, s «Ilm al-ahlaq» [Текст] / Ma, sum.S.H.- India, 1784.; Anawanti, G. C. "Fakhr al-Din al-Razi. To hide li-Dirasat Hayatin wa TwIuallafatih" in rla raha yusayn fi 'Id Niladih al-

А, Болтаев М.Н, Арабзода Н, Сироҷов Ф, Диноршоев М, Аҳмадов С, Диноршоева З, Қодиров К, Комилов Р, Шамолов А, Тоҷиддин П, Қаландаров М.И.[1] ва дигарон. Аз миёни муҳаққиқони тоҷик-Болтаев М.Н., Арабзода Н., Пиров С. ва Қаландаров М. И. таълимоти Фахриддини Розиро оид ба масъалаҳои фалсафӣ, мантиқӣ ва педагогии ӯ мавриди таҳқиқ қарор дода, Ф. Сироҷов таълимоти мутафаккирро ба афкори Ибни Сино қиёс кардааст. Дар муқоиса бо ҳамаи ин таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ рисолаи Пиров С. бештар ба мавзуи диссетатсияи мо наздик аст, вале аз сабаби хусусиятҳои педагогӣ доштани ин таҳқиқот ба он камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Ба масъалаи инсоншиносӣ ба шакли умум бошад, муҳаққиқон С.Н. Наврӯзов, С.В. Грецкий Н.С. Саидов, М. Музаффарӣ М. Раҳимов И.Ғ. Зиёев, А. Содиқов, Н.Н. Содиқова, И. Умаров, З. Наботов, Ш. Абдуллозода, А. Муҳаммад[2] ва дигарон саҳми хоссаи худро дар таҳқиқи ин масъала гузоштаанд.

---

Khamsin, ppo 193-234 [Текст] / C.G. Anwati.- Cairo, 1962.; Yasin, Ceylan. Theology and Tafsir in The Major Works of Fakhr Al-Din Al-Razi - Yasin Ceylan [Текст] / Ceylan Y.- University of Edinburgh, 1980.

[1] Богоуддинов, А. М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Дагоуддинов. - Душанбе: Дониш, 2001.; Болтаев, М.И., Масоили гносеологӣ дар мантиқӣ Ибни Сино ва мактаби ӯ [Матн] / М.И. Болтаев. – Душанбе, 1966.; Нозир Арабзода. Фахруддини Розӣ [Матн] / Арбазода, Н. - Душанбе: Ирфон, 1993.; Сироҷов, Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар китоби «Наҷот»-и Ибни Сино [Матн] / Ф. Сироҷов. - Душанбе.: Дониш,1980.; Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе.: Дониш, 2011.; Ахмадов, С. Философия калама в современном исламе [Текст] / Ахмедов С. -Душанбе, - 2005.; Нуриддин, С., Аҳмадов, С., Нурулҳақ, Қ., Назаров, Р. Диншиносӣ (китоби дарсӣ) [Матн] / С. Нуриддин., С. Аҳмадов., Қ. Нурулҳақ., Р. Назаров. - Душанбе.: Маориф, 2019.; Диноршоева, З. Таҳофуту-л-фалсфа [Матн] / З. Диноршоева. - Душанбе.: Дониш, 2000.; Қодиров, К. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / К. Қодиров.-Душанбе, 1998.; Комилов, Р. Фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имрӯз [Матн] / Р. Комилов. – Душанбе: Ирфон, 2011.; Шамолов, Абдувоҳид. Ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ: Андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ [Матн] / А. Шамолов. - Душанбе: Дониш, 1996.; Шамолов, Абдувоҳид. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. - Душанбе.: Дониш, 2015.; Пиров, Тоҷиддин. Фахруддини Розӣ ва андешаҳои ахлоқиву тарбиявии ӯ [Матн] / Т. Пиров. - Душанбе, 2015.; Каландаров, М.И. Философско-теологическое учение Фахриддина Рази [Текст] /М.И. Каландаров. - Душанбе, 2018.; Философское учение Фахриддина Рази [Текст] / М.И. Каландаров. –Душанбе, 2020.

[2] Грецкий, С. В. Проблемы антропологии в философских системах Ибн Сины и Фомы Аквинского [Текст] / С. В. Грецкий. Дис. канд. филос. наук. - Душанбе, 1990.; Садиков, А. Роль и предназначение человека в этических взглядах Ибн Сино, торжество разума [Текст] / А. Садиков. – Душанбе.: Дониш, 1988.; Садыкова, Н.Н. Философия кая антропология Мирзо Абдулкодира Бедиля [Текст] / Н.Н. Садыкова. - Душанбе, 2003.; Наботов, З. Проблема человека в накшбандизме [Текст] З. Наботов. - Душанбе, 2002.; Абдуллозода, Ш. Гуманистическая философия [Текст] /Ш. Абдуллоев. - Душанбе.: Дониш, 2003.; Зиёев, И.Г. Проблема человека в философии Мухаммеда Икбала / [Текст] / И.Г. Зиёев. - Душанбе, 1998.; Музаффари, М. Антропологияи Ориёӣ [Матн] / М. Музаффари. – Душанбе.: Дониш, 2006; Музаффари, М. Антропология [Матн] / М. Музаффари. – Душанбе.: Дониш, 2008; Мухаммад, Али. Введение в антропологию [Текст] / Али М. – Душанбе.: Дониш, 1999; Рахимов, М. Философия человека Абуали ибн Сины [Текст] / М. Рахимов.- Душанбе.: Ирфон, 2005; Саидов, Н. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке [Текст] / Н. Саидов. - Душанбе, 2009; Наврузов, С.Н. Реформирование института образования в условиях трансформации

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисиаи давлатии таълимии “Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур” дар мавзуи “Хусусиятҳои ҳаёти маънавии ҷомеа ва таҳаввули он соли 2015-2020” иҷро гардидааст.

таджикского общества [Текст] / С.Н. Наврузов. – Душанбе, 2010; Умаров, И. Философские и этические взгляды Айнулкузота [Текст] / И. Умаров.- Душанбе.: Ирфон, 1984.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот**. Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ омӯзиши таълимоти Фахриддини Розӣ дар бораи инсон мебошад. Амалӣ кардани ин мақсад ба гузориш ва ҳаллу фасли илмии як қатор масъалаҳо вобаста аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- муайян намудан ва омӯхтани ҷойгоҳ ва мақоми инсон дар таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ;

- ошкор намудани асосҳои ғоявии андешаҳои инсоншиносии мутафаккир;

- ошкор сохтани принсипҳое, ки мутаффакир зимни шарҳу баёни масоили инсоншиносӣ ба онҳо бештар таваҷҷуҳ намудааст;

- муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоӣ, психологӣ, ахлоқӣ ва фалсафии таълимоти Фахриддини Розӣ доир ба инсон;

- таҳлили консептуалии назарияи Фахриддини Розӣ доир ба моҳияти инсон ва робитаи он бо онтология ва гносеология;

- нишон додани  аҳамияти таърихӣ ва нақши афкори фалсафии мутафаккир дар рушди фалсафаи муосири  тоҷик;

- муайян намудани шакл ва воситаҳои тарбияи маънавӣ ва ахлоқии инсон дар осори мутафаккир;

- нишон додани андешаҳои инсоншиносии Фахриддини Розӣ вобаста ба консепсияи “инсони комил”, ки яке аз масъалаҳои марказии афкори мутафаккирони асримиёнагӣ ба ҳисоб меравад;

- коркарди тавсияҳои амалӣ роҷеъ ба истифодаи таълимоти Фахриддини Розӣ дар муқобили таассуб ва хурофоти динӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ.

**Предмети таҳқиқот**. Омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии инсон дар таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсия таҳқиқи масъалаи инсонро дар таълимоти Фахриддини Розӣ ва заминаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирро аз аҳди бостон то асрҳои миёна дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мо дар навбати аввал, аз осори худи Фахриддини Розӣ, аз ҷумла «Лавомеъу-л-байинот фӣ шарҳи асмоу-л-лоҳу-т-таъало ва-с-сифот», «Ал-Ишорот ва-т-танбиҳот», «Ар-Рисолат ас-собиъуна ва ишруна фи исботи-л-ҷавҳару-л-фард», «Ал-Арбаъин фи усули-д-дин», «Чаҳордаҳ рисола», «Ал-Бароҳин дар илми калом», «Мабоҳису-л-машриқия фӣ илм илоҳиёт ва табииёт», «Мантиқу-л-мулаххас», «Шарҳу-л-ишорот ва-т-танбеҳот», «Ҳифзу-л-бадан», «Ҷомеъу-л-улум», «Маноқибу-л-имом шофеия», «Ал-Эътиқод фирақу-л-муслимин ва-л-мушрикин», «Китобу-л-ахлоқ», «Ан-Нафс ва-р-рух ва шарҳи қуввоуҳум», «Ар-Рисолату-л-камолия фи-л-ҳақоиқу-л-илоҳия», «Мафотиҳу-л-ғайб» ё «Тафсир кабир» ва ғайра сарчашма гирифтааст.

Дар диссертатсия, инчунин, таълифоти назариявии муҳаққиқони асримиёнагӣ ва файласуфону ҷомеашиносони маъруфи муосир ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои умумӣ-фалсафӣ назариявӣ, мантиқӣ-таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, гипотетикӣ-аксиоматикӣ, индуктивӣ-дедуктивӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Пойгоҳи меъёрӣ-эмпирикии** таҳқиқотро усулҳои методологию назариявии муайянгардида, монанди таҳлилҳои илмӣ-фалсафӣ ва муҳокимаю хулосабарориҳои мантиқӣ ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия нахустин бор ақидаҳои инсоншиносии Фахриддини Розӣ баррасӣ гардида, нуктаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки навгонии диссертатсияро ташкил медиҳанд:

- бори нахуст дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқи илмии моҳияти таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии ӯ анҷом гарифтааст;

- проблемаҳои марказии пайдоиш ва моҳияти инсон дар контексти ҷаҳонбинии мутафаккир мушаххас гардидаанд;

- ҷанбаҳои муҳими таълимоти антропологии мутафаккир нишон дода шудаанд;

- принсипҳои маънавӣ-ахлоқии таълимоти “инсони комил” дар муқоиса бо назарияи ҳаммонанди аҳли тасаввуф асоснок шудааст;

- таҳлили илмии ратсионализми Фахриддини Розӣ доир ба инсон ва мухолифати он ба таассуби динӣ анҷом ёфтааст;

- баррасии илмии далелҳои Фахриддини Розӣ бар зидди фатализми Ғазолӣ ва бар ҳимояи аҳли фалсафа анҷом ёфтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фахриддини Розӣ хусусиятҳо ва вижагиҳои инсонро ҳамчун мавҷуди антропобиосотсиогенезӣ таҳқиқ намуда, моҳияти онро бо далелҳои фалсафӣ ва каломӣ шарҳу баён кардааст. Масъалагузорӣ ва саъю талошҳои мутафаккирро оид ба инсон ва проблемаҳои мутааллиқ ба ӯро метавон дар доираи умумии посухҳои ӯ ба суоли “инсон кист?” муайян намуд;

2. Таълимоти Фахриддини Розӣ дар бораи инсон зери таъсири ҷаҳонбинии мутафаккирони атиқа ва асримиёнагӣ ташаккул ёфта, мақом ва имконоти номаҳдуди нерӯҳои ҳаётии инсонро ҳамчун мавҷуди моддию руҳонӣ ва ба камолрасида нишон медиҳад. Ҷойгоҳи инсон дар олам, робита ва муносибати ӯ ба Худо, маънои зиндагӣ масоиле ҳастанд, ки аз ҷониби мутафаккир возеҳу равшан ба миён гузошта шудаанд;

3. Дар осори хеш Фахриддини Розӣ масъалаи инсонро ҷузъи таркибии масъалаи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии дониста, онро ҳамчун муайянкунандаи ченаки асосии олами ҳастӣ донистааст, яъне

инсони ормонии ӯ инсони ақлгаро ва дур аз ҳамагуна таассубу хурофот мебошад;

4. Дар инсоншиносии Фахриддини Розӣ, асли марказӣ ва ё ҷавҳари асосӣ саъю талош барои дарки озодии инсон, шарофат ва саодати ӯ дар олам мебошад. Ӯ мехоҳад нишон диҳад, ки инсон ба ҳайси як мавҷуди олӣ, имкони тағйири қавлу амали худро дорад;

5. Инсоншиносии ӯ дар самти ақлгароёна ташаккул ёфта, шинохти инсонро дар заминаи дастовардҳои илмҳои замони худ коркард намудааст;

6. Дар таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ раванди таълиму тарбия ҳамчун раванди муттасили ба камолрасии маънавии инсон дар доираи дарки аслу ҷавҳари инсонӣ, ҷалби ӯ ба арзишҳои ахлоқӣ ва хоҳиши ба даст овардани камолоти худӣ мебошад. Мутафаккир таълимоти худро дар бораи озодии инсон ва роҳҳои ба даст овардани камолоти маънавиро нишон дода, дар ин асос назарияи “инсони комил” –ро таҳлил намудааст;

7. Муносибати воқеъбинонаи инсоншиносии Фахриддини Розӣ аз эътиқод ва афкори динии ӯ ҷудо нест, вале афкори ӯ ба таври пурра пойбанди назариёти динӣ қарор нагирифтааст, ки ин муносибати муросокоронаи ӯро дар нисбати дин ва фалсафа нишон медиҳад;

8. Кӯшишҳои Фахриддини Розӣ ҷиҳати берун шудан аз маҳдудияти шуури анъанавии динӣ оид ба инсон ва мақому ҷойгоҳи ӯ нишон медиҳад, ки ӯ барои нишон додани инсони дорои ихтиёр талош намуда, бархилофи назарияи ҷабри динӣ назари озодии ихтиёрро асоснок намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд дар коркарди курсҳои махсуси таълимӣ ва лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ,

сотсиология, психология, диншиносӣ ва ғайра метавон истифода шавад. Инчунин, ғояҳои илмии диссертатсияро метавон дар тадқиқоти соҳаи сотсиология, психология, корҳои ташвиқотӣ дар мубориза алайҳи мафкураи тундрави динӣ ва ҳамчунин дар омодасозии маводи таълимӣ аз рӯи мавзуи мавриди баҳс, истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок менамояд. Ҳамчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар баёни мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фикру андешаҳо ва равшанию возеҳии онҳо буда, дар истифодаи методҳои илмии истифодашуда бо таҳқиқоти таърихи фалсафа ва инсоншиносӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мавзуи диссертатсия ба ҳайси сарчашма асарҳои худи Фахриддини Розӣ ва манбаъҳои илмӣ-таърихӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо ба даст омадаанд. Хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлилҳои илмӣ-фалсафии он натиҷагирӣ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи “Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ” бо шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот саҳми шахсӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва кафедраи таърихи

фалсафаи ДМТ, протоколи № 9 аз 24-уми апреми соли 2024 муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои дохилидонишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар ҳашт мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд, ки аз ин шумора сетояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳафттои дигар дар маҷмуаи мақолаҳои конференсионӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА ҒОЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ТАЪЛИМОТИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ

## 1.1. Заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ

Дар асри X-XIII хилофатро агар ҳамчун минтақаи ягонаи сиёсӣ ва фарҳангӣ ба назар гирем, минтақаеро мемонад, ки бо вазъи сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва динию фалсафияш аз дигар манотиқ ба куллӣ фарқ мекард, яъне авзои ноорому зиддиятҳои ақидавии ин давра ҳеҷ як минтақаеро ба таври комил ором намегузошт. Аз сабаби он ки дар ин давра давлатҳои мустақил ва ниммустақил амал мекарданд, мардумонашон бо фарҳангу анъанаҳои мухталиф эътиқод дошта, аз онҳо пайравӣ менамуданд. Чунин муносибат имкон намедод то ҳама минтақаҳо зери як афкору назария ва анъанае муттаҳид бошанд. Чунин муносибат сабаб гардид, то дар асрҳои XII-XIII аксар гӯшаҳои ҷаҳони ислом, ки ҳамчун минтақаи ягонаи сиёсӣ-фарҳангӣ тасаввур мешуданд, бо шароити таърихию иҷтимоӣ ва фарҳангияшон якранг амал намоянд. Маҳз аз рӯи чунин хусусиятҳо ин давраро ҳамчун давраи пуртазоди муборизаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва динию фалсафӣ, иқтисодию фарҳангии ҳукуматҳои гуногун қаламдод кардаанд, ки ҳукумати Ғазнавӣ дар Хурсон ва ҳукуматҳои эронӣ дар Ироқу Форс, Кирмону Гургон ва Табаристон, ки ба тасаллути пайдарҳами қабилаҳо, ғуломони турк дар Эрон ва дигар манотиқи Ховари Наздик оварда расонид, исботи ин гуфтаҳост.

Ҳаёт ва фаъолияти Фахриддини Розӣ (1149-1209) ба ҳайси як фақеҳ, файласуф, муаррих, пизишк, муфассир, хатиб ва мутакаллими ақлгаро[1] дар шаҳри Райи Эрон ба ҳамин давра, яъне замони салтанати салчуқиҳо рост меояд, ки саршор аз мунокишаҳои сиёсӣ, муборизаҳои гурӯҳҳои

[1] Исҳоқ, Ҳусайни Куҳсорӣ. Торихи фалсафаи исломӣ [Матн] / Куҳсорӣ И.Ҳ. –Теҳрон.: Амири кабир, 1382.-С 160.

гуногун барои ба даст овардани ҳокимият буд, рост меояд. Дар минтақаҳои гуногуни Хуросону Мовароуннаҳр ҳукуматҳои мухталиф баҳри ба даст овардани ҳокимият мубориза мебурданд. Авлоди малик Иззуддин-Шаҳобуддин Муҳаммади Хурнак-малики Модину Ғур-Фахруддини Масъуд-амири Бомиёну Тахористон, султон Алоуддини Ҳусайн-подшоҳи Ғуру Ғазнину Бомиён, Султон Баҳоуддини Сом-подшоҳи Ғур, Маликулҷибол Қутбуддин Муҳаммад-амири Ғуру Фирӯзкӯҳ, малик Шуҷоуддин-амири Хуросону Ғур,[1] ки ҳар яке дорои хислат ва хулқи хоссаи худ буд, ҳукмрон буданд. Байни ин давлатҳо барои забту васеъ намудани ҳудудҳои худ ва аз ҷониби дигар, баланд бардоштани мақом ва нуфузи сиёсӣ мубориза мерафт, вале метавон таъкид кард, ки байни ин давлатҳо мақоми олитарину қудратмандро давлати Ғуриҳо соҳиб гашта буданд, зеро онҳо аз ҷиҳати ҳудуд ва марказҳои илмию фарҳангӣ нисбатан пешсафтар буданд, чун ҳокимони он нисбат ба аҳли илму адаб ва бунёди марказҳои илмию мадрасаҳо таваҷҷуҳи зиёдтар нишон медоданд. Масалан, чун Маликулҷибол ба Ғазнин рафт ва амири шаҳри Фирӯзкӯҳ муҳмал гузошт, султон Баҳоуддин аз Санга ба Фирӯзкӯҳ омад ва шаҳрҳо иморат кард ва он биноҳову қасри салтанатро ба итмом расонид.[2]

Маврид ба зикр аст, ки зиндагии Фахриддини Розӣ ба рӯзгори яке аз амирони ғуриҳо Ғиёсуддини Ғурӣ рост меояд. Ғуриҳо дар мубориза бар зидди Хоразмшоҳ ҳокимони Марв, ҳамчунин Ғазнавиҳо дар Ҳиндустон қарор доштанд. Дар "давраи Султон Ғиёсуддин давлати Ғуриҳо сарзамини васеъеро ихтиёр мекарданд, ки ҳудудаш аз Ҳиндустон сар карда, то Марв (аз Банголия то Хуросону Хоразму Нисо ва дар ҷануб то баҳри Араб) доман дошт. Дар аҳди Ғиёсуддин Муҳаммад ва Шаҳобуддин қариб тамоми хоки ҳозираи Афғонистон, Синд, Панҷоб,

---

[1] Нурмуҳаммади, Амиршоҳӣ. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV [Матн] / Амиршоҳӣ Н.- Душанбе.: Амри илм, 1999. -С. 454.
[2] Ҳамон -С. 457.

Банорас ва дигар вилояту шаҳрҳои Ҳиндустонро зери тасарруфи худ даровварданд”.[1]

Набардҳое, ки дар байни Хоразмшоҳу Ғуриҳо доир шуд, ин минтақаҳоро ба харобӣ ва мардумонашро ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ сохт. Ибтидои асри XII-XIII дар Осиёи Марказӣ, Эрон, Ҳиндустон ва Синд муборизаҳои шадид ва бераҳмона барои ба даст овардани ҳокимият байни Хорзмшоҳ Алоуддин Муҳаммад ва шоҳони соҳибқудрати Ғурӣ, аз ҷумла Ғиёсуддини Муҳаммад ва бародараш Шаҳобуддин ба миён омад. Чун Малик Шаҳобуддин Муҳаммад бародари султон Сом буд, Модин низ қисмате аз хиттаи вилояти Ғур гардид, ки баъди вофоти падарашон бародарон ин минтақаро ба ӯ дода буданд. Хуросону Фирӯзкӯҳ, ки марказҳои илмию фарҳангӣ маҳсуб мешуданд, нисбати дигар минтақаҳо таваҷҷуҳи ҳокимонро ба худ бештар ҷалб мекарданд, махсусан “шаҳрҳои Фирӯзкӯҳ ва Ғазна пойтахти давлати Ғуриён”[2] табдил ёфта буданд. Аз ҷониби дигар, лашкари Ғуру Ғазнин ва Бомиён ба рудбори Марв баҳри дифои Султоншоҳ муттаҳид шуда, бо фармони Хусравмалик ҳар соле вилояту шаҳреро ба давлати Ғур ҳамроҳ мекарданд. Дар ин ҳангом султон Ғиёсуддин ва Муъизуддин бо лашкари Ғуру Ғазнин ба самти Хуросон ҳаракат намуда, ҷониби Нишопур рафта, он ҷоро забт намуданд. Вале малик Алишоҳ писари Текеши Хоразмшоҳ бо мулуки Хоразм, ки он ҳукмронӣ доштанд, монанди Сартошу Килзикхон дастгир шуданд, аммо Зиёуддини Шинасбонӣ бошад, бинобар сабаби аммазодаи ҳарду шоҳ буданаш, ҳокими Нишопур таъйин мешавад. Ин муборизаи онҳо аз Марв то Бомиён, аз машриқи Ҳиндустон то сарҳади Чину Мочин расида буд.

Дар аввал Муҳаммад Хоразмшоҳ бо султон Ғиёсуддун муносибати хубе дошт, ба қавли Сиқот, ки аз забони Текеши Хоразмшоҳ нақл

[1]Энсиклопедияи советии тоҷик. -Душанбе.: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1983, Ҷ.8. –С. 778

[2] Ҳамон ҷо. Ҷ.8. –С. 778.

мекунад: “Муҳаммад Хоразмшоҳ ба хидмати султон Ғиёсуддин сароҳу расул фиристод, ки миёни салотину падари ман аҳди маддавату мурофақат мустаҳкам буд ва банда мехоҳад, то бад-он қарор дар силки дигар бандагон бошад... ва бо ҳазрати Ғиёсия бандаро ташриф мисоли Хоразму Хуросон бошад. Банда Ироқу Моваруннаҳрро аз дасти мухолифон мустахсал кунад”.[1] Аз ин ҷангҳо ва задухӯрдҳои дохиливу берунӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки байни ҳокимон барои забт намудан ва баланд бардоштани мавқеи сиёсии худ муборизаҳои шадиде сурат мегирифтааст ва ҳар яке барои расидан ба ҳадафҳои худ аз роҳу усулҳои гуногун истифода менамудаанд. Масалан, исифодаи чунин усулҳоро дар фаъолияти Хоразмшоҳ Насавӣ чунин шарҳ додааст: “...аз соли 1208 бошад, Хорзмшоҳ ба ҳар гуна восита тавонист шаҳрҳои асосии Хуросон: Марву Ҳирот, Балху Нишопур ва ғайраро ба худ гирад. Ҳатто ба Хоразмшоҳ муяссар шуд, ки дар Осиёи Марказӣ қисмати асосии онро тобеи худ созад”.[2]

Дар замони ҳукмронии Ғиёсуддин вазъи дорулхилофа хеле муътадил буда, байни пайравони мазҳабҳо ва шоҳон муоҳида ва баҳсҳои илмию динӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ сурат мегирифтанд. Махсусан байни намояндагони равияҳои ҳанафию шофеӣ, муътазилаю ашъария, кароимю исмоилӣ ва ғайра баҳсҳои шадиде сурат мегирифтанд, ки баъзан ҳолат ин баҳсҳо ба ҷанг меанҷомид. Аз сабаби он ки Ғиёсуддину бародараш пайрави каромия буданд, ба ин тариқа бештар имконият фароҳам месохтанд. Аммо баъдтар Ғиёсуддин мазҳаби шофеиро қабул кард ва нисбат ба он эҳтироми зиёдтарро қоил гардид. Давлати Хоразмшоҳиён дар даврони Алоуддин Текеш 1171-1203), ки яке аз давлатҳои соҳибқудрат ба ҳисоб мерафт, бо Ғуриҳо, аз ҷумла Ғиёсуддини Ғурӣ ва бародарзодааш Шаҳобуддин муоҳидае баста шуд. Аммо аз

[1] Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV [Матн] / Амиршоҳӣ Н.- Душанбе.: Амри илм, 1999. –С. 479.
[2]Шихаб ад-Дин Мухаммад ан-Насави. Сират ас-султан Джалал ад-Дин Манкбурни [Текст] / ан-Насави Ш. М. –М.: Наука, 1996.-С. 4.

замони ба сари тахт омадани Хоразмшоҳ то як андоза байни шоҳон шаробу ишратпарастӣ авҷ гирифт, вале Ғиёсуддин ва бародараш подшоҳи хушахлоқу хушмуошират буданд, он қадар ба айшу ишрат таваҷҷуҳе намекарданд, яъне табиати онҳо бештар ба илмҷӯӣ, эҳтироми аҳли илму адаб ва вазирону донишмандон равона гардида буд. Бо вуҷуди он ки дар низоми давлатдории онҳо баъзе мушкилот пеш меомад, лекин бо сабаби аҳдномае, ки байни Ғиёсуддину бародараш Муҳаммади Сом ва Муҳаммади Хоразмшоҳ баста шуда буд, онҳоро водор мекард, ки паҳлӯи ҳамдигар бошанд. Вале ин муоҳида рақобати онҳоро на аз байн бурд ва на заиф сохт. Бо вуҷуди ин дар мубориза бо туркони салчуқӣ Хоразмшоҳиён ва Ғуриён ба ҳамдигар кӯмак мекарданд. Мутобиқи ин шартномаи сулҳ як қисми Хуросон дар итоати Ғуриҳо қарор дошт, вале ин муносибат дер давом накард. Баъди Ғиёсуддин ва Шаҳобуддин давлати ғуриҳо хело заиф шуда буд ва соли 1215 Хоразмшоҳиён дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Хоразмшоҳ ба Ғуриҳо ҳуҷум намуда, тамоми Ғурро ба даст даровcovered ва ба мавҷудияти давлати Ғуриҳо хотима доданд.[1]

Ҳамчунон ки қаблан ишора намудем, ин ду давлат минтақаи сернуфузи пайравони мазҳаби суннӣ (ҳанафию шофеӣ) ва ҳамчунин карромия буда, аз ҷониби ҳукуматдорони давр пуштибонӣ карда мешуданд. Маҳз имкониятҳои мазҳабӣ метавонист то андозае зиддиятҳои ақидавиро байни мардум ва ҳокимият хотима гузорад. Баҳоуддини Сом низ баъд аз марги падараш ҳокими сулҳдӯст, одилу адолатпарвар буд. Муаррихон дар он замон, ҳеҷ ҳокимеро баробари Боҳоуддини Сом дар иттифоқ бо уламои давр олимпарвартар зикр накардаанд, ба он сабаб ки эшон пайваста дар ҳузури аҳли илму адаб ҳузур доштанд ва аз баҳсҳои байни олимону фақеҳон ва мутакаллимони равияҳо ҳаловат мебурд.

[1] Пирумшоев, Х. История таджикского народа [Текст] / Х. Пирумшоев. Том 1. -Душанбе.: Дониш, 2013.-С. 102.

Маҳз чунин хусусияти аҳли илму адабпарварияш буд, ки Фахриддин Муҳаммади Розӣ барои ӯ рисолае бо номи «Рисолаи Баҳоия»-ро таълиф намуда, муддатҳо дар лутфу марҳамати ӯ қарор дошт. Ҳаёту фаъолияти Фахриддини Розӣ, ки ба ҳукмронии ҳар ду салтанат рост меояд, аз ҷониби яке аз ҳокимони ин сулолаҳо, яъне Ғиёсуддини Ғурӣ зери лутфу марҳамати зиёд қарор мегирад. Чунин лутфу марҳамат барои Имом Фахри Розӣ аз ҷониби Ғиёсуддин имкониятеро фароҳам овард, ки барояш дар Ҳирот мадрасае бунёд намуда, ӯро дар он мадраса ба ҳайси устод таъйин сохт.[1]

Дар дарбори Ғиёсуддин пайваста баҳсҳои илмӣ ва мазҳабӣ сурат мегирифт, алалхусус дар байни фақеҳони ҳанифию каромия. Дар айни замон доир ба масъалҳои гуногуни фалсафа ва дин монанди масъалаи офариниш, тақдиру сарнавишт, озодӣ ва ирода, руҳу нафс ва ғайра назди султон Ғиёсуддин ва аҳли дарбор баҳсҳо сурат мегирифтанд, ки баъзан сабаби сар задани низоъҳои ақидавӣ-мафкуравӣ низ мегардиданд ва Ғиёсуддин аз ин фазои озоди илмӣ хушҳол мешуд. Фахриддини Розӣ низ дар ин баҳсҳо фаъолона иштирок дошт, ҳатто аксар ҳолатҳо, дар асоси далелҳои мантиқию фалсафӣ ва бо овардани назарияҳои ақлӣ аз фалсафаю дин пирӯз мешуд, ки ин муносибаташ ба намояндагони дигар равияву ҷараёнҳо, бахусус суфиёну карромиён хӯшоянд набуд. Фахриддини Розӣ пас аз таҳсил ба Мовароуннаҳр сафар намуда, назди Ғиёсуддин ва бародараш Шаҳобуддин, ки подшоҳони Ғур буданд, соҳиби эҳтиром ва мақоми хоса шуд, вале ин эҳтироми ӯ дер давом накард. Зеро Имом Фахри Розӣ тавассути эътироз ва интиқод дар масъалаи таҷсими (дорои ҷисм донистани Худо - Э.Б.) карромиён ва имоми маъсуми шиаҳо дар садади қатли ӯ баромаданд. Масалан, ба ақидаи Ибни Кором “Худо мавҷуди ҷисмонӣ ва дорои аъзову ҳаракат буда, ҳамчун ҷисм Ӯ аз зер ва сӯй диданашаванда ба Арш бармехӯрад, Арш бошад, ҷойгоҳи Худо

---

[1] Буняков М. Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов: 1097-1231 [Текст] / М. Буняков. — Москва.: Наука, 1986. –С. 61.

аст...”[1] Чунин баҳсҳо сабаби низои байни Фахри Розӣ ва раиси карромиён Ибни Қудуҳ то ҳадде баланд рафт, ки Фахриддини Розӣ ӯро ошкоро таҳқир намуд ва ин сабаби берун шудани ӯ аз дарбори Ғуриҳо гардид.[2]

Чунин суннати баҳсу мунозира дар дарбори дигар шоҳону ҳокимон низ ҷорӣ буд ва маъмулан сабаби мусофират ва муҳоҷирати аҳли илм мешуд. Ҳамин тавр, ин баҳсҳо то ҳадде шиддат гирифта буданд, ки дар сурати пирӯзии як гурӯҳ, ҷонибдорони гурӯҳи дигар ноилоҷ дарборро тарк менамуд ё тобеъи фикри мухолиф мешуд. Фахриддини Розӣ дар дарбори Хоразмшоҳиён, хусусан давраи ҳукмронии Текеш, ки шахси диндор ва илмдӯст буд, зери пуштибонию дастгирии султон қарор гирифт. Ба қавли Ибни Қифтӣ, Фахриддини Розӣ ҳангоми омӯзиш ва таълими улуми фалсафаю мантиқ ба Хуросон рафта, дар он ҷо ба осору таълимоти Ибни Сино ошно ва ба мутолиаи онҳо машғул гардид. Баъдҳо ба хотири ҳимояти Бани Маъзо (яке аз хонадони уламои ҳанафӣ) дар Бухоро ба самти Мовароуннаҳр тағйири масир дод. Аммо аз бахти баду фақр ранҷ бурда, дар роҳи сафар бемор шуд ва ночор аз мавқуфоту хайроти ҷамъияти бозаргони хориҷи Бухоро, имрори маош кард. Аммо варақи барг ва иқболаш тағйир кард: «сипас ӯ Бухороро тарк кард ва масири худро ба самти Хуросон дар пеш гирифт, ҷое ки мулоқоташ бо Муҳаммади Хоразмшоҳ рух дод. Хоразмшоҳ ӯро назди худ нигоҳ дошт ва Фахриддин муқарраби дарбори ӯ гардид. Ӯ ҷойгоҳи Фахрро иртиқоъ дод ва мақарри собите ба ӯ ихтисос дод. Муҳаббати Фахри Розӣ дар дили подшоҳ нишаст, сарватманд ва соҳиби фарзандон шуда, то поёни умр дар он ҷо монд».[3]

Маҳз дар давраи ӯ нуфуз ва шуҳрати илмии Фахриддини Розӣ баланд шуд ва муридону пайравонаш рӯз аз рӯз зиёд шуданд. Ба қавле

---

[1] Гарберт, Франке., Игрек, Минус. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он // Тарҷумаи тоҷикӣ. У. Ашуров., М Саидов [Матн] /Франке Г., Минус И. –Душанбе.: Мир, 1986, -С.87.
[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф. – Теҳрон.: Асотир, 1381, Ҷ. 1.-С.12-13.
[3] Ибни, Қифтӣ. Торих-ул-ҳукамо [Матн] / Қифтӣ И. –Бейрут.: Доирату-л-маориф, 1903.-С.291.

муҳассилини ҳалқаи дарсаш ба ду ҳазор нафар расида буд ва чун ба уштур менишаст, мутаҷовизан сесад тан аз тулоби улум дар рикобаш ба роҳ афтода ва суханонашро, ки дар посухи истифодакунандагон мефармуд, менавиштанду исғо (қимат, ҷустуҷӯ – Э.Б.) мекарданд."[1] Дар ҳамин давра, ӯ тавонист на танҳо ба омӯзиш ва таҳқиқи фиқҳу калом, балки ба фалсафаю мантиқи машшоиён, бахусус Форобию Ибни Сино машғул шавад. Муҳимтарин масъалае, ки мавриди зикр аст, муносибати Фахриддини Розӣ ҳамчун мутакаллим зери ғояҳои фалсафӣ қарор гирифтанаш мебошад. Ҳарчанд дар дарбори Хоразмшоҳиён руҳияи илмҷӯӣ ва илмталабӣ мавқеъ дошт, вале бо вуҷуди ин тасаллути амалияи исломи расмӣ эҳсос мешуд.

Ҷиҳати муҳими дигаре, ки шоистаи таъкид аст, давом ёфтани суннати бунёд намудани мадрасаҳо дар замони салчуқиён буд, ки ин муносибат дар раванди бедории ҷомеа ва тарбияи шахсиятҳои нав дар ҷодаҳои гуногуни илму сиёсат нақши калидӣ дошт. Низомияҳои бунёд намудаи Низомулмулк аз байн нарафта, ҳокимони замон дар радифи онҳо барои шуҳрати худ мадрасаҳои нав месохтанд. Аз ҷумла, аз ҷониби Ғиёсуддин дар Ҳирот бино шудани мадрасаи нав мисоли равшани он аст. Аз ҷумлаи ин мадорис, мадрасаи "Саидтоҷуддин Муҳаммади Гилкӣ" дар шаҳри Рай, мадрасаи "Шамсулислом Ҳасако ба номи "Бобуя", мадрасаи фиқҳи Ални Ҷостӣ, мадрасаи "Куяи Фирӯза", мадрасаи "Азизулмулк", мадрасаи "Арабшоҳӣ", мадрасаи "Низомия", мадрасаи "Низомияи Бағдод", мадрасаи "Низомияи Исфаҳон", мадрасаи "Ҳамадон", мадрасаи "Балтосия", мадрасаи "Тоҷия", мадрасаи "Тотшио", мадрасаи "Сувкуловмид", мадрасаи "Мустансира"[2] ва ғайра таъсис ёфтанд. Хоразмшоҳиён низ ин корро давом дода, дар аксар шаҳрҳои зери тасаллути худ қарордошта чунин мадрасаҳо бино карданд. Бо вуҷуди ин

[1] Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М. –Душанбе.: Ирфон, 2001, Ҷ.3-4.-С.310.

[2] Забеҳуллоҳи, Сафо. Торихи адабиёт дар Эрон [Матн] / Сафо М.-Теҳрон.: Фирдавсӣ, Ҷ.2.-201-202.

озодӣ ва таҳаммулпазирии асри аввали Аббосиён бо сабаби кашмакашиву ҷангҳои истилогарона, аксарашон зери шиорҳои адолати иҷтимоӣ ва густаришёбии дин сурат мегирифтанд, ки ба мурососозии мазҳабҳои дигар заминаи хуберо ба вуҷуд овարданд. Вале аз ҷониби дигар бошад, ин муносибатҳо боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои гурӯҳҳои гуногуни мазҳабӣ низ дар Мовароуннаҳру Хуросон гардид. Махсусан мубориза҃ҳо байни карромияву исмоилия, имомия, муътазила, ашъария, ҳанафия, аҳли калому машшоия, ишроқияву суфия ва ғайра хело ривоҷ ёфта буд, бахусус байни карромиёну муътазилиён, исмоилиёну имомиён, ашъариёну ҳанафиён, сӯфиёну мутакаллимон ба таври ҷиддӣ сурат мегирифт. Дар тӯли ҳукмронии ҳам Ғуриҳо ва ҳам Хоразмшоҳиён масъалаи инсон дар доираи баҳсҳои каломӣ чун дигар масъалаҳои марказии дину фалсафа байни равияву ҷараёнҳо сурат мегирифт, ҳатто авҷи ин баҳсу зиддиятҳои ақидавӣ дар сатҳи ҳокимият низ мушоҳида мешуд, зеро гурӯҳе ӯро озоду қудратманд, дигаре заифу нотавон ва сеюмин пойбанди тақдиру сарнавишт тавсиф менамуд.

Муҳаққиқон сабаби ин ихтилофҳоро дар пурра тобеи ислом қарор надоштани мардуми ин минтақа медонанд, зеро бо вуҷуди он ки оли Шинасб дар замони ҳукмронии давлатҳои бузурги минтақа, монанди: Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салчуқиён зимомии вилояти Ғурро ба ихтиёри худ доштанд ва исломро қабул карда буданд, вале на ҳама мардуми он эътиқодманди ислом буданд, ки ин боиси норизогию хусумати ҳокимон мешуд.[1] Ганчанде дар замони Ғазнавиён кӯшишҳои ҷиддӣ баҳри пурра тобеъ намудани кӯҳистони Ғур сурат гирифтанд, вале ҳангоми ба сари тахт омадани Иззуддини Ҳусайн дар ҳаёти ғуриён ва ин матиқа тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Ҳафт тан аз писарони Иззудин, ки писарони ғайратманд буданд, баҳри васеъ

[1] Нурмуҳаммад, Амиршоҳӣ. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV [Матн] / Амиршоҳӣ Н. – Душанбе.: Амри илм, 1999. С-435.

намудани минтақа камар бастанд ва ҳамагӣ барои мустаҳкам намудани ҳокимият ба гапи якдигар гӯш медоданд. Дар натиҷаи тақсимоти минтақаҳои гуногун, Фирӯзкӯҳ ба Қутбиддин афтод ва онро пойтахти худ эълон намуд, ки дар як муддати кӯтоҳ он пойтахти тамоми Ғур ва баъдтар пойтахти салтанати Ғуриён гардид. Минбаъд, аз ҷониби дигар, авҷ гирифтани равияҳои дигар, бахусус карромия дар ин минтақа ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоии он бетаъсир намонд, зеро як аз омили асосии низоҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ баҳсу мунозираи Фахриддини Розӣ бо пешвои карромиён буд, ки ҳокимиятро дар муқобили ӯ шурониданд.

Сиёсати салчуқиён, ки аз лиҳози аҳамият баъд аз сиёсати араб бузургтарин ҳодисаи таърихӣ дар зиндагии мардуми Ховари Наздик ба шумор меравад, барои расидан ба ҳадафҳои дар пеш гузоштаашон ва ҷалби аҳолӣ, аз ҷумла руҳониёну қисмате аз аъёну ашрофи маҳаллӣ ва таъмину пуштибонии онҳо дар лаҳазоти зарурӣ бар хилофи рустоҳои қабилаҳои муғулнишин, истифода менамуданд. Мавқеи ҳокимони ин давра аз лиҳози иқтидори дохилӣ ва берунӣ аз Ироқу Аҷам, Форсу Хоразм то Озорбойҷону Эрон пайванди сиёсӣ бо ҳокимияти салчуқӣ доштанд.[1]

Чунин муносибати иҷтимоъю ғоявӣ дар низоми маҳаллию давлатӣ, ки дар он пайравони динҳои мухталиф зиндагӣ ва фаъолият менамуданд, исломро мувоҷҷеҳ бо хатари бузурге рӯ ба рӯ сохт, яъне фирқаҳои “порсиву исавӣ, яҳудиву зиндиқа аз ҳар тараф бархоста, осебе, ки дар оғози фатҳи ислом аз шамшер дида буданд, хостанд бо забону қалам аз он интиқом бигиранд ва дар ақоиду масоили мазҳабӣ чунон ба озодӣ бинои интиқод ва нуктасанҷиро гузоштанд, ки эътиқоди мусалмонони заифулақида мутазалзил шуда, боварҳо ҳама рӯ ба сустӣ ниҳод».[2] Ҳамчунин дигар масоили мавҷудбудаи хилофат бунёди мактабу мадорис

[1] Мақсуд, Алии Содиқӣ. Ҷойгоҳи возорат дар ҳукумати Султон Санҷар [Матн] / Содиқӣ М.А.-Теҳрон.: Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, 1377, №166.–С. 156.
[2] Аллома, Шиблии Нӯъмонӣ. Таърихи илми калом [Матн] / Нӯъмонӣ А.Ш.- Теҳрон.: Асотир, 1386. –С. 1.

ва маҳфилҳои илмӣ байни аҳли илму адаб ба як анъанаи хубе табдил ёфта буд. Зеро пас аз баста шудани дарҳои маҳфилу мадорис ва монеи уламои илм гардидани румиёну юнониён ва пешвози хуб гирифтани онҳо аз ҷониби эрониён ҷомеаи мусалмониро таҳаввулоти азиме фаро гирифт, яъне, аз як сӯ, аз Андалус то соҳили баҳри Атлас (океани Ором) ва аз он ҷо то Самарқанду Бухоро, аз сӯи дигар, то сарҳади Чин инқилоби бузурге дар рушди илму дониш ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, аз оғози асри II-юми ҳиҷрӣ хулафои Аббосӣ як қатор китобҳоеро аз ҳукамои Ҳинд, Юнон, Эрон, Мисру Рум, Ҳаррон аз ҳар сӯ гирд оварда, ба тарҷума ва нашри онҳо оғоз намуданд, ки ин боиси сохтани китобхонаву мадориси бузурге дар Бағдод, Ҳилла, Димишқ, Нишопур, Самарқанду Бухоро ва дигар ҷойҳо гардид. Пас аз онҳо хулафои Умайя низ дар Андалус ва хулафои Фотимия дар Мисру Шимоли Африқо ва қисмате дар Шом чунин мактабҳо бунёд карданд.

Ҳамчуноне зикр шуд яке аз масъалаҳои муҳиме, ки байни ҳукамои давр маълум буд, ин таъсиси мадорису китобхонаҳо, ҷалби уламову фузало ва мардум ба омӯзиши илм, махсусан таъсиси ҳалқаҳои илмӣ буд. Ҳамин тавр, нахустин маҳфилҳои илмӣ, ки дар як гушаи масоҷид ташкил мешуданд, бо номи “ҳалқа” ном бурда мешуданд, ба мисли ҳалқаи Абуисҳоқи Шерозӣ дар масҷиди ҷомеи “Мансурӣ" ва мадорисе монанди мадрасаи “Ибни Фурук”, мадрасаи “Байҳақӣ”, мансуб ба Байҳақӣ, мадрасаи “Саъдия”, ки онро Наср бани Сабуктегин Маҳмуди Ғазнавӣ ва мадрасаи “Низомияи Бағдод” ва ғайра. Минбаъд таъсиси чунин мадорис ва марказҳои илмӣ аз ҷониби Хоҷа Низомулмулук Ҳусайни Тӯсӣ дар Нишопур ва дигар шаҳру вилоятҳо мактабҳои гуногуне дар соҳаҳои мухталифи илм ба вуҷуд омад. Чунон ки қаблан зикр кардем, ин ҳама мадорис ба хотири аҳли илму адаб буд, ки аз ҷониби ҳокимон бино мешуданд ва “Низомияи Бағдод”-ро низ Алп-Арслон ба хотири Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ бино кард ва таълимро дар он барои ҳама

ҳаводорони илму адаб ба таври ройгон ва бо кӯмакпулиҳо муайян намуд. Алп-Арслон муддати бист соли ҳоким буданаш зиддияти байни авлодашро пай бурда, пешакӣ салтанатро ба Маликшоҳ дод, вале дар асл масъулияти тамоми корҳои умурӣ ба дӯши Низомулмулк буд.

Дар оғози қарнҳои XII-XIII халифаҳои Бағдод, аз лиҳози назарӣ бештар ҷиҳати ҳимояи мазҳаби аҳли тасаннун мекушиданд. Дар замони ҳукмронии тулонии Носир, хулафои аббосӣ ба таври мустақил аксарияти Ироқро зери даст доштанд, вале қудрати сиёсӣ бошад, ба маънои воқеияш амаликунандаи сиёсати ҳокимони пешин Халифату-л-Қодир ва писараш Қоим буд, ки онҳо барои ба сари қудрат омадан байни дигар мазҳабҳои аҳли суннат, бештар ба мазҳаби ҳанбалия кӯшиши зиёдтар мекарданд. Бешак чунин мавқеъгирии онҳо то андозае дар раванди низоъҳои мазҳабӣ ва сиёсии давр таъсиргузор буданд, зеро қисме аз ҳокимон ҳанбалӣ ва қисме ҳанафӣ буд, бинобар ин байни онҳо барои ба сари қудрат омадан зиддияту хусуматҳо низ сурат мегирифт. Ин ду халифаи ҳанбалӣ, ки дар ҳокимияти давр қудрати асосӣ надоштанд, вале саъй мекарданд, то мазҳаби бунёдгароии ҳанбалияро, ки ҳадафаш аз байн бурдани равияву мазҳабҳои ақлгарою озодандеш буд, аз байн баранд. Барои мисол метавон гуфт, ки се халифа: Қодир, Қоим ва Носир шахсан фирқаи ҳанбалияи бидъатгароро муқаррабтар аз соири фирқаҳои аҳли суннат медонистанд ва андешаварзии ақлгароёнаи фалсафиро рад мекарданд.[1]

Маҳз дар ҳамин давра ботиниён бар зидди Аббосиёну Салчуқиён, ки ҳомии онҳо буданд, шӯриш бардоштанд. Бо вуҷуди он ки ин зиддиятҳо амал мекарданд, вале Низомулмулк нисбати ҳама пайравони мазҳабҳо нигоҳи нек дошт ва ҳеҷ касе аз уламову фузало намонда буд, ки аз лутфи Хоҷа бенасиб гашта бошад. Ҳамин тавр ӯ барои уламову фуқаҳо ва сӯфиён низомияҳое бино кард, ки аз миёни онҳо низомияи Бағдод,

[1] Frand, Grif. Teologi Fakhr al din ai Rozi [Матн] / Grif Frand // Тарҷумаи Саида Зуҳрони Ҳусайнӣ. Маҷаллаи «Пажуҳиш дар торих. –Теҳрон.: Илм ва дин, 1399. –С. 68.

Нишопур, Исфаҳон ва Балх нисбатан шуҳратмандтар буданд, махсусан, мадрасаи Низомияи Бағдод, ки бо супориши бевоситаи худи Хоҷа дар муддати ду сол бунёд гардид ва толибилмони зиёдеро аз минтақаҳои мухталиф гирди ҳам овард, яъне он ягона ҷойгоҳе буд, ки беҳтарин мударрисон аз ҳар куҷо даъват мешуданд. Устодони машҳуртарини ин мадраса: Абуисҳоқи Шерозӣ, Имом Абунасри Саббоӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Абулқосими Дуббусӣ, Шошӣ, Каёи Ҳаросӣ, Наҷибуддини Суҳравардӣ ва дигарон ба ҳисоб мерафтанд.[1] Ҳарчанд ки сулолаҳои Салчуқӣ ба хулафои Аббосӣ эҳтиром мегузоштанд, онҳо дар қаламрави худ комилан мустақил буданд.

Маъмулан фаъолияти давлатдории салчуқиёнро метавон ба низоъҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳар давр нисбат дод, ки вобастаи муборизаҳои ғоявии замони худ мебошанд. Ба қавли А. Ҳалабӣ: "Дар воқеъ ба рӯи кор омадани Салчуқиён буд, ки эрониён ба наҳваи боризе тавонистанд худро аз зери боли тасарруфи тозиён дур бидоранд ва дигар фармонҳои халифаро гардан нагузоранд...то зуҳури Салчуқиён, бо он ки подшоҳони муқтадире аз қабили салотини Сомонӣ ва Оли Бувайҳ ва ҳатто султон Маҳмуд дар Эрон ҳукумати мустақил мекарданд ва иқтидоре ба тамом доштанд... ҳатто мамолики муҷовири осиёиро тасхир карданд ва аз он ҳама як кишвари паҳновар ба вуҷуд оварданд, ки маркази он Эрон буд."[2] Бо вуҷуди он Салчуқиён дар бештари мавридҳо аз Низомулмулк маслиҳатҳо мегирифтанд ва ӯро ҳамчун як чеҳраи барҷастаи илму адаб ва сиёсати вақт ном мебурданд, вале бинобар сабаби шофеъимазҳаб буданаш нисбати ӯ то андозае ҳисси бадбинӣ доштанд. Ин муносибати онҳоро дар раванди низоми давлатдорӣ аз ҷиҳати авзои сиёсию иҷтимоӣ ва динӣ-мазҳабӣ метавон ба ду давра тақсим намуд: а) давраи аввал замони

[1] Али, Асғари Ҳалабӣ. Торихи тамаддуни Ислом [Матн] / Ҳалабӣ А.А.–Теҳрон.: Асотир, 1365. –С. 113.
[2] Али, Асғари Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳалабӣ А.А.–Теҳрон.: Асотир, 1381. -С. 353.

алоқаи онҳо ба ҳимоят аз ҳукумати тасаннун ва қудратмандии ҳокимияти аввала (Туғрал ва Алп-Арслону Маликшоҳ), ки шиаҳо бо сахтгирии фармонравоёни нав рӯ ба рӯ шуданд, муҳимтарин давраи тарзи идории давлати салчуқиён, ки вазир Арп-Арслон ва Маликшоҳро ба уҳда дошт, Низомулмулук мебошад. Ӯ аз ҳомиёни сарсахти тасаннун ва бунёдгузорони мадориси низомия бо ҳадафи дифоъ аз тасаннун ва густариши ақоиди ашъарӣ ва шофеъӣ ба шумор мерафт. Аммо дар ин майдон намояндагони шиа, ки аз аҳли суннат камтар буданд, намехостанд худро даргир созанд. Ғалабаи сиёсӣ ва фарҳангии сунниён нисбати шииён ба онҳо то ҳадде таъсир расонида буд, ки дар масҷиди худ сунниёнро чунин мегуфтанд “хайру нос баъди расуллулоҳ баъди Абубакри Сидиқ”. Низомулмулк дар мавриди Алп-Арслон чунин мегӯяд: “ӯ аз аҳли Ироқ ва Дайлам ба унвони касе, ки бадмазҳаб ва баддин ҳастанд, ёд мекунад ва ба бузургони худ мегӯяд: “мабодо иҷозат диҳанд, ки инон дар миёни лашкариёни турк нуфуз кунанд, чун инҳо миёни як-яки туркон дароянд, камтар вақте дар Ироқ хуруҷ падид ояд ва ё Дайламон, қасди мамлакат кунанд, инҳо дар сар ва даст бо эшон яканд ва ба ҳалоки туркон бикӯшанд”.[1]

б) Давраи дувуми ҳукумати салчуқиён аз таъсиси ҳукумати исмоилиёни назорӣ оғоз мегардад, ки дар ин муддат онҳо тавонистанд мутасаддии идории давлат гарданд, ки ин мавқеияти онҳо сабаб гардид, то онҳо рӯз аз рӯз густариш ёбанд. [2]

Аз ин гуфтаҳо чунин бар меояд, ки пас аз паҳн шудани осори файласуфони юнонию ҳиндӣ ва дигарон ба олами ислом монанди машшоиёну карромиён, мутасаввифин ва таълимоти фалсафии хусусияти ақлгароидошта зиддиятҳои шадиде ба миён омаданд, ки онҳо якдигарро ба куфру бидъат муттаҳам мекарданд. Дар чунин вазъият, салотини

---

[1] Хоҷа, Низоммулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк Х // (Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов).- Душанбе.: Адиб, 1989.–С.217

[2] Хоҷа, Низоммулмулк.–С.218.

Салчуқӣ низ натавонистанд чун салотини пешин нисбати аҳли илм, пайравони дину мазоҳиби мухталиф мисли сунниву шиа, ботинияву муътазила, карромияву қадария, муътазила ва ғайра муносибати дурустеро ба роҳ монанд. Баръакс, роҳҳоеро пеш гирифитанд, ки боиси пайдо шудани нафрату тафовутгузорӣ байни дину мазҳаб ва аҳли илму дин ва мардум гардид. Ин амал то ҳадде авҷ гирифт, ки ҳатто дар сатҳи ҳокимият, ки аксар суннимазҳаб буданд, мушоҳида гардад. Масалан, Алп-Арслон ба Низоммулмулук барин шахси донишманд ба сабаби он ки худ ҳанафимазҳаб буд ва Низомулмулк шофеимазҳаб, баъзе мавридҳо ба ҳар баҳонае нисбати ӯ норозигӣ изҳор мекард. Ин муносибати ӯро Низомулмулк мушоҳида намуда, чунин мегӯяд: «…Султон афсус хӯрда, мегӯфт: эй дареғо, агар вазири ман шофеимазҳаб набудӣ…». Ин муносибати ӯро Низомулмулк дар асараш «Сиёсатнома» баён намудааст: «...ва сахт ба сиёсат ва ҳайбат буд ва ман бад-он сабаб, ки ӯ дар мазҳаби хеш чунин ба ҷидду ҷаҳд муътақид буд ва мазҳаби шофеӣ ба айб медошт, ҳамвора аз ӯ андешанок ва тарснок будам»...[1]. Ба қавли Низомулмулк “ӯро (Алп-Арслон) аз мазҳаби ман нанг меояд ва ба ҳар вақт маро сарзаниш мекунад. Агар ҳар гоҳ бишнавад, ки бар банда рақами рофизӣ кашидаанд ва пеши хоқони Самарқанд (Шамсулмулук) чунин гуфтаанд, маро ба ҷон зинҳор надиҳанд.”[2]

Ин гуфтаҳои Низомулмулук воқеан баёнгари авзои нооромии дохилӣ мебошад, ки таъсир ва мақоми ҳар мазҳабе дар низоми идории давлат роҳ ёфтааст ва ҳар яке барои баланд кардани нуфузи худ кӯшиш менамуданд. Чунин муносибат ва таъсири Низомулмулкро донишманди рус - А. Крымский чунин тавзеҳ додааст: “Бо шарофати Низомулмулк, аз як тараф, давлате дар натиҷаи чунин задухӯрди байниҳамдигарӣ ва тохту този зиёди сулолаи Салчуқиён хароб ва бесарусомон гашта, каму беш ба

---

[1] Хоҷа, Низоммулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк Х // (Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов). Муҳ. А. Султонова.- Душанбе.: Адиб, 1989.-С. 3.
[2] Ҳамон ҷо.-С. 4.

тартиб оварда шуда бошад ҳам, аз тарафи дигар, сиёсат ва иқтисодиёти давлатро низ ба по мегузошт.”[1] Ин гуфтаҳои Крымский баёнкунандаи он аст, ки Низомулмулк дар баробари ба танзим даровардани муносибатҳои сиёсии давлатдорӣ, инчунин дар таҳлилу баррасии масоили иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат низ хело таъсиргузор буд.

Бояд тазаккур дод, ки дахолати уламои дин дар корҳои сиёсии давлатӣ боиси косташавии илм ва шиканҷаву озори ҳукамо (ақлгароён) ва аз байнравии осори онҳо гардид. Ҳокимон, ки худ як чеҳраи асосии ҷомеа буданд, дар аксар маврид на аз маслиҳати аҳли илм, балки аз намояндагони дин истифода мекарданд, ки чунин муносибат то андозае боиси нороҳатии аҳли илм мегардид. Вале ин муносибати ҳокимон минбаъд тағйир ёфта, баръакс нисбати аҳли илм (файласуфон ва мутакаллимон) зиёд шуд ва онҳо ба умури сиёсию давлатдорӣ ҷалб гардиданд.

Дар натиҷаи ин амр руҳониён сабаби “заъфи тафаккур ва тафсили нақл бар ақл ва тақлид бидуни иҷтиҳод ва чанг задан ба далелҳо бидуни тааммуқ дар мақосиди онҳо, кароҳият нисбати фалсафа ва дигар улуми ақлӣ ва ҳисобидани аҳли илм дар шумори мулҳидон ва занодиқа”[2] гардид. Ба вуҷуд омадани ин силсилаи салотини салчуқиён на танҳо барои эрониён, балки барои тамоми мамолики минтақа оғози як давраи ҷадиде дониста мешавад, зеро пас аз он ки Эрон аз зери тасаллути хулафо берун омад, аз ҳавзаи хилофат ҷудо гардид.

Ҳамин тавр, Салчуқиён аз тамоми кишварҳои исломӣ як империяи бузургеро ташкил намуда, Эронро маркази он муайян карданд. Чун аз замони ба дарбор омадани Низомулмулк тарзи давлатдории салчуқиён ба куллӣ тағйир ёфт. Чунин муносибат Низомулмулкро водор сохт то аз умури сиёсии давлатии пешинаи Тоҳириёну Сосониён ва Сомониён, ки

[1] Крымский, А. Е. История Персии, её литературы и дервишской теософии [Текст] / А. Крымский // Перераб. совместно с Н. Фрейтагом. — М.: 1909. -С. 180.
[2] Забеҳуллоҳи, Сафо. Торихи адабиёт дар Эрон [Матн] / Сафо З.- Теҳрон.: Улуми навин, 1373. Ҷ.2. –С. 271.

ба хатогиву камбудиҳо роҳ дода буданд, дубора роҳ надиҳад, зеро пас аз Салчуқиён салотини сомонию ғурӣ аз хилофати Аббосӣ пуштибонӣ мекарданд.

Ҳамчуноне, ки болотар зикр намудем, дар баробари мухолифатҳое, ки байни ашъариёнву муътазила, мотуридияву имомия, шиаву ботиния...байни мазоҳиби суннӣ ҳанафияву моликия, шофеияву ҳанбалия низ амал мекард, ки баъзан ба задудхӯрдҳо анҷом меёфтанд. Масалан, ҳодисаи (соли 469 ҳ.ҷ)-и низомияи Бағдод ҳангоми вазъу хитобаи Абунаср бини Абулқосими Қушайрӣ, ки ба ҳимояи ашъария ва ботил донистани ақоиди дигарон фитнаи азиме сар зад, боиси кушта шудани чанде аз мардум шуд. Бо вуҷуди он ки Фахрулмулук писари Низомулмулк барои дафъи он ба Бағдод фиристода шуд, ҳамоно ин вазъият то соли 470 давом кард. Қаблан зикр намудем, ки яке аз сабабҳои асоси ин ҷангу фитнаҳо на мардуми оддӣ, балки худи подшоҳон ва хатибони масҷидҳо буданд. Фитнаеро, ки Абдулмалик Киндарӣ вазири Алп-Арслони салчуқӣ соли 465 (ҳ.ҷ) дар Хуросон ба вуҷуд овард, сабаби таъну лаън ва қатлу ҳабси уламое ба мисли Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ, Абулқосими Қушайрӣ ва дигарон гардид.

Минбаъд низ ин муносибат байни пайравони дигар фирқаҳои исломӣ амал мекард. Масалан, дар нимаи аввали қарни панҷум дар Нишопур раиси карромиён Хоҷа Фақеҳ Абубакр бини Исҳоқи Кароми ва раиси рофизиёни Қозӣ Соъид барои кӯштани Шайх Абусаид Абулхайр фатво доданд, яъне ин замоне буд, ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар сари қудрат ва пайрави мазҳаби карромия буд.

Яке аз ихтилофҳои дигаре, ки дар ин давра ба вуҷуд омад, ин бовар надоштани ҳомиён (апалогетикҳо)-и дин ба таълимоти фалсафӣ буд, ки гӯё фалосифа бо таълимоти худ, сабаби тирагию шак дар эътиқоди динӣ гардидаанд. Чунин муносибати онҳо дар тира кардани тафаккури минбаъдаи мусалмонон сабаб шуд, ки ба ҷойи улуми ақлӣ ба улуми

нақлӣ ва афзал шуморидани фақеҳону муфассирон нисбати ҳакимону аҳли илм оварда расонид. Дар натиҷа фалсафа ва улуми ақлӣ рӯз то рӯз рӯ ба заъф ниҳод, то ҷое, ки файласуфоне чун Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино ва намоядагони улуми тиб, табииёт, риёзиёт, мантиқ ва илоҳиётро фуқаҳову муҳаддисон ва муфассирону мутакаллимони ашъарияву карромия ва дигарон гирифтанд. Аз ҷониби дигар, дар натиҷаи ба сари қудрат омадани туркони ғазнавиву салчуқӣ таассуботи динӣ ва эътиқод ба орои аҳли суннат ва дасткашӣ аз ақоиди муътазилаю ҳукамо шурӯъ гардид ва он озодие, ки дар асрҳои пешин ба аҳли илм дода шуда буд, аз миён рафт. Аз ҳамин ҷост, ки мухолифат нисбати аҳли фалосифа ба сахтӣ сурат гирифт, ки сарсахтарини онҳо мутакаллимону суфиён буданд. Дар натиҷа онҳо кӯшиш мекарданд, ки ақоиди хешро ба зуддӣ бо орои аҳли мазҳаб ва фалсафа тарзе истифода баранд, ки нисбати аҳли калом ба кор мебуранд.

Дар он даврон бештар зери таълимоти фалсафа, танҳо мактаби машшоия, яъне таълимоти файласуфоне монанди Форобию Ибни Сино ва касоне, ки аз равишҳои ақливу истидлолӣ истифода мекарданд, фаҳмида мешуд. Аз ин хотир, муборизаи зидди фалсафаи машшоияро дар асрҳои XI-XII Муҳаммад Ғаззолӣ оғоз намуда, дар садади оштӣ додани дину фалсафа баромад, вале унсурҳои моддигароидоштаи машшоияро пурра инкор намуд ва онҳоро ба куфру бидъат ва ақлгароӣ муттаҳам намуда, бо калом мувофиқ сохт. Чуноне, ки худи Ғаззолӣ дар қисмати муқаддимаи аввали «Таҳофуту-л-фалосифа»-и худ зикр мекунад, ҳадаф ошкор кардани таҳофут ва таноқузи андешаҳои фалосифа, нақди ақоиди фаласафии Арасту, Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино мебошад.

Ҳамчунон, ки қаблан зикр шуд яке аз мутакаллимоне, ки ба таври ҷиддӣ муқобилият ба фалосифа нишон дод, М. Ғаззолӣ мебошад, зеро ӯ аҳли фалосифаро ба куфру бидъат ва гумроҳӣ айбдор кард. Мутакаллимони пеш аз Ғаззолӣ таълимоти худро муқобили фалсафа дар

орову ақида ва калом бунёд карда, бо аҳли фалсафа баҳсу ихтилофҳои ақидатиро ба таври ошкор анҷом намедоданд, вале Ғаззолӣ бошад, ба таври ошкор ин муносибатро ба онҳо анҷом дод. Дар натиҷаи омӯзишҳои чандсола, пеш аз «Таҳофуту-л-фалосифа» китоби «Мақосиду-л-фалосифа»-ро эҷод мекунад ва дар он афкори фалсафии машшоиён, бахусус Форобӣ ва Ибни Синоро ворисони фалсафаи юнонӣ хонда, зидди онҳо баромад мекунад, яъне бо сабаби мувофиқ набудани равишашон ба дин, онҳоро ҳамроҳи даҳриёну тобииён кофир ном мебарад. Ӯ аҳли фалосифаро ба се синф: **даҳриён, табииён ва илоҳиён** тақсим намуда, назари худро дар бораи ҳар яке аз онҳо равшану возеҳ баён месозад. Ба қавли ӯ, **даҳриён** дар ҳисоби занодиқа дониста мешаванд, зеро онҳо мавҷудияти Худоро инкор намуда, гумон доранд, ки Ӯ низ ба нафси хеш мавҷуд аст. Вале **табииён** бошанд, ба вуҷуди Холиқи ҳаким бовар доранд, чун ки дар табиат сунъи Ӯро мебинанд, ҷуз ин ки охиратро инкор мекунанд, иқобу савобро бовар намекунанд ва дар шаҳвати дунявӣ фурӯъ меравақд. Ба қавли Ғаззолӣ, онҳо бо вуҷуди имонашон бар Худо, дар шумори занодиқаанд ва аз рӯи се масъала бо тамоми мусалмонон мухолифанд:

а) Мегӯянд: абдон ва аҷсод маҳшур намешаванд, он чӣ подош мебинанд ва иқоб меёбанд арвоҳи муҷаррадотанд ва савобҳову иқобҳо ҷисмонӣ нестанд, балки руҳониянд;

б) Мегӯянд: Худои Таъоло куллиётро медонад ва ба ҷузъиёт олим нест, ки ин куфри сареҳ аст ва ҳақ он аст, ки ба андозае дар осмонҳо ва замин аз дониш барканор нест;

в) Мегӯянд: олам қадиму азалӣ аст ва ин хилофи ҳудуси олам аст, ки дар шариат омадааст.[1]

Аз ин андешаҳои Алиасғари Ҳалабӣ чунин натиҷа метавон баровард, ки онҳо бовариманди онанд, ки қадимию азалии олам бар

[1] Али, Асғари Ҳалабӣ. Торихи фалосифаи Эрон аз оғоз то ба имрӯз [Матн] / Ҳалабӣ А.А.-Теҳрон.: Асотир, 1373 . –С. 338.

вуҷуд аст ва агар мурод аз вай қадимии сабаб бувад ин ғайриимикон бувад, зеро адами иллати вуҷуд набувад монанди он ки баъзан иллати мақорун маълул бошад, ҳол он ки адами мақорун вуҷуд набошад, монанди он ки агар тақаддум бар зот бошад. Мусаллам аст, ки олам **мумкину-л-вуҷуд** аст ва ҳар чӣ мумкину-л-вуҷуд бувад, вуҷуди ӯ ғайри ӯ бувад. Беистиҳқоқ (нолоиқ, носазовор - Э. Б.) мар вуҷудро зоти Ӯ бувад ва ҳар чӣ аз зот бувад, муқаддам бошад бар он чӣ ки ба ғайр собит шавад, пас дар ин ҳеҷ хилофе нест ва агар мурод аз вай тақаддум ба шараф ё ба макон аст равшан аст, ки ботил аст. Агар мурод аз вай тақаддум ба замон аст, мо дуруст кардем, ки тақаддум ба замон муҷиби вуҷуди замонӣ бошад. Бинобар ин, **тақаддуми олам бар вуҷуди олам азалӣ аст**. Аз ин рӯ, лозим ояд ки замону ҳаракат ва ҷисм ҳам қадим бошад. Пас аз ҳудуси олам қадим ҳам лозим ояд ва ҳар чӣ субути ӯ муъдӣ бошад, ба нафъи он сухан муҳол аст.

Ба қавли М.Ғаззолӣ, “бештари масоили ин илм (фалосифа) тахаюлоти ваҳйи чашмбандиҳост, ки аз дер боз гурӯҳе аз башарро бо худ машғул сохтааст”...ва умдаи фалсафа бо се даста: даҳрӣ, табоӣ, илоҳианд ва фалсафа бошад, чанд қисм аст: **мантиқ, табииёт, риёзиёт, илоҳиёт ва сиёсат**.”[1] Ӯ дар ин ҷода бештари иштибоҳоту ғалаткориҳои фалсафаро дар илоҳиётшиносӣ дониста, онҳоро аз ҳакимони юнонӣ: Суқрот, Афлотун, Арасту ва файласуфони бузурги тоҷик-форс Абубакри Розӣ, Форобӣ ва Ибни Сино медонад, ки ин ҳама марбути илоҳиётанду дар ин ҷода ҳамагӣ ба куфру иштибоҳ роҳ додаанд.

Таъсири ин ақидаҳои М. Ғаззолӣ агарчӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ таъсиргузор бошад ҳам, вале ин муносибат дар сатҳи бадномсозии аҳли фалсафа ва ба куфру бидъат бадномсозии онҳо аз мавқеи дин нест, балки аз мавқеи далоили мантиқест, ки баъзан ба онҳо муқобилият ва баъзан ҳамфикрии худро

---

[1] Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М.- Душанбе.: Ирфон, 2002. Ҷ.3-4. С-261

нишон додааст. Муҳим аз ҳама мутафаккир ин қолаби фатализму догматикаи Ғаззолиро нисбат ба фалсафа шикаста, дар бештари ҳолатҳо аз файласуфон пайравӣ намудааст. Маҳз ҳамин муносибати Фахриддини Розӣ бо файласуфон ва фалсафа буд, ки аз ҷониби намояндагони суфия ба куфру гумроҳӣ ва пайравӣ аз аҳли фалосифа айбдор гардид. Мутафаккир чун дигар мутакаллимон ақида дорад, ки Худо ба олам на бо амри зарурат, балки аз рӯи қудрат ва ихтиёраш таъсир мерасонад. Бояд қайд намуд, ки он зиддият ва ҳисси бадбиние, ки аҳли дин нисбат ба фалсафаву улуми ақлӣ ва дигар равияҳо доштанд дар он аст, ки файласуфон андешаҳои мустақили худро бо далелҳои ақлӣ пешниҳод мекарданд. Агар ба таърихи ин мухолифатҳо назар афканем, бешак, авҷи аълои онро дар таълимоти Муҳаммад Ғаззолӣ ва суфиёни ҳамасри ӯ метавон мушоҳида намуд.

Агар, аз як ҷониб, фуқаҳову муҳаддисони дин дар ташаккули улуми ақлӣ монеаҳо эҷод карда бошанд, аз ҷониби дигар, аҳли тасаввуф низ як балои бузурге дар муқобили пайравони улуми ақлӣ буданд. Дар баробари ихтилофҳои мазҳабие, ки байни равияву ҷараён ва мазҳабҳои исломӣ амал мекард, ихтилофи шадиде байни мутакаллимон бо фалосафа низ сурат мегирифт. Агарчӣ то имрӯз байни муҳаққиқони ватанӣ доир ба ихтилофҳои мутакаллимон ва фалосифа дар шакли умумӣ зикр рафтааст, вале доир ба ихтилофҳои суфия бо мутакаллимон ягон тадқиқоти алоҳидае анҷом наёфтааст. Дар ин майдон баробари баҳсу мунозираҳои мазҳабӣ, инчунин тезутуншавии муборизаҳои байни фирқавӣ ва васеъшавии доманаи баҳсҳои фиқҳию каломӣ ва фалсафӣ дида мешуд, амал мекард. Дар баробари ин майл ва таваҷҷуҳ доштани ҳокимони давр нисбат ба таълимоти динӣ ва дурӣ аз улуми ақлӣ монанди фалсафаю мантиқ ва эҷод кардани монеаҳо, сабаб гардид, ки аксари осори онҳо сӯзонида ва нест карда шаванд. Мувофиқи ақидаи онҳо, гӯё ҳама гуна улум ҷуз Қуръон ва суннат дар шинохту дарки

ҳаводис ва воқеаҳои олам куфру бадъат буда, наметавонанд ҳақиқатро ифода созанд. Ин манзараи нохушоянде буд, ки байни суфия ва аҳли завқу кашф бо фалосифаву мутакаллимон ва асҳоби ақлу истидлол рух медод. Ба қавли суфиён, асҳоби ақлу истидлол аҳли калому фалосифа дониста мешуданд, вале муддаиёни ваҳйи бошанд, танҳо аҳли суфия ҳастанд. Дар ин майдони баҳс, аз як сӯ, Арасту Форобӣ, Ибни Сино ва Фахриддини Розӣ ва ҷониби дигар, Боязиди Бастомӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Баҳоуддину Шамси Табрезӣ ва дигар пайравонашон мубориза мебурданд. Дар воқеъ, ин баҳсу айбҷӯиҳо байни мазоҳибу равияҳо дар замони Фахриддини Розӣ то ҳадде боло рафт, ки дар бисёр мавридҳо ба низоми ошкоро табдил ёфт, ҳатто якдигарро ба куфру бидъат муттаҳам месохтанд, бахусус ботинияву исмоилия мубалиғони зиёде бо номи фидоӣ доштанд, ки ба тариқи пинҳонӣ амал мекарданд ва корашон ба таври пинҳонӣ нобуд кардани рақибони ақидавияшон буд, ки чунин муносибати онҳо бо Фахриддини Розӣ низ мушоҳида мешавад.

Оғози ин муборизаҳои ғояввиро метавон аз замони М. Ғаззолӣ мушоҳида намуд, зеро худи М. Ғаззолӣ чаҳор тоифаи ҷӯяндагони ҳақиқатро номбар сохтааст: а) мутакаллимон, ки худро аҳли раъй ва назар медонанд; б) ботиния, ки худро аҳли таълим ва махсуси имом медонанд; в) фалосифа, ки худро аҳли мантиқу бурҳон мегӯянд; г) суфия, ки муддаъии кашфу шуҳуд ва тақарруб ба ҳазрати Ҳаққанд.[1]

Ғаззолӣ танҳо зинаи чорумро ҳақиқию воқеӣ дониста, сетои дигарро моил ба куфру гумроҳӣ хондааст. Ин баҳсу ихтилофҳои онҳо таърихи тулонӣ дошта, реша аз афкору назариёти нахуст мактабҳои каломӣ монанди муътазила, ҳанафия, ашария ва мотуридия мегиранд, ки ба ин масъалаҳо дар қисмати баъдии диссертатсияи худ ҳарф хоҳем зад.

Хулоса, замони зиндагии мутафаккир ба замоне рост меояд, ки дар хилофат муборизаю задухӯрдҳои ақидавию сиёсӣ ва қудратхоҳӣ рӯз аз

[1] Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М.- Душанбе.: Ирфон, 2002. Ҷ. 2.-С. 259.

рӯз дар ҳоли тағйирёбӣ буд, ки он ба аксар давлатҳои мустақил ва ниммустақил имкон намедод, то дар минтақаҳои хилофат фазои ягонаи динию фарҳангӣ ҳукмрон бошад. Маҳз барои ҳамин ин давраро ҳамчун давраи мураккабу пуртаззоди ҳаракатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва динию фарҳагӣ ном бурдаанд. Чунин баҳсу муноқишаҳо на танҳо дар байни подшоҳони минтақаҳои гуногун, балки дар байни пайравони равияю ҷараёнҳои мазҳабӣ баҳсҳои шадидро ба бор меоварад. Ширкати мустақими Фахриддини Розӣ дар ин баҳсу мунозираҳои ғоявӣ дар китоби “Рисолаи Баҳоия” хеле возеҳ инъикос ифода ёфтааст. Масоили баҳсу мунокишаҳои ин давра хеле зиёданд: офариниш, тақдиру сарнавишт, озодӣ ва иродаи инсон, моҳияти инсон, таносуби руҳ ва тан, табиати худовандӣ (ташбеҳ ва таҷсим), ҳудусу қидам ва ғ., ки хусумату бадбинии суфиёну карромиёнро ба вуҷуд оварда буд.

Сарфи назар аз вазъи мураккабу авзои ин давра бунёди мадорис дар гӯшаҳои гуногуни хилофат ва ифтитоҳи марказҳои илмӣ буд, ки ҳанӯз аз замони Низомулмулк оғоз ёфта, қариб сар то сари қаламрави хилофат бунёд гардида буд. Аз сӯи дигар тарҷумаи осори мутафаккирони юнонӣ, эронӣ ва ҳиндӣ сабаби пешрафт ва тавсеаи доираҳои илмӣ гардида бошад, аз ҷониби дигар, сабаби пайдошавии марказҳои илмӣ-фарҳангӣ ва муколамаи байни фарҳангӣ гардида, ҳаракатҳои дорои хусусияти ақлгароёнаро то рафт бештар намуд, вале минбаъд ин сабаби боз ҳам тақвият ёфтани баҳсу мунокишаҳо ва ҳатто ба куфру зандиқа муттаҳам шудани аҳли фалосифа гардид. Чунин вазъи нобасомон боиси тирагии тафаккури мусулмонон шуда, ба муборизаи ошкорои мутафаккирон табдил ёфт, ба ҷои улуми ақлӣ улуми нақлӣ, ба ҷои ҳакимону донишмандон фақеҳону муфассирон бологузар гардиданд, ки қаблан ёдовар шудем.

Барои бештар ошкор сохтани ин масъала мо дар зербоби дуюм ба таҳлилу баррасии он машғул шуда, моҳияти масъалаи инсоншиносии то

замони Фахриддини Розӣ ва таъсири онҳоро ба ҷаҳонбинии мутафаккир равшан менамоем.

## § 1. 2. Таъсири фарҳанги исломӣ ба таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ

Масъалаи баҳсу ихтилофҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ғоявию фарҳангие, ки дар низоми идорӣ ва фарҳангии замон мавҷуд буд, бешак ба баҳсу ихтилофҳои динию ақидавии равияву ҷараёнҳо вобастагии амиқ доштанд. Ин баҳсу ихтилофҳо байни равияҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ ва каломӣ бо такя ба Қуръону суннат ва назарияҳои фалсафӣ баррасӣ мешуданд. Муҳимтарин масъалае, ки дар ин давра мавриди омӯзиши донишмандони ин давр қарор дошт, масъалаи офариниши инсон буд, ки мактабҳои динӣ-фалсафӣ: мотуридия, ашъария, муътазилия, карромия, исмоилия, имомия, машшоия, калом, тасаввуф ва ғайра доир ба он баҳсу назарпардозӣ мекарданд. Барои дурусттар муайян намудани моҳияти масъала мехоҳем вориди чанд баҳсҳои ақидавию ғоявии ин давра шуда, мавқеи Фахриддири Розиро дар ҳаллу фасли онҳо нишон диҳем.

Дар таърихи каломи исломӣ ва фалсафа гурӯҳе ҳақиқати инсонро ҷавҳари муҷаррад, гурӯҳе ҷавҳари руҳонӣ ва гурӯҳи сеюм ҷавҳари ҷисмонӣ ва омехтаи ҷисму руҳ пиндоштаанд. Қабл аз он ки ба баррасии ин масъала пардозем, месазад таъкид намоям, ки инсон дар ҷаҳонбинии исломӣ, як масъалаи печида мебошад, яъне инсон дар таълимоти исломӣ танҳо як мавҷуди ростқомат, бо ду по роҳ мегаштага, худмуҳофизатгару сухангӯй нест. Ин аст, ки муҳаққиқони масоили инсоншиносӣ дар ин ҷода ба се қисм ҷудо гардидаанд:

1) аниқ кардани филогенез (пайдоиши умумӣ)-и инсон;

2) муайян кардани қонунияту заминаҳои биологӣ, механизмҳои эволютсионӣ-генетикии трансформатсия (тағйирот)-и сохтори мифологӣ ва функсионалии аҷдодони инсони муосири бо ду по рост роҳгард,

истифода шудани дасту пойи онҳо ба сифати “**олоти табиии истеҳсолӣ**”, пайдоишу инкишофи тафаккур ва нутқ, шаклҳои фаъолияти меҳнатӣ ва қонуниятҳои иҷтимошавии ҳоминидҳо;

3) аниқу пурра гардонидани назарияи умумии антропогенез, баҳампайвастагии омилҳои биологӣ ва иҷтимоии он.[1]

Инсони қуръонӣ мавҷудест мураккабу печида аз ҳар мавҷуде, ки бо андешаву афкор, хостаҳои нафсонию ақлонӣ, мақому ҷойгоҳ, пастфитратӣ, шаҳватталабӣ, аз ҳадгузарӣ ва ғайра зикр шудааст. Чунин хусусиятҳои печ дар печи инсонро илми муосир бо хусусиятҳои антропологӣ, биологӣ, иҷтимоӣ ва психологияш ба пуррагӣ ошкор накардааст. Агар аз як ҷониб, Қуръон инсонро мадҳу ситоишҳо, мазаммату накуҳишҳо карда, аз фариштагон бартар ҳисобидааст, вале аз ҷониби дигар, ӯро дар пастфитратӣ аз деву чаҳорпоён низ пасттар хондааст. Аз назари Қуръон инсони эътиқодманду итоатгар аз ҳама бартар, вале инсони саркашу беитоат аз ҳама пасттар аст. Ин гуфтаҳои қуръонӣ аст, ки инсонро ба итоатгарию фармонбардорӣ ва таслимшавӣ назди сарнавишти хеш амр кардааст, вале фалсафа бошад, баръакс инсонро соҳибихтиёру бохирад дониста, дар анҷоми корҳои худ ӯро соҳибмухтор меҳисобад. Ин гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки инсон бояд арзиши худро чуноне ки дар Қуръон зикр менамояд: “...Ман ҷонишине дар замин меофаринам”. Гуфтанд: “Оё дар он ҷо касеро меофаринӣ, ки дар замин табоҳӣ кунад ва хун барезад?...“Ҳамоно ман он чиро медонам, ки шумо намедонед”.[2: 30] Ва ё ҷои дигар мефармояд: “Ва Ӯ Он (Худой) аст, ки шуморо ҷонишинони замин сохт ва баъзеҳоро болои баъзеҳо ба дараҷаҳо баланд кард, то шуморо дар он биозмояд”[ 6: 165] дарёбад.

Ин гуфтаҳои қуръонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар воқеъ маҳз инсон метавонад аз ҳама чизҳои олами ҳастӣ истифода намояд, яъне

[1] Султон, Наврӯз. Инсон [Матн] / Наврӯз С.-Душанбе, 2011.-С.4

фитрати инсонӣ бузургтарини фитратҳост ва маҳз ба воситаи ин нерӯ (хирад) ҷавҳари худ ва ҳастии кайҳонро дигар созад. Дар сиришти инсон илова бар аносири моддӣ, ки дар ҷамоду гиёҳ ва ҳайвон вуҷуд дорад, унсури малакутӣ низ мавҷуд аст. Инсон таркибе аз табиати моварouттабиӣ ва олами ҷисмӣ аст. Офариниш ва сиришти инсон тасодуфӣ набуда, ҳадафнок ва мақсаднок аст. Инсон шахси мустақилу озод, вале амонатдор ва рисолату масъулиятдор аст, ки бо ирода ва қудрату неруи худ метавонад олами ҳастиро тағйир диҳад ва аз байни ду роҳ саодату нокомии худро ихтиёр кунад. Дар ин ҷода Қуръон таъкид мекунад: “Ба ростӣ, Мо амонатро бар осмонҳову замин ва куҳҳо арз кардем, пас, қабул накарданд, ки онро бардоранд ва аз он битарсиданд; ва одамӣ онро бардошт, дар ҳақиқат вай ситамгари нодон буд”. [33:72] Ин гуфтаҳои қуръонӣ, аз як ҷониб, ифодагари мақоми волои инсон тавассути қудрат ва ирода бошад, аз ҷониби дигар, ӯро як мавҷуди нодону беирода дар қабулу анҷоми умур зикр намудааст, ки гӯё ҳеҷ роҳе дар радди он надорад, яъне ӯ ҳамчун “абд”-и итоатгару фармонбардори Худовандист. Инсони қуръонӣ як инсони заифулирода, пойбанди қазову қадари илоҳӣ ва итоаткору фармонбардори Худост. Дар хусуси ин масъала Мотуридӣ низ чунин мешуморад, ки далел бар офариниши инсон баёнгари офариниши тамоми махлуқоту ашёи олам аст, ки зотан на “қадим”, на “азалӣ” ва на “соҳибихтиёр” аст. Мотуридӣ низ чун дигар мутакаллимон: Ашъарӣ, Таҳовӣ, Ҷувайнӣ, Ғаззолӣ ва дигарон, зери андешаҳои динӣ инсонро таркибёфта аз ду чиз, яке қолаби тан, ки хокист ва дигар руҳ, ки раббонист, дониста, вуҷуди ӯро аз ҷавҳару араз ва сифат ташкил ёфта медонад.[1] Ба ақидаи ӯ, Худо инсонро аз бисёрии махлуқоташ бартарӣ додааст ва инсон вақте бузургии худро дарк мекунад, ки арзишашро мешиносаду аз меъёрҳои ахлоқӣ монанди виҷдон бархӯрдор мегардад ва доир ба меъёрҳои некию бадӣ ҳукм

[1] Абдувоҳид, Шамолов. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / Шамолов А.-Душанбе.: Дониш, 2013. –С.458.

меронад. Қуръон низ доир ба нафси инсон чунин мефармояд: “...ва қасам ба нафс (одамӣ)-и ва Зоте, ки ӯро дурустандом намуд, сипас шинохти гуноҳи ӯву парҳезгории ӯро дар дилаш андохт.”[ 91:7- 8]

Муҳимтарин хусусияти табиати инсонро пеш аз ҳама хостаҳо ва талаботи биологию психологӣ ва иҷтимоию антропологии ӯ ташкил медиҳанд, ки ҳангоми дастёб шуданаш аз он зуд серу дилзада мешавад ва аз пайи пайдо сохтани хостаҳои дигар мешавад. Аз сӯи дигар як қатор оятҳои дигареро низ метавон пайдо намуд, ки дар муқобили ситоиш ва бузургии инсон баён гардида, ҷои дигар мақому ҷойгоҳи инсонро дар сатҳи хеле паст қарор додаанд. Масалан, дар сураи “Одиёт” чунин омадааст: “Ба дурустӣ, ки одамӣ ба Парвардигори худ носипос аст” [100:6] ва ё дар сураи “Алақ” мефармояд: “Ҳаққо, ки одамӣ ҳамоно аз ҳад дармегузарад; вақте, ки худро тавонгар мебинад”[ 96:6-7], “Ва чун ба одамӣ ранҷе бирасад, бар паҳлӯ хуфта, ё нишаста, ё истода ба ҷониби Мо дуо мекунад; пас он гоҳ ки ранҷи ӯро аз вай бардорем, меравад, гӯё, ки Моро ба дафъ кардани ранҷе, ки ба ӯ расида буд, нахондааст” [10:12] ва дигар оятҳоеро метавон пайдо намуд, ки ифодагари нотавониву заиф будани инсон далолат мекунанд. Аз ин оятҳои Қуръон чунин бармеояд, ки дар воқеъ инсон мавҷуди мураккаб буда, дар бузургӣ аз ҳама мавҷудоту махлуқот бузургу боарзиштар ва дар пастфитратӣ аз ҳама пасттар аст. Аз ҷониби дигар, инсон яке аз мавҷудоти қавииродаву нерӯманд дар замин аст ва ҳукмкунандаю муайянкунандаи ченаки тамоми мавҷудот ва ашё ба ҳисоб меравад.

Аз нигоҳи файласуфон бошад, қудрат ва тавоноии инсон аз ҳар мавҷуде бузургтар буда, бо нерӯи хирад ва қудрати худ қодир аст, олами ҳастиро на танҳо маърифату дигаргун созад, ҳамчунон, ки А.М. Шарков таъкид месозад: “мо дар мафҳуми кризиси экологӣ чунин ҳолати биосфераро мефаҳмем, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон ба амал омадааст ва он ба мавҷудияти инсон таҳдид мекунад... аммо кас чунин

шубҳа намекунад, ки то рафт хароб карда шудани биосфера, агар ин протссес сари вақт боздошта нашавад, шароити табиии ҳаёти инсонро барбод дода метавонад... алоқамандии олуда, заҳролуд ва хароб шудани биосфера ва фаъолияти монополояҳо то рафт аз дасти худи инсон ба ҳаёти инсон ва сайёра хатар эҷод намуда истодааст."[1] Ин назарияи А.М. Шарков баёнгари он аст, ки муҳити зист (экосфера) шарти ҳатмии ҳаёти организмҳои зинда, аз ҷумла инсон бошад ҳам, дигар мавҷудоти зинда низ ба муҳити атроф фаъолона таъсир мерасонад ва барои қонеъ кардани талаботи худ аз ҳама роҳу воситаҳо истифода мекунад, вале аз натиҷаи ҳеҷ як амали кардааш ба табиат андеша намекунад. Ба қавли К. Маркс: "одам на танҳо аз талаботи инсонӣ маҳрум мешавад - вай ҳатто аз талаботи ҳайвонӣ бенасиб мегардад ва шароите, ки вай дар он зиндагӣ ва кор мекунад, шароити ғайритабиӣ шуда истодааст".[2]

Аз назари қуръонӣ, инсон як кадхудои интихобшудаи заминиест, ки дар тағйир ва дигаргусозии замин таъсиргузор аст. Чуноне, ки худи Фахриддини Розӣ таъкид менамояд, муносибати инсон дар асоси се шарт сурат мегирад: а) ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ, ки инсон бо нерӯи донишу илм ва огоҳии ботинию зоҳирии нерӯи табиии хеш кӯшиш менамояд, то марҳилаи охирин ба моҳияти ашёву зуҳурот сарфаҳм рафта, онҳоро инкишоф диҳад, қонунҳои онро дарк намояд ва бо нерӯи хирадаш он чӣ барои зиндагияш созгор аст, мувофиқ созад; б) зиёдталабӣ дар хостаҳои нафсонию шаҳвонӣ, ки баъзан ҳастии инсонияшро ба оламӣ ҳайвонӣ наздик мебарад; в) истеъододи худташаккулдиҳӣ, ки дар табиати инсон аст, мутааллиқи ҳеҷ мавҷуди дигаре нест.[3]

Масъалаи дигаре, ки дар Қуръон ба он таваҷҷуҳ гардидааст, масъалаи тану нафс мебошад, ки баъзан ба маънои "танпарварӣ" ва

---

[1] Шарков, А.М. Милитаризм-душмани табиат ва ҷамъият [Матн] / А.М. Шарков. –Душанбе.: Ирфон, 1988.-С.6.
[2] К, Маркс., Ф, Энгельс. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Маркс К., Энгельс Ф.-Сталинобод, 1954, Ҷ.42.-С.130.
[3] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут.: Дору-л-эҳё. 1411, Ҷ.2.-С.215

"нафспарварӣ" низ фаҳмида мешавад, ки инро метавон дар таълимоти ҳам файласуфон ва ҳам мутакаллимон мушоҳида намуд. Фахриддини Розӣ масъалаи нафсро дар "Мабоҳису-л-машриқия"-и худ чунин шарҳ медиҳад: "нафси инсонӣ ҷавҳари комилан муфориқ (ҷудошаванда аз ҳам - Э.Б.) аст, ба тавре, ки на ҷисм аст ва на ҳол дар ҷисм, дар ҳоле, ки нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ агарчӣ ҷавҳаранд, дар айни ҳол қувваи холӣ низ дар ҷисманд".[1] Ин гуфтаҳои мутафаккир баёнгари онанд, ки нафси наботию ҳайвонӣ на комилан ҷисмонӣ ва ҷудошаванда аз ҷисм аст, балки ҷавҳари ғайриҷисмонӣ ва дар айни замон бо ҷисманд, ки комилтарини онҳо нафси инсонист. Ба ақидаи Фахриддини Розӣ, нафси инсонӣ ҳангоме шакл мегирад, ки руҳ ба бадан ворид мешавад, аммо нафс бошад, иборат аз ин ҷисм нест. Чуноне, ки мебинем мутафаккир, зери таъсири таълимоти Ибни Сино қарор гирифта, дар "Тафсири кабир"-и худ қайд мекунад, ки "нафс ҷисми маъсум нест, балки ҷисми нурониест, ки дохили ин бадан мешавад, ҳамонгунае, ки оташ даруни ғизол ва раваған даруни кунҷит аст".[2] Вале дар ҷои дигари ҳамин асараш руҳро ҷавҳари муҷаррад ва басит меҳисобад.[3] Мутафаккир масъалаи нафсро дар осори худ ба таври мухталиф баррасӣ намуда, дар "Шарҳи ишорот ва-т-танбеҳот" назари касонеро, ки нафсро бадани маҳсус медонанд, рад месозад ва аҷзои баданро ба ду қисм: аҷзои аслӣ ва аҷзои фаръӣ,[4] вале нафс бошад, ҳамон аҷзои аслӣ аст, ки аз оғоз то поёни умр боқӣ мемонад. Дар китоби дигараш "Ниҳояту-л-уқул" бошад, байни ин ду назария қарор гирифта, чунин меҳисобад, ки: а) бадани инсон ҳамин бадани маҳсус аст ва чизи дигаре варои он нест; б) нафс аз аҷзое ташкил шудааст, ки фанопазиранд".[5]

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Асари мазкур. Ҷ.2. –С. 225.
[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф. – Бейрут.: Дору-л-эҳё. 1411. Ҷ.21. -С 376.
[3] Ҳамон ҷо. Ҷ.21.-С. 403.
[4] Муҳаммадсолеҳ, аз-Заркон. Фахриддини Розӣ [Матн] / аз-Заркон М.-Бейрут.: Дору-л-эҳё 1969.-С.470.
[5] Имом, Фахриддини Розӣ. Ниҳояту-л-уқул [Матн] / Розӣ И.Ф. Бе соли нашр. Ҷ.1.-С. 276.

Масъалае, ки дар дин аз он баҳс меравад, масъалаи моҳияти инсон аст, ки дар таърифаш, ҳамчун ҳайвони нотиқ, мутлақталаб, мавҷуди масъул, мухтору муқарраркунандаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ғайра ёд мешавад. Ба қавли Муртазо Муттаҳарӣ бархе дар симои инсон "илм", бархе дигар "хулқу хӯй", гурӯҳи дигар "ирода" ва баъзеи дигар "озодӣ"-ро мавриди таваҷҷуҳ қарор додаанд.[1] Тафовути асосии инсон аз дигар мавҷудот дар он аст, ки инсон вобастаи дониш ва илму имон аст, яъне инсон бо вуҷуди ин ҳама муштаракоте, ки бо дигар мавҷудот дорад, аз онҳо куллан фарқ дорад. Ин фосила ва тафовути инсон дар се шакл сурат мегиранд: 1) кошифи идроки худ ва ҷаҳон; 2) ҷозибаҳои муҳит ба инсон; 3) равиши интихоби ҷозибаҳо.

Аз нигоҳи илми ҷомеашиносӣ инсон аз ибтидо дар масири такомул ва худташаккулдиҳӣ қарор дошта, аз олами ҳайвонӣ ба олами инсонӣ тавассути маърифати худию олам гузашта, пайваста аз паси камолхоҳӣ, истиқлолу озодӣ ва ҳокимият ёфтан мебошад. Инсон ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам ҷамъиятӣ ба сӯи истиқлолу камолоте гом мениҳад, ки фаротар аз хоста ва ниёзҳои ботинию берунии ӯст, яъне ҳадафи озодии инсон саодату хушбахтии худ ва башарият аст. Аммо аз нигоҳи улуми динӣ бошад, инсони қуръонӣ дорои фитрати илоҳиест, ки дорои хусусиятҳои хос аст: а) инсон мавҷудест азиму пурзарфият, ки шинохти ҳастии худаш барояш муҳим аст, яъне инсон бояд сайри офоқи ҷаҳонро бо тамоми ҷузъҳо ва робитаашон шинохта гирад (маърифат созад) ва худро дар шакли ҷузъию фардии онҳо надонад; б) инсон мавҷуди мураккаб аз руҳу ҷисм буда, аз як тараф ҳамрадифи олами малакутӣ ва аз ҷониби дигар, ҳамрадифи олами табиист, вале аслу ҷавҳари ӯро руҳу хиради азалияш ташкил медиҳанд ва маҳз ҳамин хусусияташ ӯро ҳамчун

[1] Муртазо, Муттаҳарӣ. Инсон дар Қуръон [Матн] / Муттаҳарӣ М.-Теҳрон.: Садро,1374.-С. 219.

ҳайвони нотиқ аз дигарон тафовут мегузорад; в) инсон халифатуллоҳ дар рӯи замин аст ва дар зоти худ адами маҳз аст.[1]

Масъалаи дигаре, ки байни равияҳои ин давра - муътазилаву ашъария ва мотуридия доир ба он баҳсу мунозира сурат мегирифт, масъалаи ваҳй ва ақл мебошад. Дар ҷаҳони ислом нахустин шуда халифа Маъмун аз ақлгароии муътазилиён ҷонибдорӣ намуда, шароити хубе барои озодандешон фароҳам сохт, яъне касоне, ки мутааллиқ ба наслҳои дувум ва сеюм буданд, бар асари таъсири фалсафаи юнонӣ ва зери ҳимояи халифа қарор гирифта буданд, ранги сирф ақлӣ ва мутлақан озодӣ аз ҳаргуна танқиди фикрӣ ба худ гирифтанд. Ба қавли М. М. Шариф, “чунин муносибат ҳатто дар баъзе лаҳзаҳо хусусияти манфӣ бо худ гирифтанд”.[2] Муътазилиён ақлро танҳо асоси ҳақиқат ва воқеият пиндошта, боварӣ доштанд, ки ақл аз ваҳй асоситар аст, аз ин рӯ, онро бояд бар ваҳй бартарӣ дод, зеро ваҳй одатан бовариманди чизест, ки ақл онро мепазирад, вале гоҳе миёни ин ду ихтилофе ба миён меояд, ки бояд бартариро ба ақл дод ва ваҳйро шакле тафсир намуд, ки бо ҳукми ақл мувофиқ гардад. Аммо ашъария бошад, баръакс афзалияту бартарияро бар ваҳй дода, дар ҳолатҳои ба миён омадани ихтилоф бартариро бар ваҳй медоданд. Дар асоси чунин принсип ашъариён кӯшиш менамуданд ин усули муътазиларо рад намуда, нақши имону ваҳйро нисбат ба ақлу мантиқ болотар ва ақлу мантиқро дар ҷои дуюм гузоранд. Маҳз дар ин ҷода ашъария ва пайравонаш бо муътазилиён зиддият нишон дода, онҳоро гумроҳ ва ҳаргуна усули ақлагроёнаи муътазилиён ва фалосифаро дар шариат бидъат хонданд. Чунин равиш аз Имом Ҳанбал оғоз гардид, ки онҳо худро аз муътазилиёну фалосифа канор гирифта, вокунишҳое нисбат ба каломи ақлонии онҳо нишон додаанд. Барои мисол метавон қавли онҳоро дар бораи ояти қуръонии “Ар-Раҳмону

---

[1] Ҳамон ҷо. –С. 224.

[2] Моён, Мирмуҳаммад Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / Шариф М.М.-Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1391. Ҷ.1.-С.316.

ъалал ъашри истиво"[20:5]-ро овард: "истивои Худо бар Арш маълум аст, аммо чигунагии он ҷуҳул аст ва ҳаргуна тафаккур дар бораи муқаддасот бидъат маҳсуб мешавад, аз ин рӯ, ҳаргуна эътиқодро мебояд бе чуну чаро пазируфт".[1]

Аммо баъдтар дар натиҷаи бурхӯрди ислом бо фарҳангҳои дигар, имкон дод, ки фирқаҳои мухталиф ба миён оянд ва аз тариқи далоили ақлӣ бар ақоиди суннатӣ бипардозанд, ки чунин ҳам шуд. Дар ин бора Шиблии Нуъмонӣ чунин таъкид намудааст: «Дар давраи Аббосиён, вақте, ки захоири илмии Юнон ва Эрон ба забони арабӣ тарҷума шуданд, ба тамоми ақвом дар мазҳабу мубоҳисот ва мунозироти мазҳабӣ озодӣ дода шуд, дар натиҷа ислом мувоҷеҳ бо хатари бузурге гардид, яъне порсиву исавӣ, яҳудиву занодиқа аз ҳар тараф бархоста, осебе, ки дар оғози фатҳи ислом аз шамшер дида буданд, хостанд бо забону қалам аз он интиқом бигиранд ва дар ақоиду масоили мазҳабӣ чунон ба озодӣ бинои интиқод ва нуктасанҷиро гузоштанд, ки эътиқоди мусалмонони заифл-у-ақида мутазалзал шуд ва боварҳо ҳама рӯ ба сустӣ ниҳод».[2] Аз андешаҳои Шибли Нӯъмонӣ чунин бармеояд, ки дар воқеъ озодии афкор ва андеша имкон дод, то шахсони озодфикру озодандеш ба таври ошкоро назари худро баён созанд ва он ҳама муқобилятҳое, ки нисбати онҳо раво дида буданд, рад созанд ва ё аз хатоиву иштибоҳҳои онҳо ном баранд ё баръакс нисбати таълимоти қабл аз исломии мардумони тоҷик-форс воқеиятро ироа намоянд.

Фахриддини Розӣ бошад, дар ин ҷода гоҳе ба ашъария ва гоҳе ба муътазила тамоюл намуда, кӯшиш намудааст, миёни ин ду, мавқеи созишкоронаро таъмин намояд. Ба ақидаи мутафаккир, дарки мафҳуму муътақидоти динӣ танҳо аз роҳи ақл буда, мақоми ақл дар ошкор ва дарки бисёре аз муътақидоту нуқсонҳои динӣ муҳим аст. Чунин тамоюл

---

[1] Моён, Мирмуҳаммад Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / Шариф М.М.-Теҳрон.: Маркази нашри доншигоҳӣ, 1362. Ҷ.1.-С.317

[2] Аллома, Шиблии Нӯъмонӣ. Таърихи илми калом [Матн] / Нӯъмонӣ А.Ш. –Теҳрон.: Асотир, 1386. – С.7-8.

ё худ коркарди ақл сирфан на такя ба ақлгарой ва на имонгарой дорад, балки ҳадест миёни ин ду, ки ин мавқегирии мутафаккирро метавон муносибати дуалистии ном бурд. Ба ақидаи ӯ, агар имон ҳамчун унсури муҳимтарин эътиқоди динӣ бошад, ақл ҳуҷҷатест муайянкунандаи моҳияти он, зеро имон бе мавҷудияти ақл дар тасдиқгарой, амалгарой, маърифатгарой ва таҷрибагарой, наметавонад мавҷуд бошад. Иқрор ба забон, ҷузъи таркибии имон ва имон ҷузъи таркибии маърифати ҳиссист, вале ақл бошад бартар аз имону ҳис буда, он тасдиқкунандаи ҳақ ва дурӯғ аст. Ин аст, ки мутафаккир бартарии ақлро нисбат ба имону ҳис аз рӯи чанд хусусияташ пешниҳод менамояд: а) ақл худро дар меёбад, вале ҳис чунин нест; б) наздик ва дур барои идроки ҳиссӣ мафҳум ва барои он дохил аст, вале барои ақл чунин нест; в) ҳиҷоб (парда, пӯшидашуда - Э.Б.) метавонад монеъи идроки ҳиссӣ бошад, аммо монеъи идроки ақлӣ намешавад; г) ҳис фақат зоҳири ашёро дарк мекунад, аммо ақл ба зоҳир ва ботини ашё воқеъ мешавад; д) дар идроки ҳиссӣ иштибоҳоти бисёре рух медиҳад (хатто дидан, хато шунидан ва ғ.), ки дар ақл ингуна нест; е) ҳис дар замони идрок аз чизҳои дигар боз мемонад, аммо ақл чунин нест ва бо донистаи чизҳои дигар қувваи ӯ бештар мешавад; ё) ҳис бо идроки шайъ нерӯманд аз идроки заиф боз мемонад, вале ақл чунин нест.[1]

Ин андешаҳои Ғуломҳусайни Ҷаводпур доир ба Фахриддини Розӣ баёнгари он аст, ки мутафаккир афзалияту бартарии ақлро нисбат ба ваҳӣ ва имон, ки ҳамчун дониши нақлӣ ё эҳсосотиянд, мушоҳида намуда, мавқеи ақлро дар шинохту маърифати олам ва дин дар ҷойи аввал донистааст. Муътазилиён низ ба асолати ақл боварӣ доштанду ҳамагуна ақоиди диниро аз дидгоҳи ақл месанҷанд ва ҳар он чиро, ки аз ақл дур буд, қабул надоштанд. Вале ашъариён бошанд, баръакси онҳо ақли башарро дар дарки афъоли худовандӣ ноқис меҳисобиданд.

[1] Ғуломҳусайни, Ҷаводпур. Санҷиш ва созиши ақл ва имон аз манзури Фахриддини Розӣ [Матн] / Ҷаводпур Ғ // Маҷаллаи “Фаслномаи илмӣ-пажуҳиши андешаи навини динӣ”.-Теҳрон.: Нашрияи навини динӣ, 1389. Шумораи 20. -С. 128-129.

Муътазилиён таъоруз ва ихтилоф миёни ақл ва ваҳйро бо тарҷеҳ додани ақл таҳлил намуда, ваҳйро ба гунае тафсир менамоянд, ки бо ҳукми ақл мутобиқ бошад. Аммо ашъариён муътақиданд, ки ваҳй ба манзалаи ҳақиқат асоситар аз ақл аст, бинобар ин бояд аз он пайравӣ намуд. Ба таври куллӣ, муътазила то ҳадде ба эътибори ақли инсонӣ ва аҳкоми ақлӣ қоил буданд, ки лизо (барои ҳамин - Э.Б.) ақлро дар шиносоии умури илоҳӣ ва ҳақоиқи руҳонӣ муътабар медонистанд, аммо ашъариён баръакси онҳо ақлро дар ин умур норасою ноқис дониста, усули ақлро фақат дар умури таҷрибӣ ва табиӣ қабул доштанд. Муътазила эътибори ақлро дар дарки моҳияти илоҳиёт тасдиқ карда, ақлро барои шинохт ва дарки маънои оёти қуръонӣ зарурӣ медонистанд, аммо ашъариён бошанд, ақлро дар дарки маънои оёти Қуръон барои инсон ғайриимкон медонанд. Чуноне ки доир ба мақоми ақлу ваҳй таъкид менамоянд: "агар ҳам ба ақл пардозем, ақл муҳаббате аст, ки Худо ба ҳар кас бо андозаи ӯ додааст, аммо ваҳй андозае аст пароканда ва фарогир ба таври куллӣ. Пайғамбар бартар аз файласуф ва файласуф фаротар аз пайғамбар аст, бар файласуф аст, ки аз пайғмбар пайравӣ кунад, аммо пайғамбарро пайравӣ аз файласуф нашояд, зеро пайғамбар мабъус (фиристода) аст ва файласуф маъбус илайҳ" (ғайри фиристода аз ҷониби Худо).[1] Фахриддини Розӣ низ дар ин масъала чунин меҳисобад, ки агар муътазилён (Замахшарӣ - муаллифи "ал-Кашоф") чунин мешуморад, ки агар башарият ҳама аз ақл истифода кунанд, пайғамбаре барои онҳо лозим нест, вале Фахриддини Розӣ бошад, зарурати пайғамбарро дар овардани шариат лозим меҳисобад. Агар назарияи ашъарияи қаблӣ аз хирадгарой канорагир бошанд, Фахриддини Розӣ ҳамчун намояндаи ашъарияи баъдӣ ин тамоюлро барҳам дода, мавқеи ақлу хирадгароии диниро дар ҷои аввал мегузорад. Аз ин гуфтаҳо чунин бар меояд, ки ақл ва ваҳй ду тамоюле мебошанд, ки яке пойбанди дин ва дигаре аз он озод

[1] Пайрави, Сангарӣ. Торихи фалсафаи ислом [Матн] / Сангарӣ П. –Теҳрон, Бесоли нашр. –С. 143.

аст, чун пайғамбар ва файласуф. Вале таъкид бояд намуд, ки маҳз пайравӣ аз хирадгарой буд, ки инсонро ба кашфи асрори кайҳону инсон дастёб гардонид. Маҳз иродаи озоди инсон аст, ки тавассути ақл масири ӯро дар ҳама ҳолат муайян месозад. Аз назари Мотуридӣ бошад, зарурати ваҳйи илоҳӣ фақат ба умурӣ динӣ маҳдуд намешавад, балки роҳбарии он дар бисёре аз умури дунявӣ низ мавриди ниёз аст. Кашфи анвои мухталифи хӯрокиҳо ва доруҳо, ихтирои фунуну саноеъ ва ғайра ҳама натиҷаи ин ҳидояти илоҳӣ аст. Ақли инсон аз шинохти бисёре аз ин умур оҷиз аст ва агар инсон дар шинохтани ҳамаи ин умур фақат ба таҷрибаи фардӣ эътимод намекард, дар он сурат тамаддуни инсонӣ наметавонист чунин пешрафте дошта бошад.[1]

Мотуридӣ ақидаи касонеро, ки гумон мекунанд ақли фардӣ асоси маърифат ва асли ҳақиқат аст, мардуд мешуморад. Вай ҳамчунин илҳомро яке аз мабодии шинохт ба шумор намеоварад. Истидлоли ӯ мубтанӣ бар ин аст, ки дар қаламрави маърифат илҳом сабаби нобасомонӣ ва зиддият мешавад ва шинохти саҳеҳро номумкин месозад ва саранҷом бими он меравад, ки бо сабаби аз байн рафтани асли муштараке барои қазоват ва набудани як мабнои куллӣ барои ҳамдигарфаҳмии навъи башарро ба фано ва нобудӣ бикашонад.

Аз ин шарҳи мухтасар пайдост, ки дар низоми ақидавии Мотуридӣ ақл ва ваҳй ҳар ду саҳми муҳиме доранд. Ба назари ӯ, усули ақоиди дин касбшуда аз ваҳй аст ва вазифаи ақл фаҳми саҳеҳи онҳост. Агар ваҳй ба дурустӣ фаҳмида шавад, миёни ақл ва ваҳй ҳеҷ гуна ихтилоф ва нофаҳмоие наметавонад ба вуҷуд ояд, аммо дар ҳолатҳои зарурӣ истифодаи таъвил ҷоиз аст, вагарна маънои ҳақиқии онро бояд бидуни ҳеҷ гуна кайфият ва исботе ба илми Худованд вогузор гардад. Дар ин ҷода ихтилоф миёни дидгоҳи Мотуридӣ ва муътазила бунёдӣ буда, аз муътазилиён бошанд, мабни бар ақл. Ин муносибати онҳоро муҳаққиқи

[1] Моён, Мирмуҳамммад Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / Шариф М.М.- Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1362, Ҷ.1, -С. 280.

эронӣ Абдурафеъи Ҳақиқат чунин арёбӣ мекунад: “ин муносибати онҳо нисбат ба ақл боиси он гардид, ки онҳо ба ҳамин васила исботи сифотро ба унвони мухолифат бо тавҳид ва ақида ба қадарро ба унвони мунофот бо адл рад кунанд ва усули муътақидоти худро бо назар ва истидлол тақдир ва мудавван намоянд».[1]

Таъсири ақидаҳои онҳоро бештар дар назарияи ҷабру ихтиёри Фахри Розӣ низ метавон бараъло мушоҳида кард, ки байни муътазила ва ашъариён миёнаравӣ намудааст. Дар муқобили аҳли суннат, муътазилиён заминаи далелҳои ақлиро дар мабоҳисоти усулӣ ба миён гузошта, далелҳои ақлӣ ва яқиниро дар раванди маърифат муҳим арзёбӣ намуданд. Фахриддини Розӣ таъсири муҳим гузошт, ки инро метавон дар шарҳи масоили динӣ дар асарҳои «Матолиб-ул-олия», «Асос-ут-тақдис», «Асрору-т-танзил», «Мафотиҳу-л-ғайб», «Бароҳин дар илми калом», «Рисолату-л-каломия фи-л-ҳақоиқ-ил-илоҳия» ва «Муҳасилу афкори-л-мутақаддимин ва-л-мутааххирин мина-л-ҳукамо ва-л- мутаккалимин» ва ғайраи ӯ мушоҳида намоем. Ин муносибати онҳоро метавон дар чунин шакл зикр намуд:

1. Ба ақидаи муътазилиён, амалҳои нек ҳама аз они Худо аст ва Ӯст, ки ҳар чӣ шоиста ва сазовори анҷоми кори инсонҳост, анҷом диҳад;

2. Ба ақидаи муътазилиён, имон аз се рукн иборат аст: эътиқод ба қалб, гуфтор ба забон ва амал ба рукнҳо, вале ашъариҳо чунин меҳисобанд, ки рукни аслии имон эътиқоди қалбӣ аст ва гуфтору кирдор аз фурӯъоти он (мебошанд);

3. Ба ақидаи муътазилиён, некию бадӣ (ҳусн ва қубҳ) натиҷаи амали инсон буда, онҳо дар зоти ашёанд ва ақл худ бидуни мувозинати шаръ метавонад некию бадии ҳама чизҳоро дарк кунад. Аз ин рӯ, амрҳои динӣ низ тобеъи некию бадии зотиянд, на ин ки неку бад тобеъи амру наҳйи динӣ. Аммо ашъариҳо бошанд, дар ин ҷода дар садади радди некию

[1] Абдурафеъи, Ҳақиқат. Торихи улум ва фалсафаи Эрон [Матн] / Ҳақиқат А. Теҳрон.: Кумаш, 1376.-С. 158.

бадӣ баромада, некию бадиро натиҷаи аъмоли худовандӣ меҳисобанд ва ақлро дар шинохту маърифати неку бад куллан нотавон медонанд.

4. Ба ақидаи муътазилиён, инсонҳое, ки даст ба амалҳои бади ахлоқӣ мезананд, на муъмин ва на кофиранд, балки фосиқанд ва ҷойгоҳи онҳо дар манзал байнал манзалатайн мегиранд, вале ашъариҳо бошанд, чунин ҷойгоҳеро эътроф надоранд.

Масъалаи дигар, ки дар ин давра байни онҳо баҳсбарангез буд, масъалаи озодии ирода (соҳибихтиёрии инсон) мебошад. Дар муътазила мусовӣ бо тавфиз аст, яъне вогузошта шудани инсон ба худ ва беасар будани машшияти илоҳӣ аз таъсире, ки амр муҳол ва нашуданист. Ихтиёр ва озодии инсон мавриди эътиқоди шиа ба ин маънӣ аст, ки бандагон мухтор ва озод офарида шудаанд, аммо бандагон монанди ҳар махлуқи дигар дар ҳаёт ва дар тамоми фаъолияти, аз ҷумла анҷоми фоълият қоим ба зоти Ҳақ ва мустаманд аз машият ва инояти Ӯянд. Ин ақидаро В. В. Бартолъд низ хело возеҳ шарҳ додааст: «ҷаҳони ислом ба ин раванди дарҳампошии хилофат ва давлати воҳиди мусалмонон ба як воқеияте, ки асосу ҷанбаи шаръӣ ва ҳуқуқӣ надошт, менигаристанд…».[1]

Баҳси дигаре, ки дар ин давра байни равияву ҷараёнҳо маъмул буд, масъалаи озодии ирода ё худ ҷабру ихтиёр мебошад, ки доир ба он мактабҳои динӣ-фалсафӣ бо ҳам ихтилоф варзида, назарияҳои гуногунро пешниҳод намудаанд. Ин мафҳумҳо агар дар илми калому илоҳиёт зери таъсири илму иродаи худовандӣ қарор дошта бошад, дар фалсафа зери категорияҳои "зурурат ва тасодуф ё имкон ва воқеия" баррасӣ мегарданд. Маврид ба зикр аст, ки дар фалсафа аз аҳди қадим Гераклит, Занон, атомистҳо, равоқиён ва дигарон инсонро чун табиат дорои моҳият ва хусусиятҳое медонистанд, ки онҳо баъзан тағйирпазир ва ё баръакс аст. Чунин назарияро метавон дар талимоти файласуфон: Эпикур, Суқрот, Афлотун ва Арасту, Абӯбакри Розӣ, Форобӣ, Ибни

[1] Бартольд, В. В. Халифа и Сутан [Текст] / В.В. Бартольд. Соч. Том. 6.-М.: Наук, 1966. -С. 29.

Сино ва дигарон мушоҳида намуд. Аз он ҷо ки ин файласуфон кӯшидаанд масъалаи ҷабр ва ихтиёрро дар доираи “ақли муҷарраду маҳз” ҳал намоянду дар кашфи асрори гуногуни табати инсон дастёб гардиданд. Аз сӯи дигар, дар ин давра мутафаккирони масеҳӣ ва фалосифа низ даст ба омӯзиши ин масъала зада, назари “муъҷизот ва хавориқ”-ро натиҷаи дахолати “иллати нахустин” дар раванди зиндагӣ донистаанд.

Дар хусуси масъалаи озодӣ муътазилиён бар он ақида буданд, ки асли адл ин аст, ки “бар Худо воҷиб аст то ба некӯтаринҳоро бо сабаби аъмоли некашон подош диҳад ва гунаҳкоронро ба ҷазои аъмоли бадашон ба уқубат расонад”.[1] Дар хусуси моҳияти адлу тавҳид бошад чунин меҳисобанд, ки «адолати томи илоҳӣ он аст, ки башар худ фоъили афъоли худ бошад, танҳо дар ин сурат метавон ӯро мухтор ва масъули кардаҳои хеш донист”.[2] Ин ақидаи муътазилиёнро қадариён низ ҷонибдор буданд. Ба ақидаи онҳо, агар инсон фоъили афъоли худ набошад ва афъоли ӯ махлуқи Худованд бошад, чӣ гуна метавон ӯро масъули аъмоли худ донист ва дар муқобили маъсиятҳояш мустаҷиби кайфар шавад? Онҳо ба ин ақидашон муътақидинд, ки оё зулме нахоҳад буд аз ҷониби Худованд, ки бар инсон билирода дода мешавад ва он гоҳ аз ӯ бо сабаби гуноҳонаш аз ӯ хоста шаваду инсон равонаи дузахаш гардад? Муътазилиён дар ин амр, ки инсон холиқи афъоли ихтиёрии хеш аст, иттифоқи назар доранд. Инсон баъзе аз афъоли худро аз тариқи «мубошшират» (муомила бо дигарон - Э.Б.) ва баъзеи дигарро аз роҳи «тавлид» халқ мекунад. Мурод аз «тавлид» он аст, ки феъли фоъил аз феъли дигаре заруратан вуқӯъ пайдо кунад. Масалан, ҳаракати ангуштарии Зайд сабаби ҳаракати ангуштарӣ мешавад. Агар худи ӯ қасди ҳаракати ангуштариро надорад, касе ҷуз ӯ муҳаррики он нахоҳад

[1] Моён, Мирмуҳаммад Шариф. Тарихи фалсафа дар ислом [Матн] / Шариф М.М.- Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1362. Ҷ.1, -С. 284.
[2] Ҳамон ҷо, -С. 286.

шуд[1]. Шак нест, барои вуқуи ин феъл васати феъли дигаре лозим ояд. Одамӣ ҳидоят ва ё залолатро барои хештан аз тариқи «тавлид»-и халқ меҳисобад ва Худованд камтарин дахолате дар он надорад ва иродаи илоҳиро низ дар он таъсире нест. Ба қавли дигар, агар инсонро фоъили афъоли хеш донем, ин бад-он маънӣ аст, ки ӯ қодир аст ё ислом овард ва мутеъи Худо гардад ё кофиру осӣ шавад, ки иродаи Худованд ҳеҷ дахолате дар ингуна афъол надорад.

Аз он ҷо ки инсон фоъили афъоли хеш аст, бар Худо воҷиб аст, ки дар муқобили корҳои некаш подоше диҳад ва равост, ки инсон муддаъии чунин подоше бошад. Ба қавли Шаҳристонӣ: "муътазилиён муътақид бар онанд, ки банда қодир аст бар афъоли хеш ҳам фоъили нек ва ҳам бад ва бар тибқи кирдор мустаҳақи савобу иқоб шавад ва дар охират ҳазрати кибрёи субҳони муназзаҳ аст аз он нисбат кунанд ба соҳиби иззаташ зулму куфр ва шарру маъсиятро, зеро агар ба офариниш зулм гарояд, зулм бошад ва агар адлро халқ фармояд одил бошад".[2]

Ин андеша баёнгари он аст, ки Худованд масъул аст дар баробари амалҳои некаш ба ӯ подош диҳад. Ин ақидаро муътазилиён ҷонибдор буда, Шаҳристонӣ низ ҳамин андешаро баён мекунад, ки Худованд вазифадор аст мувофиқи амалҳои неку бади инсон ӯро мукофот ё ҷазо диҳад ва дар охират ҳам адолати илоҳиро риоя намояд. Дигар ин, ки муътазилиён муътақиданд, ки ҳеҷ амале бар хилофи адолат анҷом намегирад ва фарди оқил наметавонад ҷуз он чӣ ки салоҳи хайр аст анҷом диҳад ва ҳукми илоҳӣ ҳамвора он чиро ки ба силоҳи бандагони Ӯст, иқтизо кунад ва лизо ба бандагон зулм кунад. Худованд наметавонад афъоли шарро падид оварад ва наметавонад аз он чӣ салоҳ аст, сарфи назар кунад. Ӯ наметавонад бандагони худро ба он чӣ муҳол

---

[1] Фахриддини, Розӣ. Бароҳин дар илми калом [Матн] / Розӣ Ф // Тасҳеҳ ва нигориши Сайид Муҳаммадбоқири Сабзворӣ.-Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1342, Ҷ.1. –С.56.

[2] Абдулкарими, Шаҳристонӣ. Ал-Миллал ва-н-ниҳил [Матн] / Шаҳристонӣ А // Тасҳиҳ ва тарҷумаи Сайд Муҳаммадризои Ноёбӣ.- Теҳрон.: Тобон, 1335. –С. 35.

аст, мукаллаф фармояд (вазифадор намояд) ва ҳатто ақл чунин мекунад, ки Худованд бар души ҳеҷ махлуқе беш аз он чӣ тоқати ӯст, бор наниҳад.

Ашъария дар ин масъала низ таваҷҷуҳ намуда, чунин мешуморанд, ки озодии инсон маҳдуд аст ва ӯ ҳеҷ аъмолеро бе иродаи Худованд наметавонад анҷом диҳад. Онҳо дар ин масъала байни қадария, муътазила ва ҷабария ҳадди мобайниро ихтиёр кардаанд. Асҳоби нақл ва ҷабариён қоил ба ҷабри маҳз буда, бар он ақидаанд, ки афъоли инсон ҳама маҳкум ба ҳукми қазои илоҳӣ аст ва пешакӣ таъйиншуда аст. Тибқи ақидаи онҳо, инсон ба ҳеҷ ваҷҳ тавони халқи феъли худро надорад ва ҳама афъол аз ҷониби Худо дониста мешавад. Худованд султон аст ва салтанати мутлақи Ӯ ба ҳама чизҳо, ҳатто ба иродаи инсон низ дахолат дорад. Ашъария назарияи ба худ хосси ихтиёрро (озодии ирода) ба вуҷуд оварда, чунин мешуморад, ки инсон дорои ихтиёр ва қудрати офаридани кирдори хеш аст, вале қудрате, ки тавассути кирдори инсон анҷом меёбад, берун аз иродаи инсонии ӯ буда, қудрати илоҳист. Инсон қудрат ва кирдори худро аз Худо иктисоб мекунад. Ҳамин иктисоб инсонро водор мекунад тасаввур намояд, ки ӯ соҳиби ихтиёр (озодии ирода) буда, дар офаридани аъмоли хеш мухтор бошад. Аз сӯи дигар, муътазила ва қадария қоил ба он буданд, ки инсон комилан қодир аст феъли худро халқ кунад ва дар ин ҷода ӯ низ комилан соҳибмухтор аст, агарчӣ ин қудрат ва тавоноии худ махлуқи Худованд аст. Онҳо миёни халқи афъол ва касби онҳо имтиёз қоил буда, Худовандро холиқи афъоли инсон медонанд ва инсонро касбкунандаи он.

Қудрат аз назари ашъария ё қадим аст ё ҳодис ва қудрати муассир танҳо қудрати қадим аст, қудрати ҳодис бошад, наметавонад холиқ бошад. Қудрати инсон қудрате аст, ки Худо бар ӯ иноят додааст, аз ин рӯ, он ҳодис аст. Ашъариён бар он ақидаанд, ки "Ҳақиқати кас дар он аст, ки чизе аз рӯи қудрат муҳдасе падидояд ва ин чиз барои касе, ки қудрати ӯ онро падид овардааст, касб аст. Пас, Худованд холиқи

афъоли инсон аст ва инсон касбкунандаи онҳо. Ба ақидаи онҳо, инсон ҳеҷ чизеро наметавонад биофарад ва ҳеҷ коре раъсон (сараввал - Э.Б.) аз ӯ сохта нест. Худост, ки метавонад халқ кунад, зеро хилқати мутлақ дар шаъни Ӯст. Тибқи ақидаи онҳо, Худованд қудрат аст ва Ӯ тавонои анҷоми як амалро дар инсон дорад ва Ӯ қудрати ихтиёру гузиниш миёни ду чиз: савобу хаторо дар инсон дорад. Ин ақидаи онҳо, агар аз як ҷониб, баёнгари пойбанди ҷабр ва соҳибихтиёр набудани инсонро бобати ба вуҷуд овардани феъли муассире ифода кунад, аз ҷониби дигар, феъли инсон ҳам аз ҳайси шурӯи он ва ҳам аз ҳайси эҷод ва анҷоми он офаридаи Худо дониста мешавад. Тибқи ақидаи онҳо одат ва ё сифоти илоҳӣ бар он равона шудааст, ки феълеро биофаринад ва мутобиқу интихоб ва қудрате, ки дар инсон халқ кардааст, ба вуҷуд оварад.

Аз ин ақидаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки феъли инсон махлуқи Худост, ҳам аз ҳайси шурӯи он ва ҳам аз ҳайси эҷоду анҷоми он ва инсон фақат аз ду ҷиҳат метавонад соҳиб ихтиёр бошад: яке дар интихоб миёни ду чиз ва дигаре дар қасди анҷоми феъле, ки ихтиёр кардааст. Инсон ба ин интихоб ва бо қасд ё касби лутфи Худо соҳиби савоб аст, ки интихобаш саҳеҳ аст ва ё касби накуҳишу иқоби ӯ, ки ин низ мавқеест байни интихоби хатои ӯ. Дар ин ҷо ашъариҳо ба манзури иҷтиноб (дурӣ ҷустан - Э.Б.) аз иттихоз (интихоб кардан - Э.Б.) назарияи қадария назари касбро пешниҳод намуда, чунин меҳисобанд, ки бо ин роҳ онҳо тавонистаанд ихтиёри инсонро ба наҳвае собит кунанд, ки бори масъулиятро бар души ӯ ниҳанд”.[1]

Дар мавриди афъоли ихтиёрии инсон, ашъария ду омилро зикр намудаанд: якеро феъли ихтиёрии таъвили иллати аввал - Худо, ки он маълули интихобӣ аст ва инсон касбкунандаву дорандаи қудрати ғайримуассир, ки он низ ҳодисаест байни афъоли махлуқ (инсон) дар маҳал. Масалан, Худованд қудрат ва иродаи анҷом додани феълеро дар

[1] Моён, Мирмуҳаммад Шариф. Тарихи фалсафа дар ислом [Матн] / Шариф М.М.- Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1362. Ҷ.1. -С. 188-189.

инсон халқ мекунад ва инсон, ки дорои қудрати ҳодис аст, озодона миёнаи ду чиз якеро интихоб мекунад ва бо ин қасду ният Худованд айни он феълро меофаринад ва тамом мекунад. Ба ақидаи онҳо, ҳар амале гарчи махлуқи Худо аст, вале амал ва касби худи инсон аст, зеро натиҷаи худи ӯст ва бидуни ҳеҷ гуна қаҳру ҷабре ба василаи ӯ касб шудааст.

Агарчӣ ашъария дар ин ҷода пайравӣ аз ҷаҳмия намудааст, вале ҷаҳмия низ чунин мешуморанд, ки банда дар раванди афъоли худ маҷбури сирф аст ва ӯро аз худ ирода ва ихтиёр набошад, балки куллияи афъоли баду нек ва хайру шар аз қодири мутаъол аст. Аз ин рӯ, бандаро ҳаргиз ба қудрат ва иститоат мавсуф нашавад, балки афъоли худро худо дар ӯ меофаринад.[1] Ин андешаи ҷаҳмиён ифодагари онанд, ки инсонҳо пурра пойбанди ҷабри маҳз буда, ихтиёру иродаи бандагон дар рафтору кирдорашон озод нестанд ва ҳама неку бад аз қудрати офаридгор вобастааст. Барои мисол онҳо муътақид буданд, ки "Агар коре ба худи бандагон нисбат дода шавад, он мисли ғуруби офтоб, чархидани санги осиё, мева додани дарахт аст, зеро ҳеҷ якеи онҳо фоили коре нестанд"[2].

Озодии инсон худ надоштани ҳар амре ва қайде аст. Ба қавли Сартр "инсон дар ин ҷаҳон озод аст, балки айни озодӣ низ аст"[3] Ӯ дар асари худ "Ҳастӣ ва нестӣ" дар бораи озодӣ навиштааст: "ба далели ин ки инсон озод аст, мегӯям, пас худое набояд бошад, чун агар худое вуҷуд дошта бошад, инсон дигар наметавонад озод бошад".[4] Инсон дар айни он ки озод аст ва барои сохтани шахсияти худ соҳибмухтор аст, ҳамзамон низ наметавонад озод бошад, яъне омилҳои зиёде вуҷуд дорад, ки ин озодии ӯро маҳдуд месозанд ва инсон аз ибтидои пайдоишаш бо табиати инсонии худ аз дигар мавҷудот фарқ дошт. Дар ин хусус

---

[1] Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М. –Душанбе.: Ирфон, 2002. Ҷ. 3-4.-С 94.

[2] Гарберт, Франке., Игрек, Минус. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / Франке Г., Минус И // Тарҷумаи тоҷикӣ. У. Ашуров., М Саидов. –Душанбе.: Мир, 1986.-С 214.

[3] Жан, Пол Сартр. Ҳастӣ ва нестӣ [Матн] /Сартр Ж.П // Тарҷумаи Оятуллоҳи Шикебопур.-Теҳрон.: Нилуфар, 1380.-С. 40-45

[4] Ҳамон ҷо. –С. 223-225.

Мотуридӣ назарияи адли илоҳӣ ва тавҳиди муътазиларо интиқод намуда, тафсири онҳоро нисбат ба адли илоҳӣ рад месозад. Ӯ чунин меҳисобад, ки лутф ва раҳмати илоҳӣ дар низомашон ҷое надорад, чунон ки аз қавлашон роҷеъ ба гуноҳони кабира ошкор аст. Аз ин назарияи онҳо ба чунин натиҷа метавон омад, ки ашъария нисбат ба муътазила ва мотуридия тамоми раванди офариниш, феълу рафтор, ақлу ваҳӣ ва озодию иродаи инсонро пурра тобеи иродаи илоҳӣ дониста, аз доираи он берун амал намудани инсонро номумкин ҳисобидаанд. Аммо нисбати ашъарияву мотуридия, муътазилиён инсонро дар тамоми анҷоми феълу амалаш бештар озоду соҳибмухтор арзёбӣ намудаанд. Муътазилиён ба асолати ақл тавре муътақид буданд, ки онро ягона омили шинохти ҳақиқат пазируфта буданд ва ҳар он чиро, ки назди онҳо хираднопазир менамуд, инкор мекарданд. Агарчӣ ашъарияи аввал аз ақлгароӣ худдорӣ менамуд, вале пайравони баъдии он, бахусус Фахриддини Розӣ ин қолаброро шикаста, ҳатто дар аксар мавридҳо муқобили равиши нақлии онҳо баромад кардааст. Ин назари ӯро аз забони худи Фахриддини Розӣ чунин арзёбӣ намудаанд: “Ашъарӣ марди ҷоҳил ва мискин буд, ки ҳамеша дар мазҳаби ҷоҳилият саргардон мондааст”.[1]

Фахриддини Розӣ бешак чунин равиши ашъарияро то ҳадде шикаст, ки муҳаққиқони баъдӣ ҳангоми ба калом рӯй овардан, бештар дар он фалсафаро медиданд ва фарқияте байни фалсафаю калом эҳсос намекарданд. Ақлгароие, ки муътазилиён ва файласуфон аз он пайравӣ мекарданд, минбаъд дар асарҳои пайравони ин мактаб, бахусус Фахриддини Розӣ ва шогирдонаш бештар мушоҳида мешавад. Ин муносибати ақлгароёнаи ӯро дар мактаби ашъария Ибни Халдун чунин тавсиф намудааст: “...пас аз Имом Фахри Розӣ мавзуҳои ин ду илм

[1] Қаландаром, М.И. Таъсири андешаҳои Фахриддини Розӣ ба рушди фалсафаи калом [Матн] / М.И. Қаландаров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи М. Баҳоваддинови АИҶТ. –Душанбе, 2019. №2.-С.73.

(манзур калом бо фалсафа - Э.И.) то ҳадде бо ҳам даромехт, ки тафовут миёни ин ду номумкин гардид.”[1]

Ин гуфтаҳои Ибни Халдун баёнгари он мебошанд, ки Фахриддини Розӣ, агарчӣ дар аввал зери таъсири мутакаллимон қарор дошта бошад ҳам, баъдтар зери таъсири файласуфон қарор гирифт ва ба каломи исломӣ хусусияти ақлгароӣ бахшид. Андешаҳои ақлгароёна дар осори Фахриддини Розӣ, агар аз як тараф, таъсири мероси ақлгароӣ дар ҷомеаи исломӣ бошад, аз тарафи дигар табдили ашъарияи нақлгаро ба ашъарияи ақлгаро мебошад. Маҳз чунин муносибати ақларгоёни мутафаккир ба дин буд, ки гурӯҳе ӯро файласуф ва гурӯҳи дигар ӯро мутакаллими файласуфмашраб хонанд.

Масъалаи ҳусн ва қубҳ (нек ва бад) низ яке аз масъалаи дигарест, ки бешак байни ин равияҳо доир ба масъалаи моҳият ва табиати инсон ихтилофҳои зиёдро ба вуҷуд овард. Ба ақидаи муътазилиён, ҳусн ва қубҳи ашё, на барои он вуҷуд доранд, ки Худо онҳоро офарида ба одамон муаррифӣ кардааст, балки инсон дар интихоби онҳо нақше надорад. Ҳусну қубҳ дар дохили худи ашё вуҷуд дорад ва ҳамин ҳусну қубҳи ашё аст, ки сабаби амр ва наҳйи аҳком мегардад. Инсон тавассути ақл метавонад, неку бадро муайян созад ва барои муайян намудани ин ҳусну қубҳ шариат ҳеҷ зарурате надорад. Масалан, онҳо чунин мешуморанд, ки рост гуфтан зебо ва дурӯғ гуфтан зишт аст, дар ин ҷо ҳоҷат ва зарурате ба амалҳои шаръӣ нест. Ин андешаи муътазилиён ба он далолат мекунад, ки неку бад агарчӣ дар ботини ҳама инсон мавҷуд аст, вале дар раванди муносибат бошад, феъли худи инсонҳост ва аз нуқтаи назари илми ахлоқ ва меъёрҳои он ростиро хуб ва дурӯғро զиштӣ гуфтаанд, ки ақли солим низ метавонад онҳоро бечуну чаро муайян кунад. Дар ҷодаи ақлгароии муътазилиён А. Шаҳристонӣ чунин гуфтааст: “аҳли адл гӯянд, шинохт, камол дар ҳайати таақкул воқеъ

---

[1] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддима [Матн] / Халдун И.А // Мутарҷим Муҳаммад Парвин Гундободӣ. –Теҳрон.: Илм ва фарҳанг, 1390. Ҷ.2. С-192-193.

мешавад ва вуҷуби худро аз ақл мегирад ва шукрмандам пеш аз он ки ҳукм ба гӯш бирасад, воҷиб аст ҳусн ва қубҳ, ки ду сифатанд, ба зоти умури хуб ва бад тааққул доранд”.[1]

Дар хусуси ҳусн ва қубҳ байни ашъарияву муътазила ихтилоф буда, муътазилиён неку бадро натиҷаи феълу рафтори инсон медонанд, вале ашъария бошад, онҳоро марбути иродаи илоҳӣ меҳисобанд. Барои ошкор намудани моҳияти ҳусну қубҳ ашъария аз чанд ҷиҳат назар мекунад:

а) ҳусн ва қубҳ ба маънои камол ва нуқс ба кор рафта, фалон амр ё фалон феъл ҳусн ва қубҳ аст ва муроди мо аз он сифатест, ки воҷид онро комил мекунад ё фоқид онро ноқис;

б) ин истилоҳот дар маънои ҷудогона ҳам ба кор рафта, дар умури дунявӣ маънии суд ва зиёнро ифода менамоянд, мисоли ин ки ҳар чӣ дар зиндагии мо судманд аст, ҳусн ва акси он қабеҳ аст, пас ҳар чизе, ки на судманд ва на зиёнманд аст, на ҳусн аст ва на қубҳ.

Дар ин ду назария байни муътазила ва ашъария ихтилоф мавҷуд набуда, ҳар дуи онҳо нақши ақлро муҳим донистаанд, аммо дар хусуси назари дуюм бошад, амалишавии ҳусн ва қубҳ байни афроди ҷомеа гуногун ва тафовутнок маънидод гардидааст, мисли он ки агар барои як нафар чизе ва ё амале ҳусн бошад, барои каси дигар қабеҳ ва зишт аст;

в) ҳусн ва қубҳ дар маънои сеюм, ки зери ин мафҳум савоб ва иқоб ба кор меравад, метавонад дунявӣ ва ё ухравӣ бошад. Аммо дар ин қисмат ашъариён бар он ақида буданд, ки ҳусн ва қубҳро дар маънои сеюмаш ҳамчун миёнарави ваҳй бояд фаҳмид, на мисли он ки муътазила муътақиданд аз тариқи ақлиянд. Ба қавли ашъариён он чиро, ки шаръ зикр кардааст, ҳасан ва он чӣ кӣ маън кардааст, қабеҳ аст.

Дар натиҷа мебояд тавассути ақл сидқ ва эътибори ахлоқи умур ва афъоли башарро таъйин кард. Ҳадафи муътазилиён дар ин ҷо аз он

[1] Абдулкарими, Шаҳристонӣ. Ал-Миллал ва-н-ниҳил [Матн] / Шаҳристонӣ А // Тасҳиҳ ва тарҷумаи Сайд Муҳаммадризои Ноёбй.- Теҳрон.: Тобон. 1335, Ҷ.1.-С. 93.

иборат аст, ки сифоти ахлоқии ҳусну қубҳ ҳам айнӣ ва ҳам зотиянд, аз ин рӯ, бо роҳи ақл метавон онҳоро шинохт ва дар хусуси ҳусну қабеҳоташ тасмимҳо гирифт. Тибқи ақидаи Ҷалолуддин Ҳумоӣ: "Муътазилиён қоил ба ҳусну қубҳи ақлӣ буда, зеро онҳо боварманди ононд, ки: "Ҳусну қубҳ зоти ашё аст ва ақл худ бидуни муовинати шаръ метавонад ҳусну қубҳи чизҳоро дарк кунад. Авомир ва навоҳии шаръ тобеъи ҳусну қубҳи зотӣ аст, на ин ки ҳусну қубҳ тобеъи амру наҳйи шаръ ва аз ин ҷиҳат дар мавридҳое, ки далели шаръӣ дар даст надорем, ақл худ метавонад ҳукмкунандаи аҳком бошад, аммо ашъария мункири ҳусну қубҳи ақлӣ буда, ҳалолу ҳаромро самовӣ дониста, ақли башарро шоистагии эҷод ё тасарруф дар аҳкоми шаръӣ намедонад."[1]

Дар воқеъ муътазилиён хубу бадро зотӣ дониста, онро марбути шаръ намедонанд, ҳатто дар мавриди он ки далелҳои шаръӣ дар даст нест, ақлро муайянкунандаву ошкорсозандаи неку бад медонанд, дар ҳоле, ки ашъария ба ин чиз боварӣ надоранд.

Фахриддини Розӣ низ дар пайравӣ аз муътазилия ва ашъария зери мафҳуми ҳусну қубҳ ба некию бадӣ ишора намуда, кӯшиш намудааст ҳардуи онҳоро ҳамчун ғаризаҳои нафсонӣ ошкор созад. Чуноне, ки ӯ дар яке аз рисолаҳои худ баён кардааст: «инсон гоҳе ғарқ дар зулмоти иллали аҷсом мешавад ва гоҳе аз он раҳоӣ мeёбад ва ба анвори олами қудсӣ роҳ мeёбад…ва чун аз зулмат ба нур ва аз ҳиҷоб ба вусул мерасад, лаззати азим ба ӯ даст медиҳад ва аз лаззатҳову саодатҳо чизҳое дар мeёбад, ки ҳеҷ чашме надида ва ҳеҷ гӯше нашунидааст».[2] Фахриддини Розӣ ба ин масъала дидгоҳи худро муайян карда, ин дуро чун табъҳои махсус маънидод мекунад, яъне "чунин табъ на табъи омм, ки ҳамон табиати ҳайвонӣ маҳсуб мeёбад, дониста мешавад, балки мақсуд аз чунин табъ табъи малакутӣ ва руҳонии инсон дониста мешавад. Пас,

[1] Ҷалолуддин, Ҳумоӣ. Ғаззолинома [Матн] / Ҳумоӣ Ҷ. –Теҳрон: Эрон, 1388.-С. 63.
[2] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ [Матн] / Розӣ И.Ф // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ.- Теҳрон, 1388. –С.9.

маълум мешавад, ки феъли созгор бо табъ, хуб ва феъли носозгор ба он (табъ) баду нозеб дониста мешавад. Монанди шунидани сурати зебо ва зишт, ки ба хубу бад ифода меёбанд. Бинобар ин, “ҳусн ва қубҳ бар асоси мулоимат ва адами малоимат ба табъи малакутии инсон арзишгузорӣ мешавад”.[1]

Ҳамин тавр, Фахриддини Розӣ бо таваҷҷуҳ ба гуногунии сифатҳо, онҳоро равшан сохта, қисме аз ин сифотро камоли нафс ва қисми дигарро нуқси нафс мешуморад. Масалан, доной камоли нафс ва нодонӣ вомондагию мағрурии нафс қаламдод мегардад ва ё оқилону фозилон ситоиш ва нодонону ҷоҳилон мағрур сарзаниш карда мешаванд. Мутафаккир зимни баррасии ин масъала ҳусну қубҳро ба се қисм ҷудо мекунад: а) созгорӣ ва носозгорӣ бо табъи инсонӣ, б) камол ва куқси инсонӣ, в) шоистагӣ ва ношоистагии афъоли ихтиёрӣ,[2]ҷудо кардааст.

Аз ин гуфтаи онҳо ба чунин натиҷа метавон расид, ки мутафаккир чун муътазилиён дар муқобили ашъариён афзалияти асосиро бар ақл дода, онро меъёри муайянкунандаи ҳусн ва қубҳ донистааст. Ба ақидаи ӯ, инсон тавассути ақл имкон дорад баъзе маъноҳои ҳусн ва қубҳро дарку фаҳм намояд, монанди мулоимат, мунофот ва табъи инсон, сифоти камол ва нуқс монанди илму ҷаҳл.[3] Ҷои дигар бошад, Фахриддини Розӣ пой фаротар гузошта, чунин меҳисобад: “ба назари ман раъйи мухтор он аст, ки таҳсин ва тақбеҳи ақл дар мавриди бандагон муътабар, аммо дар мавриди Худованди мутаол ботил аст”.[4]

Фахриддини Розӣ бештар зери таъсири муътазилия қарор гирифта, чунин меҳисобад, феъле, ки дар масири к амол қарор дорад, неку зебо буда, зидди он ҳама нозебу зишт накӯҳиш мешаванд. Ин аст, ки дар

[1]Имом, Фахриддини Розӣ. Муҳасилу-л-афкори-л-мутақаддимин ва-л-мутааххирин мина-л-ҳукамо ва-л-мутакаллимин [Матн] / Розӣ И.Ф.-Бейрут.: Дорау-л-тарос, 1991. –С.147.
[2] Асари мазкур.-С 168
[3] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф. –Қоҳира.: Мактабату-л-куллиёту-л-Азҳар.-С. 246.
[4] Имом, Фахриддини Розӣ. Маолим ал-усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф // Муҳақиқ Низор Ҳаммодӣ. –Бейрут.: Дору-л-фатҳ. 1992.-С .10-22.

низоми фикрӣ адлия, ақл анҷоми адолатро шоиста шуморида, анҷомдиҳандаи онро мадҳ месозад, вале дар муқобили он бошад, зулмро ношоиставу нозеб мепиндорад. Дар ин ҷода мутафаккир кӯшиш менамояд, ки маҳалли ташаккули ҳар дуро ошкор сохта, мақоми ақлро дар дарку равшансозии неку бад то андозае дар ҷои аввал гузорад, яъне ӯ чунин меҳисобад, ки дар ин ду маврид ҳеҷ кас низоъ надорад, балки ихтилоф ва даргирӣ дар он сурат аст, ки ҳусн ва қубҳ ба маънои мадҳ ва зам ё савоб ва иқоб бошад: "бидон, ки мо ба ақл медонем, чизҳое ҳастанд, ки малоими табъи мо бошад ва баъзе чизҳое ҳастанд, ки мунофоти табъи мо ва баъзе чизҳое, ки роҳати расонидани малоими табъ аст ва ин малоим ва мунофот мавқуф нест бар шаръ ва ҳамчунин ба ақл медонем, ки ақл сифати калом аст ва ҷаҳл сифати нуқс ва моро дар ин маърифат, ҳоҷат ба ҳеҷ шаръ нест ва ин он аст, ки баъзе афъол мутааллиқи зам аст, яъне баъзе амалҳо сазовори сарзаниш ва баъзе дигар мадҳ аст..."[1] ва ё дар асари дигари худ чунин таъкид мекунад: "мурод аз ақл ба сифоти ашё мисли ҳусн, қубҳ ва нуқс аст, мисли он ки шумо сурат ва манфиатро дар ашё дарк кардаед, илм низ ба нафъ ва зарар ҷудо мегардад ва шуморо ба сӯи анҷом ва тарки он фаро мехонад, яъне ҳамин илм ба нафъ ва зарар аст, ки аз ақл "оқил" сохтаанд".[2] Ва ё ҷои дигар афъоли ихтиёрии инсонҳоро ба се қисм тақсим мекунад: а) афъоле, ки ақл мустақилона тавони дарки ҳусн ва қубҳи онро дорад; б) афъол, ки ақл дар дарку фаҳми онҳо ниёзманди тафаккур, андеша ва тааммул аст; в) афъоле, ки ақл ҳусн ва қубҳи онҳоро мустақиман дарк намекунад.[3]

Масъалаи дигаре, ки марбути камол ва ё нуқси инсон аст, масъалаи касб мебошад, зеро он байни ашъариёну муътазилиён, ҳанафиён ва исмоилиён баҳсҳои зиёдро ба миён овард. Анҷом додани кори инсонҳо на аз навъи халқу офаридан аст, балки амрест дар байни ин ду амр

---

[1] Ҳусайн, бини Юсуфи Ҳелӣ. Кашфу-л-фавоид [Матн] / Ҳелӣ Ҳ.Б.Ю.-Бейрут: Дору-с-савт, 1413.-С.64.
[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Муҳасилу-л-афкори-л-мутақаддимин ва-л-мутааххирин мина-л-ҳукамо ва-л-мутакаллимин [Матн] / Розӣ И.Ф.-Бейрут.: Мактабат дорау-л-тарос, 1991.-С.264-265.
[3] Ҳамон ҷо. –С. 266.

«амрун байна-л-амрайн», ки ба касб номида мешавад. Касб, талошест ба монанди қасду ирода ва тасмим, ки дар сурати набудани монеъаҳо ба мақсад мерасанд. Агарчӣ касб бевасила амалӣ намегардад, аммо халқ ва офаридан бевасила таҳаққуқ меёбад-яъне амалӣ мегардад, зеро тамоми васоил ва абзорҳо амали худи инсон мебошанд. Гарчанде дар ин ҷо ашъария ҳолати васатиро баргузидааст ва миёни халқи афъолу касби онҳо имтиёзе қоил шудаанд, вале инсон касбкунандаи онҳо. Дар ин ҷо Ашъарӣ дар муқобили муътазила ва қадария эътироз намуда, таъкид месозад, ки агар вуҷуби иродаи Худованд дар мавриди феъли ӯ пазируфта шавад, наметавон он чиро, ки ба ғайри Худо нисбат дода мешавад, берун аз иродаи Ӯ пиндошт, зеро ҳама чиз феъли Ӯ мебошад. Ашъарӣ афъоли неку бади инсонро, аз доираи иродаи Худо берун надониста, нисбат додани бадиҳоро аз ғайри худо, санавият ва ширк медонанд.

Фахриддини Розӣ бошад, инсонро шакли махсуси ҳастӣ, зинаи олии инкишофи мавҷудоти зинда дар рӯи Замин дониста, мусахаркунандаи ҳама мавҷудоти олам монанди куҳу биёбону дарёҳо ва ҳамчун субъекти асосии ҳамагуна протсессҳо дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин як қувваи эҷодкору тағйирдиҳандаи олам муаррифӣ намудааст. Ба ақидаи мутафаккир моҳияту сифатҳои инсонӣ дар вуҷуди ӯ азалӣ дода шудаанд ва онҳо дар раванди зиндагию муносибати ӯ пайдою тағйир ва инкишоф ёфтаанд. Чунин афкор ва назарияҳои файласуфон монанди Ал-Киндӣ, Заркариёи Розӣ, Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино ва дигаронро метавон доир ба моҳият ва табиати инсон, мақоми инсон дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, инсон ҳамчун субъекти асосии олам, роҳҳои ташаккулёбии ахлоқу маънавиёти инсон ва ғайра мушоҳида намуд, ки ин ҳама таъсири  худро дар афкору назариёти Фахриддини Розӣ доир ба моҳияти инсон ифода ёфтаанд.

Хулоса, масоили мутааллиқ ба инсон то замони Фахридини Розӣ ва таъсири онҳо ба ҷаҳонбинии ӯ баррасӣ шуда, андешаҳои гуногуни пайравони равия ва ҷараёнҳои гуногун (ба хусус муътазилия, ашъария, мотуридия ва ғ.) мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Замони мутафаккир қариб дар қаламрави хилофат ҷараён ва фирқаеро наметавон пайдо кард, ки ба масъалаи инсон, ҳақиқати ӯ, ҷабру ихтиёр, табиату моҳияти инсон, имконот ва истеъдоди ӯ, озодии ирода ва ғ. дахолат накарда бошанд. Чунин баҳсу мунозираҳоро мо аз мавқеи Қуръон ва намояндагони мактабҳои гуногун баррасӣ намуда, муносибати ақлгароёнаи Фахриддини Розиро дар онҳо низ нишон додаем.

Ҳамчунин дар ташаккули ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ таъсири адешаҳои файласуфон низ доир ба масъалаи инсон ва сифатҳои ӯ, моҳият ва хусусияти нафс, хусусиятҳои ҷисмонию руҳонӣ доштаи инсон, аҷзои аслию фаръӣ, ваҳй ва ақл хеле зиёд аст. Чунин таъсирро метавон дар ва калавиданҳои мутафаккир байни муътазилиёну ашъариён, ҳанифиёну исмоилиён, мутакаллимону машшоиён дар масъалаи маърифат, тафовути ақл аз имон, умумият ва фарқияти идроки ҳиссӣ ва идроки ақлӣ, маърифати ақлию нақлӣ (ваҳй) ва ғайра мушоҳида намуд. Барои хубтар ошкор сохтани ин масъала ва таъсири онҳоро ба андешаҳои Фахриддини Розӣ дар зербоби оянда баррасӣ менамоем.

## 1.3. Заминаҳои фалсафии ташаккулёбии андешаҳои Фахриддини Розӣ оид ба инсон

Баробари мутакаллимон дар ташаккули ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ афкору назариҳои фаласуфон низ таъсири бузург гузоштаанд. Аз таълимоту назарияҳои мутафаккир маълум мешавад, ки ӯ дар ҳар бахше аз илм зери таъсири таълимоти намояндагони ин ё он мактаб қарор гирифта, аз онҳо ҷонибдорӣ намудааст, масалан, а) дар ҳадис: аз Ибни

Аббос, Муқотил бини Сулаймон, Муҷоҳид, Қатодда ва Саид бини Ҷарир; б) дар луғат ва сарфу наҳв: аз Асмаъӣ, Абуубайди Таймӣ, Фароъ, Заҷҷоҷ ва Мубаррид; в) дар тафсир: аз Табарӣ, Саъолибӣ, Воҳидӣ, Замахшарӣ ва Ибни Қутайба; г) дар калом: аз Абубакри Боқилонӣ, Ибни Фурук, Мотуридӣ, Ашъарӣ, Ғаззолӣ ва аз мутакаллимони муътазилӣ: Абумуслим Муҳаммад бини Исфаҳонӣ, Қозӣ Абдулҷабборӣ Ҳамадонӣ ва Замахшарӣ; д) дар фиқҳ аз: Имом Шофеъӣ ва Абуҳанифа.[1] Дар фалсафа бошад, зери таъсири таълимоти файласуфон Пифагор, Парменид, Суқрот, Афлотун, Арасту, Абубакри Розӣ, Ибни Мисакавайҳ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ[2] ва дигарон қарор гирифтааст.

Тибқи таълимоти намояндагони фалсафа инсон "мудрики фаъолияти иҷтимоию таърихӣ ва фарҳангӣ буда, зинаи олии инкишофи мавҷудоти зинда дар рӯйи Замин, ки номаш *Homo sapiӯns* (Одами оқил) аст, дониста мешавад. Фалсафа маълумоти гуногуни илмҳои мазкурро баррасӣ карда, ба онҳо шарҳу тавзеҳ ва мазмуни муайян мебахшад. Баъзе аз таълимоти мактабу равияҳои мухталифи фалсафии Эрон, Ҳинд, Чин ва Юнони Бостон инсонро офарида аз нури азалӣ (Авесто) ва баъзеи дигар ҳамчун «олами сағир» (Суқрот), як бахши муҳимтарини Кайҳон, инъикосгар ва рамзи «олами кабир» тавсиф кардаанд, ки дар худ шомили чаҳор унсур (об, оташ, хок ва ҳаво) аст ва он дар худ Кайҳонро ҷой додаасту аз ду ҷанбаи воқеияти ягонадошта (Арасту) ва ду ҷавҳари гуногунҷинс (Афлотун) - ҷисму руҳ иборат аст. [3] Маҳз аз рӯи ҳамин хусусияташ, масъалаи инсоншиносӣ пас аз худошиносӣ муҳимтарин масъала назди аксар макотибу равияҳои динӣ-фалсафӣ аз аҳди қадим то имрӯз қарор гирифтааст.

---

[1] Қаландаров, М.И. Нигоҳе ба мақом ва ҷойгоҳи «Тафсири кабир»-и Фахриддини Розӣ [Матн] / И.М. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. №5, с-162

[2] Қаландаров, М.И. Андешаҳои фалсафии Фахриддини Розӣ [Матн] / И.М. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. №3/4, с-202

[3] https://tg.wikipӯdia.org/wiki/%D0%98%D0%BD%D1%81%D0%BӮ%D0%BD (Санаи муроҷиат 13.05.2022)

Маҳз аз рӯи чунин хусусияташ муҳаққиқони муосир муносибати инсонсолориро ба чанд давра ҷудо кардаанд: а) инсонгароии давраи вустоӣ, ки марбути назариёти румиён ва юнониёни қадим аст, ки он бо номи "инсоншиносии классикӣ" шинохта мешавад. Дар ин давра ангезаи растагории инсон назди қувваҳои ғайбӣ эҳсос гардида, нафсаш пойбанди шаш унсури моддӣ ва лаззоти зиндагӣ алоқаманд буд, то битавонад худро бишносад; б) мушаххасозии инсонгарӣ бо таъйиноти вустоӣ ва ҷанбаи сиёсӣ бахшидани инсон, ки он ба назариёти арастуӣ алоқаманд аст; в) инсонгароии мобаъдиклассикии олмонӣ, ки ҳамчун инсонгароии идеалистӣ ном бурда мешавад; г) ҷунбиши инсонгароии марксистӣ, ки фарогирии ҷанбаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва табиӣ-биологӣ буд; д) ҷунбиши инсонгарии пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ...,[1] ки назди равияҳои муосири фалсафӣ қарор гирифтааст.

Аз ин назарияҳо маълум мешавад, ки масъалаи инсон дар ҳар як давра марбути таълимоти муайян мебошад. Масалан, давраи то классикии ҳафт ҳакими Юнони қадим (Фалеси Миллетӣ, Бианти Приенӣ, Питтаки Митиленӣ, Клеобул Линдӣ, Периандри Коринфӣ, Хилон Спартанӣ ва Солон Афинӣ)[2], фалсафаи классикии то Арасту, назариёти файласуфони асримиёнаи масеҳиву исломӣ то ба идеалистони олмонӣ, материалистони марксистӣ, инсонгароии муосир дар доираи равияҳои фалсафаи муосир ва ғайра, ки назари теологии асримиёнагӣ ва гуманизми Эҳёро дар бар мегиранд, баррасӣ гардидааст. Таъсир ва алоқамандии чунин назарияҳоро метавон дар таълимоти аксар мутафаккирони ҳам дин ва ҳам фалсафаю дигар соҳаҳои илм ба хубӣ мушоҳида намуд. Қобили зикр аст, ки масъалаи инсон пеш аз мактабҳои динӣ-фалсафии асри миёна, дар таълимоти намояндагони мактабҳои фалсафии аҳди бостон низ омӯхта шудааст. Мактабҳои динӣ-фалсафии

---

[1]Ӯrich, Fromm. Das mӯnschӯnbidl bӯi Marrx. –bӯrlin, 1988 [Матн] / Fromm Ӯrich // Матарҷим Муҳаммад Роҳрахшон. –Теҳрон: Сунбула,1373. –С.15.
[2]https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A1%D0%B5%D0%BC%D1%8C_%D0%BC%D1%83%D0%B4%D1%80%D0%B5%D1%86%D0%BE%D0%B2 (Санаи муроҷиат 15.06.2023).

асри миёнагии тоҷик-форс зери таъсири таълимоти мактабҳои динӣ-фалсафии Эрони бостон ва файласуфони Юнони қадим Парменид, Пифагор, Домекрит, Суқрот, Афлотун ва Арасту қарор гирифтаанд.

Мувофиқи ақидаи атомистҳо инсон мавҷудест, ки аз ду унсур таркиб ёфтааст: нафс ва ҷисм, вале нафс бошад ҳангоми марги инсон баробари ӯ пурра аз байн меравад. Ба ақидаи онҳо, нафс аз маҷмӯи атомҳо иборат буда, муҳимтарин шарти зиндагӣ ва марг ба ҳисоб меравад.[1] Ба қавли Гаутама (Буддо) зиндагӣ "таваллуд, ҷавонӣ, пирӣ ва марг мусибату бадбахтист,"[2] ба истилоҳи дигар "зиндагӣ ин мубориза дар муқобили марг аст". Аз ин андешаҳои атомистон чунин бар меояд, ки ҳам нафс ва ҳам ҷисми инсон ҳангоми марг пурра аз байн меравад ва ҳеҷ ҳаёти баъд аз маргие вуҷуд надорад.

Фахриддини Розӣ агарчӣ ба ҳайси намояндаи машҳури калом эътироф шуданаш, зери таъсири таълимоти фалсафаи Домекрит, Арасту, Абубакри Розӣ, Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон  қарор гирифтанаш, тавонистааст равиши каломи анъанавии ашъарияро шикаста, ба он ҷанбаи фалсафӣ-мантиқӣ бахшад. Ба ақидаи яке аз муҳаққиқони Фахриддини Розӣ: "Такя намудани Ф. Розӣ ба улуми ақлӣ сабаб дошт, зеро ташаккулёбии равияву ҷараёнҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ ва мазҳабӣ то он ҳадде расида буд, ки бидуни донистани улуми ақлӣ, бахусус фалсафаву мантиқ посух ба онҳо номумкин буд. Ин муносибат боиси он гардид, ки мутакаллимон, аз Ф. Розӣ сар карда, пурра рӯ ба мантиқу фалсафа, ҳамчунин ба калом ҷанбаи фалсафӣ бахшидан, шурӯъ намоянд".[3] Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки агарчӣ Фахриддини Розӣ намояндаи мактаби калом пазируфта шуда бошад ҳам,

---

[1] Фалсафа. Муаллифон. –Дашанбе.: Дониш, 2019. Ҷ.1, -С.81.
[2] Муҳаммад, Рашод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М. –Душанбе.: Ирфон, 1992. Ҷ.1. –С. 35
[3] Қаландаров, М.И. Таъсири андешаҳои Фахриддини Розӣ ба рушди фалсафаи калом [Матн] / И.М. Қаландаров  // Ахбори Инситути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ.–Душанбе, 2019. №2, -С.73.

дар фалсафа пайрави Закриёи Розӣ, Форобию Ибни Сино ва дар табиийёт ҷонибдорӣ аз Абулбаракоти Бағдодии муътазилӣ намудааст.

Афкори Фахриддини Розӣ дар тафовут аз дигар мутаккалимон бо он фарқ менамояд, ки ӯ тавонистааст калом бештар ба фалсафа наздик шавад, ки инро дар навиштани чандин асарҳояш (Мабоҳису-л-машриқия”, “Рисолату-л-камолия фил ҳақоқиу-л-илоҳия”, “Мантиқу-л-мулахас”, “Шарҳу-л-ишрот”, “ан-Нафс ва руҳ” ва “Рисолае дар чистии нафс” ва ғ.) зери пайравии файласуфоне чун Абубукри Розӣ ва Форобию Ибни Сино метавон мушоҳида намуд. Фахриддини Розӣ то ҳадде дар рушди каломи фалсафӣ таъсир гузошт, ки муҳаққиқони баъдӣ ҳангоми ба осори мутакаллимону файласуфон назар намудан фарқе байни ин ду (калому фалсафа) намегузоштанд ва дар симои калом фалсафаро медиданд. Дар ин ҷода таваҷҷуҳи ӯро бештар омӯзиши мавзуҳои каломӣ ва омезиши онҳо бо фалсафа ҷалб намудааст. Фахриддини Розӣ дар баробари радди ақоиди файласуфон саъй намудааст, мавзуҳои каломиро аз нигоҳи фалсафӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад.[1]

Дар ин бахши диссертатсияи худ таъсири таълимотҳои фалсафиро доир ба инсон ва таъсири онҳоро ба ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Чуноне, ки дар қисмати аввали кори худ зикр намудем, масъалаи инсон дар Қуръон ба таври хеле муҷмал, ҳатто мураккаб зикр ёфтааст, яъне ҷое ӯ зери таъсири ҷабр ва ҷое соҳибихтиёр ва ҷое байни ин ду қарор додааст, ки мутакаллимону файласуфон дар ин ҷода дидгоҳҳои мухталифро арзёбӣ кардаанд. Фахриддини Розӣ низ дар ин миён мавқеи духураро касб намудаст, яъне ҷое зери таъсири дин ва ҷое фалсафа қарор гирифтааст, ки чунин муносибати ӯ ҷонибдорону мухолифонашро ба миён овард ва гурӯҳе ӯро мутакаллим ва гурӯҳе файласуф, ҳатто шаккок хондаанд. Масалан, ба қавли Ҳусайн Наср «Шуҳрати Имом Розӣ дар ҷаҳони ислом ҳамон андозае, ки бар пояи

[1] Қаландаров, М. И. Таъсири андешаҳои Фахриддини Розӣ рушди фалсафаи калом [Матн] / М.И. Қаландаров // Ахбори АМИТ ҶТ. №2.–Душанбе, 2019.-С.73-74

осори каломист, бар тафсири фалсафие, ки бар Қуръон навиштааст, низ мебошад.”[1] Ин нуқтаро Ибни Халдун низ хело хуб зикр месозад: «Фахри Розӣ дар фиқҳи шофеъӣ ягонаи замони худ, дар илми калом, тафсир ва мақулот...фоиқ (беҳтарин, баргузидатарин, ғолибтарин Э.Б.)»[2] буд. Довудӣ низ дар «Табақоту-л-муфасирин»-и худ ӯро муфассир, мутакаллим, пешвои замони хеш ва дар улуми ақлӣ яке аз аимаи улуми шаръӣ»[3] донистааст. Ҳамчунин Мавлонои Балхӣ низ шеваи нигориш ва баёни ӯро ситоиш кардааст, вале равиши фикрию истидлолии мутафаккирро зери танқид қарор додааст:

Пойи истидлолиён чӯбин бувад,
Пойи чӯбин сахт бе тамкин бувад.
Андар ин раҳ гар хирад раҳбин будӣ,
Фахри Розӣ роздони дин будӣ.
Бо чунин айбу нигориш, ай аҷаб,
Фахриддин хоҳад, ки гӯяндаш лақаб.[4]

Аз ин гуфтаҳои боло чунин бар меояд, ки мутафаккир масъалаи инсонро низ чун дигар масъалаҳои каломӣ ва фалсафӣ ҳам аз нигоҳ динӣ, ҳам ахлоқӣ, ҳам зебоишиносӣ, ҳам фалсафа ва ғайра таҳлилу баррасӣ кардааст. Зеро дар афкори мутафаккирони асримиёнагӣ низ ин масъала аз дидгоҳи ахлоқӣ, тафсирӣ, фалсафӣ, ирфонию тасаввуфӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Маврид ба зикр аст, ки Фахриддини Розӣ яке аз мутафаккиронест, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, кӯшиш намудааст, аз мавқеи ратсионалистӣ ва равишҳои фалсафӣ ба он муносибат намояд. Мутафаккир дар ин ҷода саъй намудааст, ки пеш аз ҳама маънои инсон

---

[1] Аҳмад, Тоҳири Ироқӣ. Зиндагии Фахри Розӣ [Матн] / Ироқӣ А.Т // Маҷаллаи Маъориф 2-3. Шумораи 1, моҳи фарвардин.–Теҳрон, 1365.-С.9.
[2] Нориз, Арабзода. Фахруддини Розӣ [Матн] / Арабзода Н.- Душанбе.: Ирфон, 1993.-С.2.
[3] Ҳоҷ, Халифа. Кашф-уз-зунун [Матн] / Халифа Ҳ.- Теҳрон.: Маориф, 1365. Ҷ. 2. –С.10.
[4] Мавлоно, Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ [Матн] / Балхӣ М.М.Ҷ.-Теҳрон.: Зеҳновез, 1376, Ҷ.1.-С.56., Имом Фахриддини Розӣ. Тафсир кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.-Теҳрон.: Асотир, 1386. Ҷ.1.-С.16.

ва моҳияти ӯро дар олами ҳастӣ нишон диҳад. Бинобар ин, мо низ кӯшиш намудем дидгоҳи Фахриддини Розиро дар асоси равиш ва усулҳои плюрализми динӣ-фалсафӣ баррасӣ, таҳлил ва нақд намоем.

Доир ба масъалаи табиати инсон мутафаккир ба он назар аст, ки "лозибан" ба маънои лозиқ аст ва "тин лозибан" ба маънои гили часпандаи падид омада"[1] зикр шудааст, ки ин баёнгари тарки инсон аз руҳ ва ҷисм мебошад. Вале дар ин ҷода ҳадаф пеш аз ҳама офаридани инсон аз обу хок аст, ки ҳанӯз файласуфи мактаби Миллет инро матраҳ карда буд ва Қуръон низ бар он таъкид намудааст: "Ва ҳува-л-лазӣ халақа мина-л-мои башаран фаҷъалаҳу насабан ва сиҳра ва кона раббука қадира"(Ва Ӯ Он (Худой) аст, ки аз об одамӣ офарид, пас ӯро (хеши) насаб ва домодӣ сохт".[25:54] Инсоншиносӣ таркибе аз инсоншиносии динӣ ва фалсафист, ки мурод аз инсоншиносии фалсафӣ аз нигоҳи ақлӣ баррасӣ намудани моҳияти биологӣ, антропологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва дар ниҳоят мавҷуди табиӣ ҷанбаҳои нафсонӣ ва нотиқияти ӯ омӯхта мешавад, вале аз нигоҳи динӣ бошад, баръакси он.

Форобию Ибни Сино аз зумраи он файласуфоне мебошанд, ки баробари дигар масъалаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ба масъалаи инсоншиносӣ низ назарияҳои хосси худро баён намудаанд. Фахриддини Розӣ низ дар асарҳои "ан-Нафс ва руҳ" ва "Рисолае дар чистии нафс"-аш ба масъалаи инсон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, масъалаи инсонро дар доираи назарияи солимии нафс баррасӣ намудааст ва сарчашмаи онро ақл донистааст. Ӯ ақлро ба манзалаи бузургтарин неъмати илоҳӣ, заминаи асосии дар ташаккули маърифати олам ҳисобидааст. Ба ақидаи ва маҳсули фаъолияти инсон дониста, манзалати ақлро шинохтану маърифат кардан ва саломат нигоҳ доштани нафсу ҳифзи он (ақл) ҳисобидааст. Ӯ чунин меҳисобад, ахлоқ фаъолияти маънавиест, ки ҳама шаклҳои муносибати инсонро барномарезӣ намуда, натиҷаи ҳар якеи

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.1.-С. 412.

онҳоро ҳамчун талаботи нафс муҳокимаю арзишгузорӣ менамояд. Назарияи нафси Фахриддини Розӣ зери се назарияи Афлотун устувор аст: нафси наботӣ, ҳайвонӣ ё ғаззабӣ ва нафси нотиқа. Нафси наботӣ барои парвариш ва нумӯи ҷисм аст, то дар хидмати нафси ғазабия (хашмгирифта) бошад ва нафси нотиқа абзори нафс дар нигоҳдошти қувваи шуҳудӣ аз иффат аст. Саломатии нафс муҳтоҷ ба сомон (гардиши саёраҳо) ва одилона будани зиндагии маданӣ аст, ки инро метавон "таҳаввулнигарӣ дар тафсири лаззот ва таҳаввулнигарӣ дар ақл"[1] арзёбӣ намуд.

Баҳс аз лаззати маънавӣ ва хушии руҳӣ кам баррасӣ шуда, он сабаби норасоии низоми ахлоқии шахс гардидааст, аммо дар низоми ахлоқии Абубакри Розӣ ақл ҷойгоҳи волоро доро аст, ҳамчун ақли санҷишгар ва ақли амалӣ. Ин назари мутафаккир баёнгари он аст, ки аз се шакли нафс муҳитаринашон нафси нотиқа буда, нафси наботӣ бошад танҳо вазифаи парвариши танро бар уҳда дорад. Фахриддини Розӣ муътақид ба бақои нафс буда, чун Ибни Сино аз байн рафтани нафсро рад намудааст, чуноне, ки ӯ таъкид месозад: "нафс мумкину-л-вуҷуд аст ва ҳар мумкину-л-вуҷуд дорои иллате аст ва то замоне, ки сабаби иллат амри мумкину-л-вуҷуд, мавҷуд бошад, пас, адам барои масбуб ва маҳлул муҳол хоҳад буд... ҳол агар адам бар нафс ҷоиз бошад, воҷиб мешавад шайъ имкони он фасодро дошта бошад, ки он шайъ зоти нафс нест. Пас нафс бо фасод боқӣ намемонад, ҳамчунон ки дар он имкони фасод аст, воҷиб мешавад бо фасод боқӣ бимонад...".[2] Ва ё ҷои дигар нафсро ҳақиқат ва ҷавҳари инсон дониста, ҷое онро ҷузъи таркибии ҷисм ва ҷои дигар онро ҷузъи таркибии ҷисми латиф ва ҷое онро мавҷуди муҷаррад ном мебарад.[3] Дар "Ал-Арбаин" бошад, чунин меҳисобад: "чаро ҷоиз набошад, ки бигӯем

---

[1] Қаландаров, М.И. «Масоили ахлоқӣ дар «Тибби руҳонӣ» [Матн] / М.И. Қаландаров // Маводи Сипозиуми байналмиллалӣ бахшида ба 1150 солагии Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар мавзуи "Нақши Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ". –Душанбе. 2016. -С. 332.
[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут: Дору-л-эҳё. 1411, Ҷ.2.-С.420.
[3] Мабоҳис. Ҷ. 3.-С. 178.

ҳақиқати инсон аҷзои латифе бошад, ки дар бадани ӯ сорӣ ва ҷориanд ва поёни умри дунявӣ ҳамроҳи инсон аст ва чун аз назари моҳият бо аносири моддӣ мутафовитанд, фасоднопазир ва дучори ҳеҷ тағийр ва табдиле намешавад."[1] Ин гуфтаҳои мутафаккир баёнгари онанд, ки нафс дар тан чизи латиф буда, бе мавҷудияти тан наметавонад вуҷуд дошта бошад, вале руҳ бошад, аз олами дигар аст. Ба ибораи дигар, нафси ҳар кас амри воҳиде аст ва лозимаи ваҳдати нафс, адами ҷисмонияти ӯст, зеро ҷисм мутаҳайиз аст ва он наметавонад амри воҳид бошад.

Аз рӯи меъёрҳои равониву ахлоқӣ ва иҷтимоӣ муносибати инсон гуногун буда, ҳар яке аз ин ҷанбаҳо дар фитрати инсон таъсиргузор ва нақши онҳо дар муносибатҳои иҷтимоии ӯ ҳувайдо аст. Ҳатто руҳи инсон низ дар ин раванд ба ду қисм ҷудо мешавад, қисме маъмури идрок ва қисме маъмури амал аст. Аммо амалро метавон дар ин ҷода ба се қисм ҷудо намуд: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ, вале идрок ба ду қисм аст: ҳайвонӣ ва инсон. Ин панҷ навъи амал ҳар кадоме дар вуҷуди инсон ниҳон буда, пайваста байни онҳо мубризаву зиддият сурат мегирад. Чунин ақидаро Абубакри Розӣ аз қавли Афлотун ёдоварӣ шуда, инсонро дорои се шакли нафс: нафси нотиқа, нафси ғазабовар ё ҳайвонӣ (шаҳвонӣ) ва нафси наботӣ[2] медонад. Дар ин ҷода, Закариёи Розӣ хусусияти ҳар кадоми онҳоро шарҳ дода, чунин мешуморад, ки нафси наботӣ ва ҳайвонӣ баҳри хидмати нафси нотиқа аст. Нафси наботӣ бошад, барои тағзият, яъне ғизо хӯрдани ҷисм офарида шудааст, ки ҷисм низ хидматгори он аст. Зеро ҳар он чизе, ки дар ивази чизи дигар омадааст, дар нафс таҳлил гардидааст, дер ё зуд ба чизи дигаре мубаддал мешавад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки мутафаккир нафси ғозибаро низ барои нафси нотиқа чун олоти забткунандаю хидматгори он ҳисобидааст.

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин // Тасҳеҳи Маҳмуди Шаҳобӣ [Матн] / Розӣ И.Ф.-Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1339. Ҷ.3.-С.59.
[2] Закариёи, Розӣ. Мунтахаби осор [Матн] / Розӣ З. –Душанбе.: Адиб, 1998. –С.55.

Абунасри Форобӣ низ дар осори худ ба масъалаи инсон таваҷҷуҳ намуда, инсонро мавҷуди мураккаб ва дорои хусусиятҳои гуногун написта, моҳияти инсонро ҷузъе аз руҳи илоҳӣ ва нафси нотиқаи ӯ донистааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки “нафс ҷавҳаре аст басит ва руҳонӣ ва мубоин (фарққунанда Э.Б.) бо ҷисм. Нафс сурати ҷавҳар аст: сурат - аз ҳайси алоқааш бо бадан ва ҷавҳар - аз ҳайси дониш, яъне қоим ба зоти худаш ва араз наметавонад бошад. Араз бошад, қоим ба зоти дигар аст. Ҳамчунон, ки ҳайвону инсон ва натоб дорои нафсанд, афлок низ дорои нафсанд, ки бад-он нафси фалакӣ гӯянд ва ин нафс аз соири нафсҳои дигар тафовут дорад”.[1] Форобӣ руҳро бе ҷисм ва ҷисмро бе руҳ номумкин медонад, вале асли инсониро таркибе аз руҳи илоҳӣ меҳисобад. Чуноне ки ӯ мегӯяд: “Руҳе, ки инак туро иҳота дорад, аз ҷавҳари оламӣ боло аст ва ба ҳеҷ шакле муташаккил нашавад ва бар ҳеҷ сурате дар наояд ва ба ҳеҷ халқе мутахаллиқ нагардад ва ба ишора мутъайин нашавад ва байни ҳаракат ва сукун мутараддид нагардад.”[2]

Дар ин назарияи Форобӣ бешак метавон таъсири назарияи Афлотун, бахусус таълимоти динро ба хубӣ мушоҳида намуд. Тибқи таълимоти фалсафаи Форобӣ, агарчӣ инсон як ҷузъи ногусастании табиат ва олами ҳастӣ аст, вале ӯ тавассути ақли худ аз рӯи чандин хусусияташ аз мавҷудоти дигар фарқ дорад. Ба ақидаи мутафаккир, масъалаи некиву бадиро танҳо ақли инсон метавонад муайян намояд, вале бахту саодати одамӣ бошад аз кӯшишу ғайрат ва дониши ӯ вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, Форобӣ масъалаи асосии ахлоқро роҳи ба саодат расидан медонад.

Дар таълимоти ахлоқии Форобӣ мафҳуми саодат як аз категорияҳои марказиест, ки монанди некӣ ва бадӣ, шараф, номус, адолат, виҷдон ва ғ. аз моҳияту ҷавҳари инсонро муайян месозад, чуноне, ки худи Форобӣ

---

[1] https://fastcdn.pro/filӯgallӯry/ravangam.com (Санаи муроҷиат 01.09.2023).

[2] Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М. –Душанбе.: Ирфон, 2002. Ҷ. 3-4.- С.124

таъкид менамояд: «Ҳамаи он чизе, ки барои ба саодат расидан муфид аст, некист ва ҳамаи  он чизе, ки барои саодатманд шудан монеъ мегардад, бадист».[1] Ин андешаҳои мутафаккир баёнгари онанд, ки саодати инсон пеш аз ҳама дар дарки моҳияти некию бадӣ, шарафу номус, камолоти маънавии шахс буда, он муайянкунандаи натиҷаи фаъолияти ӯст. Форобӣ дар хусуси хушбахтӣ, ки асли саодат аст, онро ба ду навъ: воқеӣ ва хаёлӣ ҷудо намуда, хушбахтии воқеии инсонро вақте медонад, ки руҳу маънавиёти ӯ оҳиста-оҳиста  ташаккул ёфта,  бо  ақли  кул мепайвандад.[2]

Ба ақидаи Форобӣ, ҷуз инсон дигар мавҷудот низ дорои нафс буда, осмонро нафсе аст ва оламро нафси дигаре ва ҳар яке аз кавокибро нафс аст ва ҳайвону наботро низ нафси дигар. “Тибиӣ аст, ки нуфуси аҷсоми самовӣ, миёни нуфуси инсону ҳайвон ва набот аст. Нуфуси самовӣ аз ҷиҳати навъ ва ҷавҳар бо ҳам алоқаманданд. Аҷсоми самовӣ ба он нуфус, ҷавҳарият ёфта, аз онҳо ҳаракати давронӣ мегиранд. Нуфуси ҷансҳои самовӣ, ашраф, акмал ва афзал аз нуфуси анвоъи ҳайвону набот аст. Ин нуфус ҳамвора билфеъланд ва ҳаргиз билқувва нестанд. Аҷсоми самовӣ на нуфуси ҳасоса ҳастанд ва на нуфуси мутахайила, балки ҳар чӣ ҳаст, нуфуси мутааллиқа бошад ва  нуфуси аҷсоми самовӣ то ҳудуди аҷноси нафси нотиқаи инсонӣ аст.”[3]

Аз ин гуфтаҳои Форобӣ чунин бар меояд, ки файласуф моҳияти инсонро аз нафсу руҳ иборат дониста, роҳи расидан ба саодати инсониро дар идора намудани онҳо донистааст. Ба андешаи ӯ, хушбахтӣ камолоти муайянест, ки инсон ба воситаи ақли фаъол соҳиби он мешавад. Дар рисолаи «Таҳсили саодат» Форобӣ қайд мекунад, ки мақсади инсон хушбахт шудан аст. Инсон ҳамон вақт эҳсоси хушбахтӣ мекунад, ки фаъолияти ҳаётии ӯ бо хирадаш мувофиқ меояд. Аз ҳамин хотир,

---

[1] Абунаср, Форобӣ. Сиёсат-ал- мадания [Матн] / Форобӣ А // Тарҷума ва шарҳи Ҳасани Маликшоҳӣ- Бейрут.: ал-Матбаату-л-котуликия, 1964. –С.41.

[2] Аль-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города [Матн] / Фараби А // Григорян С.Н.Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв.– М.:  Прогресс, 2000. –С.227.

[3] Ҳонал, Фахурӣ., Халил, Ҷар. Торихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ // Тарҷумаи Абдулмаҳмуди Оятӣ [Матн] / Фахур Ҳ., Ҷар Х. –Теҳрон.: Илм ва фарҳанг, 1373. –С. 420.

вазифаи инсон инкишоф додани ақл мебошад. Ба андешаи мутафаккир, дар роҳи ноил шудан ба хушбахтӣ иродаи озод нақши бузург мебозад. Ин нуктаро Форобӣ дар рисолаи «ас-Сиёсат ал-мадания» шарҳ дода, ба ин маънӣ менигарад, ки интихоби озод фақат ба инсон хос аст, зеро инсон дорои ақли фаъол мебошад. Форобӣ яке аз файласуфонест, ки зери таъсири фалсафаи Юнон ва ислом назарияҳои худро баён намуда, асоси пайдоиши нафси инсонӣ, имконпазирии таносух ва ҷовидонагии нафси нотиқаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Форобӣ назарияи афлотунии афзалияти нафсро рад сохта, алоқамандии байни нафсу танро пешниҳод менамояд, яъне ӯ нафси инсониро замоне пайдошуда меҳисобад, ки ҷисм омодаи пазируфтани он бошад. Ҷавҳари нафс таъкид месозад Форобӣ, «ҷавҳари фардист».[1] Ин ҷавҳари фардӣ дорои хусусиятҳоест, ки онҳо мутааллиқ ба ҳар нафсанд. Хусусияти ҳастии нафсро аз рӯи моҳият ва табиаташ Форобӣ ба якчанд навъ ҷудо мекунад: а) аввал он ки нафс дарки мақулот мекунад ва мақулот маънои муҷаррадотанд; б) нафс ба худ шуур дорад ва агар нафс мавҷуде дар олате мебуд, метавонист бидуни дарки он олати худро дарк кунад...; в) он ки нафс зиддиятҳоро дарк кунад, ба наҳвае, ки дар модда ҷамъи зиддияҳо бидуни сурате мумтанеъ бошад.[2]

Ҳадафи Форобӣ аз ин гуфтаҳо он аст, ки нафс қобилияти маърифат карданро дорад, вале ин маърифати нафс ба таври абстрактӣ (сарбастаю норавшан) мебошад. Ҳарчанд, ки нафс имконияти маърифат карданро дорад, вале ҷуз инсон чизе аз ашё ва мавҷудот наметавонад ҳастии худ ва онро дарк кунад. Нафс наметавонад зиддиятҳоро дарк намояд, дар ҳоле, ки ин зиддиятҳо бидуни сурате мавҷуд бошанд. Нафс ҳамон лаҳза метавонад зиддиятҳоро маърифат созад, ки ҷисм дар ҳаракат бошад. [3]

---

[1] Комилов, Рустам. Фалсафаи тоҷик: аз аҳди бостон то имрӯз [Матн] / Рустам К.–Душанбе.: Ирфон, 2011.-С.90.
[2] Ҳонал, Фахурӣ., Халил, Ҷар. Торихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ [Матн] / Фахур Ҳ., Ҷар Х // Тарҷумаи Абдулмаҳмуди Оятӣ. –Теҳрон.: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1373. –С.421.
[3] Ибни, Сино. Избранные философские произведения [Текст] / Сино И. — М.: Наука, 1980. -С.316.

Пас аз Абунасри Форобӣ файласуфи дигари тоҷик Ибни Сино низ дар пайравӣ аз Арасту ва Форобӣ кӯшиш намудааст, ба масъалаи инсон аз нигоҳи фалсафӣ муносибатро ба роҳ монад, яъне тафовути Ибни Сино аз Арасту ва Форобӣ дар он аст, ки мутафаккир масъалаи инсонро бештар аз доираи ҳама илмҳои ба он марбут, монанди: биологияи инсон, ахлоқ, эстетика, иҷтимоиёт, сиёсат, маърифат ва ҳастии инсон матраҳ намудааст.

Дар хусуси нотиқияти инсон Ибни Сино низ дар асари «Шифо»-и худ онро ба ду маънӣ истифода намудааст: 1) нутқи дохилӣ, ки ҳамон андеша аст ва он дар ботини одамӣ иттифоқ меафтад, 2) нутқи хориҷӣ, ки такмили зоҳир аст.[1] Чунин андешаро Сайидшарифи Ҷурҷонӣ низ дар асари «Шарҳи шамсия»-и худ ҷонибдорӣ намуда, таъкид месозад, ки «нутқи ботинӣ идроки маъқулот аст, на лузуман андешаманди маъқулот".[2] Аз ин ақидаҳои ӯ маълум мешавад, ки манзур аз «ҳайвони нотиқ» ҳайвони андешанда мебошад, ки он битавонад маъқулот, яъне мафҳумҳои куллиро дарк кунад ва он қуввае, ки мафҳумҳои куллиро дарк мекунад ва он ақл househ дониста мешавад. Маҳз аз рӯи чунин хусусияташ ба инсон метавон унвони «ҳайвони оқил»-ро дод.

Фахриддини Розӣ низ чун дигарон доир ба хусусиятҳои оқилии инсон оқил сухан ронда, чунин меҳисобад, ки инсон дорои ақли назарӣ ва ақли амалӣ буда, манзур аз ақли амалӣ ин аст, ки ӯ ҳам шаъни дарк дорад ва ҳам амали идрокро анҷом медиҳад, яъне инсон бо ҳайвони оқил буданаш метавонад бо ақлу амали хеш мафҳумҳои куллии ба худаш марбут ва ҳам мафҳумҳои куллии ғайрихудиро дарк намуда, доир ба моҳияту хусусияти ҳар кадоми онҳо маълумот диҳад. Вале дар хусуси ҳайвони нотиқ будани инсон манзур ин аст, ки ҳайвони нотиқ ҳамон

---

[1] Ибни, Сино. Шифо [Матн] / Сино И. –Қум.: Макази интишороти дафтари таблиғоти исломӣ, 1376. -С.20.
[2] Сайидшариф, Алии Ҷурҷонӣ. Шарҳи шамсия [Матн] / Ҷурҷонӣ С.А.–Теҳрон.: Бунёд, 1304. –С.12.

ҳайвони оқил аст ва ҳайвони оқил дорандаи ақли назарӣ ва ақли амалӣ мебошад.

Доир ба нафси нотиқаи инсон бошад, Муллосадро ҳам ба Арасту ва Ибни Сино ҳамақида набуда, чунин меҳисобат, ки «ҳайвони нотиқ таърифи ҳақиқӣ ва ҳақиқати инсон нест…фасли нотиқият, ки барои инсон зикр мешавад, фасли мантиқии инсон аст, яъне фаслест, ки дар таърифи мантиқии инсон зикр мешавад, вале фасли ҳақиқии инсон, нотиқият нест».[1] Ин гуфтаҳои Муллосадро маънии онро дорад, ки мутафаккир ба арзиши волои инсонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, инсонро аз лиҳози ҷойгоҳу мавқеитаяш ба гунае маънидод месозад, ки ҳеҷ мавҷуди дигаре дар олам бо худ монанд надорад, яъне ягона мавҷудест, ки дорои моҳият ва хусусияти худ аст. Масалан, мавҷудоти олами табиӣ мисли ҷамодот, наботот ва ҳайвонот дорои дараҷоти муайяне ҳастанд, вале мавҷуди дорои ақл бошад, байни дигар мавҷудот танҳо инсон аст, ки бо доштану ирода кардан нафсу ақлаш ҳеҷ мавҷуде чун ӯ буда наметавонад. Ин гуфтаҳои Муллосадро баёнгари онанд, ки дар воқеъ инсон мавҷуди мураккаб аст ва шинохти асрори он то имрӯз барои худи инсон муаммо боқӣ монадааст.

Фахриддини Розӣ бошад, чунин мешуморад, ки дар изофаи нафси нотиқа аз сӯи ақли фаъол ба бадан илова бар ду иллати қобили бадан ва фоъили ақли фаъол, иллал ва маълули муъид ва заминасози дигаре дохил ҳастанд.  Ба назар чунин мерасад, ки нобаробарии моҳияти навъии нафсҳои инсонӣ саҳеҳ нест. Чуноне, ки мутафаккир дар “Мабоҳису-л-машриқия” таъикид месозад: “гоҳе мизоҷи инсонӣ тағйир карда, ба навъи дигаре табдил мешавад, монанди табдили мизоҷи гарми инсонӣ ба мизоҷи сард, вале идрокот ва хусусиёти ахлоқи инсонӣ бо тағйири мизоҷ собит мемонад ва тағйир намекунад. Аз ин рӯ, моҳияти нафси мутафовит

---

[1] Маҳмуд, Ризо Асадӣ. Инсон аз нигоҳи Муллосадро [Матн] / Асадӣ М.Р // Маҷаллаи илмии “Хираднормаи Садро” №53. –Теҳрон, 1387. –С.3.

дигар аст ва ҳар кадоме дорои ҷинси муштараканд.”[1] Ва ё дар асари “Ҳифзу-л-бадан”-и худ мизоҷҳоро ба чанд навъ ҷудо мекунад, ки ҳар яке дорои хусусияти хоси худ аст: 1) муътадилии мизоҷ; 2) аломати мизоҷ; 3) ранги мизоҷ; 4) мӯи мизоҷ; 5) аломат ва ҳолатҳои мизоҷ...[2]

Ин гуфтаҳои ӯ ба он далолат мекунанд, ки хусусиятҳои ахлоқӣ ва нафсонии инсон вобаста ба мизоҷ ва синну соли шахс тағйир карда, метавонад хуб ё бад шаванд, яъне башар (инсон) дар худ дорои ҷавҳарҳое мебошад, ки онҳо ба ҳеҷ як қувваи дигар хос нестанд. Дар он ҷо башар гуфта он ҷавҳари ҳасосу мутаҳаррики боиродаву оқилест, ки дорои моҳиятҳои гуногун аст. Ба маънои дигар метавон гуфт, ки агар инсон баробари дигар неру ва имкониятҳои мухталиф доштанаш, агар ҷавҳар будан ё набуданашро дар ҷаҳон дарк кунад, бешак моҳияти инсонии ӯ аз байн меравад ё мутааллиқи хиради кайҳонӣ ва ё “инсони комил”, “супермен”, “марди шуҷоъ” ва ғайра мешавад. Аммо ҳангоми кашида гирифтани ақли амалӣ ё бахше аз он, мавҷудияти худи ақл ва ё бахшҳои он арзиши мавҷудияти инсонро аз байн хоҳад бурд. Агар қувваи ҳайвонӣ (шаҳват)-и инсон ғолиб ояд ва ё баръакс ақл бар шаҳват пирӯз шавад, моҳияти яке аз байн хоҳад рафт ва мавҷудияти инсон нест ва ё комил мегардад. Ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳз ақли амалӣ ва пайравӣ аз он баёнгари моҳияту мақоми инсон буда, ҷавҳар ва арзиши инсонии ӯро нигоҳ медорад. Ҳар ки пайравӣ аз ақли амалӣ намекунад, пойбанди ҷаҳл аст ва ҳадди худро муайян накардааст, дар ҳоле ки ӯ дорои дараҷаҳои гуногуни дониш мебошад ва дар соҳаҳои мухталиф назари хоси худро дорад.

Дар ҳикмати мутаолия низ доир ба ин масъала таъкид гардидааст, ки нуфуси нотиқаи одамон ҳамвора то дами марг тағйир меёбанд, аммо дар ин раванд нияту аъмоли инсон низ дар хӯйю хислат ва авсофи нафс

---

[1] Фахриддин, Муҳаммад бини Умари Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия Текст] / Розӣ Ф.М б. У // Таҳқиқи Аҳмад Ҳиҷозии Сақо.-Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия. 1987.-С.7-140.
[2] Фахриддин, Муҳаммад бини Умари Розӣ. Ҳифзу-л-бадан Текст] / Розӣ Ф.М.Б.У // Тасҳеҳи Муҳаммад Иброҳими Зокир. –Теҳрон.: Маркази пажуҳиши мероси мактуб, 1390.–С.15.

таъсир мегузоранд. Агар нафс дорои сифоти нек бошад, дар бадан мисоли нафс, ки ҳамвора ба он ҳамроҳ аст, воқеияти нафсро нишон дода, шакли ботинӣ ва ҳақиқии инсонро дар зеботарин шакл ифода месозад. Ба қавли Садриддини Шерозӣ, «одамӣ ба далели касби малакоти нек ва фазилатҳои ахлоқӣ дорои ҳақиқати зеботар аз қабл мешавад. Нафси одамӣ дар партави итоат аз ақли амалӣ ба мавҷуди беҳтар аз қабл табдил мешавад». [1]

Инсон тавассути ақли амалии худ метавонад бо иродааш аз ӯҳдаи анҷом додани бисёре аз корҳо бароянд, ҳатто аз доираи иродаи ба ӯ навишташуда, вале гоҳе мешавад, ки аз моҳият ва аслу ҷавҳари инсонии худ берун шавад ва ба дараҷаи ҳайвонӣ худро бурда расонад. Ин мавҷуд дар табиати худ дорандаи ҳама хусусият ва хулқ (ҷамодӣ, наботӣ, ҳайвонӣ, инсонӣ, малоик ва худоӣ) буда, бо ақли назарияш ба моҳияти ҳама чиз сарфаҳм меравад, вале тавассути ақли амалияш ба ин хубиҳо амал намекунад ва ба бадиҳо иҷтиноб наметварзад, зеро ин муносибаташ сабаби заиф гардидани ақли амалияш шуда, ҳувияти инсонияшро аз байн мебарад. Чунин муносибат дараҷоти инсонро тағийр намуда, баробарии онҳоро аз байн мебарад, яъне байни одамон тафовутро ба миён меоварад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки инсон аз аносири зиёде иборат аст (руҳӣ, наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ), ки ҳар якеи онҳо дар ташаккули моҳият ва табиати инсон нақши муассир доранд, яъне аз се руҳе, ки ишора шуд, руҳи инсонӣ афзалтарини онҳо дониста мешавад, зеро руҳи инсонӣ аз олами улвӣ ва наботию ҳайвонӣ аз олами сифлӣ таркиб ёфтаанд.

Дар хусуси руҳи инсонӣ низ байни муҳаққиқон ихтилофҳои зиёд мавҷуд буда, гурӯҳе ӯро дохили бадан (намояндагони дин) ва гурӯҳе (аҳли фалосифа) на берун ва на даруни бадан донистаанд, чун нафси нотиқа дар макон нест ва муҳтоҷ ба макон низ наметавонад бошад. Чун

---

[1] Муҳаммад, бини Иброҳим Садриддини Шерезӣ. Ал-мабдаъ вал маъод [Текст] / Шерозӣ С // Муҳақиқ Муҳаммади Забеҳӣ. –Теҳрон, бе соли нашр. Ҷ.2. 1381. –С.552-553.

дар макон нест, наметавон гуфт, ки дохили бадан аст ё хориҷи бадан, зеро дохил ва хориҷ сифоти ҷисмониянд ва нафси нотиқа ҷисму ҷисмонӣ нест. [1]

Аз ин баррасии идроки инсонӣ ба натиҷае метавон омад, ки дар табиати инсонӣ нерӯи зарурие мавҷуд аст, ки дар як замон беш аз як чизро дармеёбад ва аз ин рӯ, дар ҳар замоне чанд шаклро дар бар мегирад, зеро чунин нерӯ маҳсули модда нест ва он аз хосияти модда дур аст. Ба қавле "нафс табиатан муҷаррад аст ва тақозои таҷриди нафс заволнопазирии он аст, зеро мирандагӣ хоси мавҷудоти моддӣ мебошад."[2] Дар ин ҷо ҳадафи Ибни Сино аз он иборат мебошад, ки нафс камоли аввал ва сарчашмаи он ашё аст, вале модда қабл аз пазириши нафс танҳо як қобилиятест баъд аз пазириши нафс. Камол бошад, ҳамеша барои шайъ аст ва ҳадафи он анҷоми ҷисм аст. Аммо камоли нафс барои ҷисми табиӣ аст, ки он афъоли ҳаётро анҷом медиҳад. Дар хусуси мутааллиқии нафс ба тан Ибни Сино чунин мешуморад, ки «итлоқи исми нафс бар нафс, аз ҷиҳати ҷавҳари он нест, балки ба далеле тааллуқӣ ва тадбирӣ аст, ки ба бадан дорад ва аз ҳамин ҷиҳат, ки тааллуқ ба он дорад, таъриф шудааст».[3] Чунин ақидаро муҳаққиқи осори Ибни Сино Муҳаммади Забеҳӣ аз қисмати сеюми «Шифо» чунин зикр месозад, ки "нафс ҷисм нест ва вобаста ба ҷисм ҳам нест, зеро ӯ ҷавҳар аст ва ҷавҳар ҷисм ё ҷисмонӣ нест. Ҷисм набудани нафс дар нуфуси инсонӣ баёнгари он аст, ки инсон дорои ақл аст ва ақл вобастаи нафс ва бо ӯ созгор нест.[4] Ин гуфтаҳои Ибни Сино баёнгари он мебошанд, ки дар воқеъ нафс ғайримоддӣ буда, он ифодакунадаи ақл аст. Нафс ҷавҳарест муҷаррад ва қоим ба зот ва мустақил ба бадану тағйирёбанда ба он, яъне ҳадаф аз муғоир он аст, ки шинохти нафс ва руҳи худ аст, ки он ба

---

[1] Азидуддини, Насафӣ. Инсони комил [Текст] / Насафӣ А. Бесоли нашр. -С.24.

[2] Рустам, Комилов. Фалсафаи тоҷик: аз аҳди бостон то имрӯз Текст] / Комилов Р.-Душанбе.: Ирфон, 2011.-С.103.

[3] Муҳаммад, Забеҳӣ. Фалсафаи машшоъ бо такяи бароҳими орои Ибни Сино [Текст] / Забеҳӣ М. –Теҳрон.: Самт. Чопи 6, 1392. -С.247-248

[4] Ҳамон ҷо. –С. 249.

бурҳони шахсияти инсонӣ бурда мерасонад. Тибқи ақидаи Ибни Сино, нафс ҷавҳари камолест, ки он наметавонад ҷисм бошад, чун агар ҷисм бошад, бояд ҳар ҷисме битавонад сарчашмаи чизи дигаре бошад. Аз ҷониби дигар, нафс наметавонад сурат низ бошад, зеро сурат манбаъ ва ҳолро дар модда ҳосил мегардонад, ҳоло он ки шайъи манбаъ аз моддаю камол берун буда, моддаро ба вуҷуд меоварад. Вале таалluқ доштани мафҳуми нафс ба нафс дар он аст, ки он аз ҷиҳати таалluқ доштанаш ба бадан алоқаманд аст. Маврид ба зикр аст, ки Ибни Сино дар бахше аз асари «Шифо»-и худ дар хусуси ҷисм набудани нафс чунин мегӯяд: «нафс вобаста ба ҷисм ҳам нест, он ҷавҳарест, ки вуҷудаш ҷисм ё ҷисмонӣ ҳам нест. Ҷисм набудани нафс дар нуфуси инсонӣ аз роҳи ин ки инсон дорои таақул аст ва таақул (ақл) бо вобаста будани нафс ҳеҷ созгорие надорад ва ин собит аст, ки нафс ба таври мутлақ, хоҳ инсонист, хоҳ ҳайвонӣ ва ё наботӣ, ҷавҳар аст».[1] Вале камол низ дар навбати худ ба ду қисм ҷудо мешавад: камоли аввал ва камоли дуввум. Ҳадаф аз камоли аввал чизе фаҳмида мешавад, ки навъро ба феълият мерасонад ва навъаш мекунад. Масалан, шакл барои шамшер. Камоли дуввум бошад чизе фаҳмида мешавад, ки аз феълу инфиъолҳои он ба тамомияти навъ меояд. Масалан, буридани шамшер ва ё тамйиз додан, фикр кардан, эҳсос ва ҳаракат кардани инсон, ки ҳамагӣ марбути камоли аввал нестанд.

Дар маҷмӯъ метавон зикр намуд, ки дар таълимоти Фахриддини Розӣ нафс чун дигар файласуфон ба се қисм: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо мегардад ва ҳар кадоми онҳоро дорои хусусияти ба худ хос мебошанд, зеро афзалтарину печидатарини нафсҳо нафси инсонӣ эътироф шудааст. Зеро он дар худ дорои таркибе аз дигар нафсҳо буда, аз қисматҳои зиёде иборат аст. Ба ақидаи Фахриддини Розӣ, “нафс мумкину-л-вуҷуд аст ва ҳар мумкину-л-вуҷуд дорои иллатест ва ин то

[1] Муҳаммад, Забеҳӣ. Фалсафаи машшоъ бо такяи бароҳини орои Ибни Сино [Текст] / Забеҳӣ М. – Теҳрон.: Созмони самт. 1392.-С.269.

вақте сурат мегирад, ки сабаб ва иллати амри мумкину-л-вуҷуд мавҷуд бошад, дар ҳоле, ки адам барои масбуб маълулу муҳол хоҳад буд, чаро ки дар ин сурат бо фарзи бақои иллат, маълул мунъадим (нест мешавад Э.Б.) мегардад."[1] Маҳз талаботи нафси инсонӣ аст, ки дар худ моҳият ва хусусиятҳои зиёдеро доро аст ва ин талабот ифодагари моҳияту табиати инсонро ташкил медиҳанд. Табиати инсонро наметавон дур аз ниёзҳои моддию маънавии ӯ тасаввур кард, ки он дорои хусусиятҳои антропологӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва ғайра мебошад.

Хулоса, таҳлилу баррасии масъалаи моҳияти инсон, пайдоишу таъйинот ва мақоми ӯ дар олам, яке аз масъалаҳои асосии таърихи андешаҳои фалсафӣ ба шумор рафта, мавриди омӯзиши соҳаҳои гуногуни илм қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар ин бахш таъсири афкори фалсафии Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ, Мулло Садро ва дигарон дар ташаккули ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ оид ба руҳ ва навъҳои он, ҷисм, ақл, некиву бадӣ, бахту саодат, роҳҳои расидан ба он, саодати воқеӣ, ҳайвони оқил, мақоми руҳ ва нафс ва ғ. таҳлил ва баррасӣ гардида, ҳамфикрӣ ва ё зидди андешаҳои онҳо баромад намудани мутафаккир нишон дода шудааст. Муҳимтарин масъалае, ки дар ин зербоб таҳқиқ шудааст, таваҷҷуҳи хоса ба моҳияти инсон, нафс ва навъҳои он мебошад, ки он ҳамчун қисми таркибии табиату моҳияти инсон нишон дода шудааст. Бинобар сабаби хубтар ворид шудан ба ин масъала ва муайян намудани дидгоҳи бевоситаи Фахриддини Розӣ, дар боби дуюм таваҷҷуҳи бевосита ба он гардидааст.

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут.: Дору-л-эҳё, 1411. Ҷ.2. - С. 420.

# БОБИ II. АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ДОИР БА МАСЪАЛАИ ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН

## 2. 1. Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ

Ҳамчунон ки дар боби гузашта ишора намудем, масъалаи инсонро мутафаккирони дин ва фалсафа ба таври мухталиф баррасӣ намуда, моҳияти ӯро мураккабу печида маънидод намудаанд. Инсон ҳамчун мавҷуди мураккаб, субъекти фаъолу эҷодкори ҳамагуна раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки дорои моҳият ва табиати махсусест, ки хоси дигар мавҷудот нест. Ӯ ҳамчун мавҷуди олӣ бо ахлоқу маънавиёт, нутқу забон ва дигар хусусиятҳояш нотакрор эътироф гардида, аз дигар мавҷудот бо чунин мураккабияташ фарққунанда дониста шудааст, яъне инсон мавҷуди антропо-био-сотсио-психологист. Моҳияту сифатҳои инсонӣ дар вуҷуди ӯ азалӣ дода нашуда, сифатҳои инсонии ӯро на фақат дар вуҷуди биологии ӯ, балки берун аз он, яъне дар муносибатҳои иҷтимоӣ, психологӣ, маънавӣ ва ғайра, ки аз табиат берун буда наметавонад, дарёфт кардан мумкин аст. Бархе аз муҳаққиқон (Ҷон Лок ва марксистон) бар он назаранд, ки чизе бидуни табиати инсон вуҷуд надорад ва ё ин ки майнаи сари инсон ҳангоми таваллуд монанди лавҳи сафедест, ки тавассути ниёзҳои пайдокардаи худ онро пур месозад. Агар дар фалсафа инсон ҳамчун мавҷуди антропобиосотсиогенезӣ дониста шавад, дар таълимоти ислом, аз ҷумла мутакаллимон инсон ҳамчун ҷонишин ва ё намояндаи Худо дар замин аст. Дар ин бахши рисола мо саъю кӯшиш менамоем моҳияти инсонро аз дидгоҳи Фахриддини Розӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Маврид ба зикр аст, ки табиат ва моҳити инсонро метавон ҳам фардӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам биопсихологӣ зикр намуд. Вале асли масъала ин аст, ки оё инсон табиатан иҷтимоӣ аст ва ё фардӣ? Ҳамчуноне, ки қаблан низ зикр намудем доир ба ин масъала андешаҳо мухталифанд. Бар хилофи иҷтимоият, маданияту тамаддун ва фарҳанг, ки зери

мафҳуми табиат ҳама он чӣ ки худи инсон наофаридааст ва намеофарад, ҳамаи он протсессҳо, ашёву ҳодисаҳои руйдодаеро метавон фаҳмид, ки дар олами табиӣ вуҷуд доранд ва аз инсон вобаста нестанду инсон онҳоро наофаридааст. Табиати инсон аз сабаби ҳамбастагӣ доштанаш бо табиати воқеӣ, бо талаботу ниёзҳояш ҳамчун ҷузъи таркибии он дониста мешавад. Ҳамчунон ки дар боло ишора намудем, доир ба моҳият ва табиати инсон андешаҳо мухталиф иброз гардидааст, ки Арасту онро «инсони боақл»[1], Б. Франкилин «ҳайвоне, ки олоти меҳнат месозад»[2], Б. Шеллер «ҳайвони корӣ»[3], Ф. Гелен «ҳайвони номуайн»[4], Ф. Нитше «ҳайвони мариз»[5], Р. Декарт "ашёи тафаккуркунанда (фикркунанда)"[6] ва ғайра ном бурдаанд.

Дар табиати инсон ягон зуҳуроту сифати дигарро ба ҷуз хосияту сифатҳои материяи инкишофёбанда дарёфтан мумкин нест. Агарчӣ инсон қисми муҳимтарини табиат дониста мешавад, вале аз рӯи сифату хусусиятҳояш низ бо табиат алоқаи зич дорад ва ҳамчун мавҷуди табиӣ таъйиноту вазифаҳояшро худаш муайян менамояд. Табиати инсон мураккабу зиддиятнок дониста мешавад, зеро агар табиати инсонро бе шуур, ақл, қобилияти маърифатию маънидодкунии олами артоф, худшиносӣ, худсозии иҷтимоию мадании он тасаввур кардан номумкин бошад, аз ҷониби дигар, ӯ ҳамчун мавҷуди олии табиат, идоракунанда ва харобкор, созандаю эҷодкор, ба қавли Карл Маркс, «офарандаи табиати дуюм», тағйирдиҳандаи талаботи иҷтимоӣ-биологӣ ва психологӣ мебошад.

Маҳз ақлу хирад, шуурнокӣ, мақсаднокӣ, маърифатнокӣ паҳлуюхудудҳои табиати инсон буд, ки ӯро аз тамоми мавҷудоти дигар ҷудо

---

[1] https://habr.com/ru/articles/415747/ (санаи муроҷиат 11.07.2022)
[2] http://12apr.su/books/item/f00/s00/z0000067/st061.shtml (санаи муроҷиат 22.12.2022).
[3] Хаёрова, Ю.Г. Философия. Конспект лекций [Текст] / Ю.Г. Хаерова. – Казань.: Каз. федер. ун-т, 2014.-С. 24.
[4] https://psylib.org.ua/books/gurep01/txt02.htm (санаи муроҷиат 17.10.2023).
[5] Ницше, Ф. Человеческое, слишком человеческое. Веселая наука; Злая мудрость [Текст] / Ф. Ницше: Сб.-Минск.: Попурри, 1997.-С.555.
[6] https://terme.ru/termin/kartezianskie-razmyshlenija.html (санаи муроҷиат 20.08.2023)

сохт. Аз ҷониби дигар, он хулқу атвор ва сифату хусусиятҳое, ки дар як инсон аст, дар инсонҳои дигар мушоҳида намешавад ва ё баръакс. Ҳамчунон ки қаблан ишора намудем, муҳимтарин хусусияти моҳияти инсонро ақлу хиради ӯ ташкил медиҳад, ки ин назарияро аксарияти файласуфон (Демокрит, Арасту, Абӯбакри Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насриддини Тӯсӣ, Френсис Бэкон, Вилгелм Лейбнис, Бенединк Спиноза, Фридрих Ничше) ва илоҳиётшиносони ақлгаро (Афлотун, Мотуридӣ, Замахшарӣ, Фахриддини Розӣ, Шаҳристонӣ, Боқилонӣ, Декарт, Зигмунд Фрейд, Ҳайдегер, Шибли Нӯъмонӣ ва дигарон) дар шаклҳои гуногун таъкид намудаанд. Ҳамин ақл аст, ки инсонро аз олами ҳайвонӣ ҷудо сохта, ӯро аз тамоми мавҷудот тафовут мегузорад. Ба қавли М. Муттаҳарӣ оё инсон иҷтимоӣ офарида шудааст ё фардӣ ва ё иҷтимоии ба ӯ таҳмилшуда дорои ду назария: яке назари арастуӣ, дуввум, назарияи муосир аст. [1] Мувофиқи ақидаи аввал, инсон табиатан ҳам дорои фитрати фардӣ ва ҳам иҷтимоист, яъне ҳама афроди ҷомеа дорои истеъдодҳои мухталиф буда, ҳар кадоми онҳо дорои хулқу атвор ва истеъдоди гуногун, мебошанд. Агар истеъдодҳо якранг мебуданд, зиндагии афроди ҷомеа беарзиш дониста мешуд, яъне гуногунии истеъдодҳо ниёзи афроди ҷомеаро дар раванди муносибатҳо метавонанд вобастаи якдигар донад ва бо ҳам вобаста созад. Ба қавли дигар, фитрати иҷтимоии инсон тақозо менамояд, ки ҳар як инсон он истеъдодеро, ки ба таври табиӣ дар вуҷудаш ҳаст, зоҳир гардонад. Аммо одамӣ аз шинохти фардияти хеш по фаротар ниҳода, қонунҳои умумӣ ва ҳақиқатҳои зиёдеро кашф мекунад ва мавқеашро дар табиату ҷомеа муайян месозад, ки ҳеҷ мавҷуди дигар чунин имкониятро надорад. Дар ин хусус Муртазо Муттаҳарӣ дар китоби худ "Фитрат" дидгоҳи Фахриддини Розиро доир ба инсон баррасӣ намуда, чунин менависад: "Инсон бо тамоми хусусият ва моҳияти худ аз дигар мавҷудот фарқи

---

[1] Муртазо, Муттаҳарӣ. Торихи фалсафа [Матн] / Муттаҳарӣ М. –Теҳрон.: Садро, 1383. Ҷ.1.-С.152.

куллӣ дорад, ки ҳар яке аз ин тақсимбандиҳо мартабаи инсонро дар миёни ҳама мавҷудот мушаххас месозад: а) бо хусусияти моддӣ ва ҷисмонӣ; б) бо хусусияти гиёҳӣ; в) бо хусусиятяҳои ҳайвонӣ; г) бо хусусиятҳои инсонӣ”,[1]ки ду қисмати аввалро мутафаккир ба табиат ва сеюминро ба ғариза ва чоруминро ба фитрату сиришти инсонӣ мансуб медонад.

Оид ба моҳияти инсон дар байни дину фалсафа назарияҳои гуногун вуҷуд дорад, зеро равияҳои фалсафие, ки бо номи «мактаби фалсафаи антропологӣ» маъмул аст, дар инсоншиносии фалсафӣ нисбат ба дигар равияҳо бештар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, дар ҳоле, ки заминаи чунин назарияҳо ҳанӯз дар мактабҳои фалсафӣ гузошта шуда буданд. Ин назарияро асосгузори «мактаби фалсафаи антропологӣ» М. Шеллер дар асари худ «Мақоми инсон дар Кайҳон» дар се бахш тақсим менамояд: а) антропологияи теологӣ, ки тасаввуроти яҳудиёнро дар бораи офариниши Олам, Одам ва Момоҳаво, биҳишту дузах дар бар мегирад; б) антропология фалсафӣ-таълимот дар бораи инсон ҳамчун мавҷуди бохирад, дарандаи «Логос», нутқ ва қобилияти маърифатӣ-анъанаи фарҳанги аврупоӣ, ки асосашро хиради олӣ ё худ кайҳонӣ ташкил медиҳад; в) антропологияи табиӣ-илмӣ мебошад, ки тибқи он инсон комилан зодаи табиати зинда буда, пайдоишу инкишофи он дар саёраи Замин воқеият ёфтааст.[2]

Аз ин назарияҳои Макс Шеллер чунин натиҷа метавон баровард, ки дар марҳилаи аввал пурра зери назарияи динҳои сомӣ, дар марҳилаи дувум, зери таъсири идеализми объективӣ ва дар марҳилаи сеюм бошад, зери таъсири назарияҳои фалсафӣ-илмӣ қарор гирифтааст, аммо пайравӣ ва ҷонибдорияшро ба зинаи дуюм нисбат додааст. Аз ҷониби дигар бошад, инсон баробари мавҷуди табиӣ буданаш, ки ин ҳадди

[1] Муртазо, Муттаҳарӣ. Фитрат. Маҷмӯаи осор [Матн] / Муттаҳарӣ М. Ҷ.3. –Теҳрон.: Садро, 1370, -С. 243-244.
[2] Султон, Наврӯзов. Инсон [Матн] / Наврӯзов С. –Душанбе. 2011, -С. 20.

охирини ӯ нест ва дар тафовут ба дигар мавҷудот, пайваста аз доираи қонунҳои табиӣ берун мебарояд, инчунин рафтору кирдорашро идора менамояд, меофараду эҷод менамояд, таърихро месозад ва чун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҷанбаи ахлоқӣ, зебоипарастӣ, ҳуқуқӣ, динӣ-сиёсӣ, иқтисодию маданӣ ояндаи худро пешгӯӣ мекунад. Ба қавли Плеснер, инсон ҳамчун падидаи фавқулоддаву ғайриоддӣ ба маркази олам мегузарад, манзараи худомарказии оламро инкор мекунад ва ба ҷои тартиботи худомарказӣ тартиботеро мегузорад, ки ба инсон нигаронида шудааст. Дар айни замон Пленер «инсонро асрори маърифатшавандаи ҳастӣ, мавҷуде муайян мекунад, ки доимо аз ҳудуди он чиз, ки ба он дода шудааст, берун ба дуриҳои транстсенденталӣ мебарад».[1] Инсон аз назари хостаҳои худ метавонад матлабҳои зиёдеро сатҳӣ ва ё олӣ қабул созад, яъне инсон ҳамчун мавҷуди арзишҷӯю ормонхоҳ ҳам амаликунандаи ҳадафу ормонҳои худ ва ҳам ҷомеа мебошад. Метавон гуфт, ки инсон то ҳадде ормонхоҳ аст, ки баъзан ақидаи худро аз андешаи дигарон болотар медонад ва ё бараъкс.

Тибқи ақидаи Фахриддини Розӣ, чунин инсонҳо метавонанд осоиш ва хидмат ба ҷомеаро аз хоставу ормонҳои худ пасттар ва ё баръакс болотар гузоранд. Хоре, ки дар пои дигарон мехалад масали ин аст, ки дар чашми ӯ фурӯъ рафтааст, яъне дарди ҷомеа, дарди худи ӯ, шодии дигарон шодии ӯ ва андуҳашон андуҳи ӯ мебошад.[2] Масъалаи оё инсон табиатан ташаккулёфтааст ва ё ҷомеа ӯро ҳамчун мавҷуди фаъол ва озод тарбия менамояд, ба маънои дигар инсон оё табиатан маданӣ аст ва ё харобкор? Ин суолест, ки муҳаққиқон оид ба он назарияҳои мухталифро баён намудаанд. Вале мусалламан ҳаминаш маълум аст, ки маҳз муносибатҳои зиндагӣ инсонро «ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ» тарбия намуд. Ба қавли М. Муттаҳарӣ: «…оё зиндагии иҷтимоӣ, фитрӣ ва

---

[1] Султон, Наврӯзов. Инсон [Матн] / Наврӯзов С. –Душанбе, 2011.-С.23

[2] Фахриддин, Муҳаммад бини Умари Розӣ. Ҳифзу-л-бадан [Текст] / Розӣ Ф.М.Б.У // Тасҳеҳи Муҳаммад Иброҳими Зокир. –Теҳрон.: Маркази пажуҳиши мероси мактуб, 1390.–С. 13.

табиии инсон аст ва ё ин ки изтирорӣ аст, табиати инсонро ба сурати инфиродӣ ба вуҷуд оварда, изтирор инсонро маҷбур кардааст, ки бо ҳам зиндагӣ кунад».[1]

Аз ин гуфтаҳои М. Муттаҳарӣ, ба чунин натиҷа метавон расид, ки дар ин ҷода ду нуктаи назар вуҷуд дорад. Аввалан, ин ки инсон табатан маданӣ аст ва барои зиндагию муносибатҳои иҷтимоӣ офарида шудааст. Дуввум, ин ки инсон мавҷуди танҳо ва табиатан созанда аст, вале мушкилоту ниёзҳояш ӯро водор сохтааст, то бо дигар аъзоёни ҷомеа муносибат кунад.

Фахриддини Розӣ агарчӣ ягон асари алоҳидае дар бораи инсон таълиф накардааст, вале дар бештари асарҳояш паҳлуҳои гуногуни инсонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Барои мисол метавон асарҳои «Тафсири кабир», «Ал-Бароҳини дар илми калом», «Ал-Рисолату-л-камолия фи-л-ҳақоиқи-л-илоҳия», «Ал-Масоилу-л-хамсуна фи илми калом», «Рисолату-н-нафс», «Ал-Арбаин фӣ усули дин» ва дигаронашро ном бурд. Табиат ва моҳияти инсон дар доираи талаботи моддӣ ва маънавӣ ва руҳии ӯ баррасӣ гардидааст. Муҳимтарин масъалаи табиати инсонро тафовути нафсонии ӯ ташкил медиҳад. Дар мавриди тафовути инсонҳо, Фахриддини Розӣ чунин таъкид месозад, ки иллати ин ҳама дар ду сабаб аст: умури зотию ҷавҳарӣ ва умури хориҷ аз зоту ҷавҳар.[2] Доир ба умури хориҷ аз зот ва омилҳои таъсиркунанда ситорагон (ҳадаф аз ситорагон мурчал ё бурҷ аст, ки таъсири онҳо дар рафтору кирдори одамон дида мешавад - Э.Б.) ва муҳити онҳоро иҳотакарда мебошад, ки мурод аз он тафовутҳои зотӣ ва тафовутҳои мизоҷианд. Масалан, мутафаккир дар “Тафсири кабир” ин тафовутҳоро чунин зикр менамояд: “гоҳе мизоҷи фардӣ аз гармӣ ба сардӣ ё аз мартуб ба хушкӣ тағйир меёбад, аммо дар қувваи идрок ва ахлоқӣ ӯ аз оғоз то

---

[1] Муртазо Муттаҳарӣ. Торихи фалсафа [Матн] / Муттаҳарӣ М.–Теҳрон.: Садро, 1383. Ҷ. 4. –С. 14.
[2] Муҳаммадтақии Суҳробфарӣ. Тафовутҳои инсонҳо дар андешаҳои Фахри Розӣ [Матн] / Суҳробфарӣ М // Маҷаллаи “Фаслномаи илмӣ. Соли чаҳордаҳум. Шумораи 38.-Теҳрон, 1396. –С.24.

поёни умраш тафовуте ҳосил намешавад...ва ихтилофи инсонҳо дар он ношӣ аз ихтилоф дар моҳияти нуфуси инсонӣ аст.”[1]

Дар баробари он ки асли одамиро ҷузъе аз олами моддӣ мешуморад, инчунин онро таркибе аз олами сифлӣ низ медонад ва ҷисмро пойбанду мубталои руҳ меҳисобад. Мутафаккир ҷое дар «Тафсифи кабир»-и худ «инсонро мавҷуди ғайримоддӣ медонад, ки сатҳ ва ранг надорад ва ҳаргиз қоил ба руъёт нест».[2]

Дар баробари ақл, ахлоқ низ ташкилкунандаи ҷавҳари инсонист. Моҳияти инсон дар мавҷудияти ҷисмонияти он, рангу пусти бадан, қаду қомати кӯтоҳу баланд ва сарвату дорой набуда, асли зиндагии ӯро ақлу хирад, заковат, меҳнату мошират, қобилияту талаботи эҷодкорӣ ва озодии ӯ ташкил медиҳад. Аз сабаби он ки моҳият ва табиати инсон пайваста дар тағйирёбӣ қарор дорад, мутаносибан бо пешрафти таърихии инсон, табиату моҳияташ низ такмил меёбад. Агарчӣ байни мафҳумҳои «табиати инсон» ва «моҳияти инсон» алоқамандӣ ва шабоҳати зиёде мавҷуд аст, вале аз рӯи моҳияташон аз якдигар фарқ доранд. Зеро вақте сухан перомуни табиати инсон меравад, тафовут ва фарқияти инсон аз ҳайвон меравад, аммо дар хусуси моҳияти инсон бошад, эҷодкорию офарандагӣ, харобкорию созандагӣ, танзимнамоӣ ва дигар масъалаҳои ба он марбут меравад.

Дар хусуси моҳияти ҷисмонӣ ва маънавии инсон аз ибтидо байни файласуфон баҳсҳои зиёд вуҷуд дошт, файласуфони асримиёнагии Шарқ низ зери таъсири онҳо қарор гирифтаанд. Махсусан, Ибни Сино зери таъсири Арасту доир ба ҷавҳарияти ҷисми инсон, ки ӯ мегӯфт: «ҷисм мураккаб аз аҷзое иборат мебошад, ки онҳо қобили тақсим набуда, он аз иҷтимоҳо ба вуҷуд меояд»,[3] яъне аз назари Арасту ҷисми ягона дорои

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ. 7.-С.145-146.
[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ. 4. –С.21-44.
[3] Аристотель. Этика Аристотеля [Текст] / Аристотель. –Лондон.: Оксфорд, 1908. –С.660.

хусусият ва моҳиятест, ки аз як ҷиҳат билфеъл ва ё сурат ва аз ҷониби дигар, билқувва ё модда аст. Ин назари Арастуро Ибни Сино ҷонибдорӣ намуда, чунин меҳисобад, ки «вуҷуди ҷавҳари фардӣ ба далели қисматпазирии ҳар мавҷуде дорои миқдорҳои бомаъност».[1]

Ҳамчунон, ки қаблан ишора намудем, Фахриддини Розӣ зери моҳият ва табиати инсон ба масъалаҳои ҳусн ва қубҳ, ахлоқи неку бад, ҷабру ихтиёр, саодат, камолоти инсон ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни онро шарҳу тавзеҳ додааст. Муҳимтарин хусусияти созгорию носозгории ҳусн ва қубҳро марбути табъи инсон медонад, яъне манзури мутафаккир аз ин табъ на табъи оммӣ, ки ҳамон табъи ҳайвонӣ мебошад, балки табъи малакутию руҳонии инсон мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба баррасии гуногунии сифот дар нафс қисме аз онҳо сарчашмаи нуқс ва қисме маншаи камоли он маҳсуб меёбанд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки доир ба моҳият ва табиати инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ мақоми асосиро касб намудааст, назарияи ҳусн ва қубҳ мебошад, ки созгорӣ ва носозгории он бо табъи инсонӣ буда, дорои табиати мухталиф мебошад. Ҳадафи мутафаккир низ аз ин гуфтаҳо доир ба «ҳусну қубҳ бар асоси мулоимат ва адами мулоимат бо табъи малакутии инсон аст»,[2] ки дар низоми афкори Фахриддини Розӣ дорои арзиши баланд мебошад. Дар ин ҷода мутафаккир, зери таъсири дин қарор гирифта, ба мисли дигар мутафаккирони асримиёнагӣ қубҳро дар зоти худовандӣ номумкин ва ба афъоли ихтиёрии инсон маҳдуд месозад. Чуноне, ки ӯ мегӯяд: «ба назари ман раъйи мухтор он аст, ки таҳсин ва тақбеҳи ақлӣ дар мавриди бандагон муътабар, аммо дар мавриди Худованди мутаол ботил аст».[3] Аммо дар асари дигараш

---

[1] Абуалӣ, ибни Сино. Ал-Наҷот [Матн] / Сино И. А // Таҳқиқи Муҳаммадтақии Донишпажуҳ. – Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1379.-С.513

[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Муҳасилу-л-афкори-л-мутақаддимин ва-л-мутааххирин мина-л-ҳукамо ва-л-мутакаллимин [Матн] / Розӣ И.Ф.-Бейрут.: Дорау-л-тарос, 1991.–С.147., Имом Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф. –Қоҳира.: Мактабату-л-куллиёту-л-Азҳар.-С.246.

[3] Имом, Фахриддини Розӣ. Маолим ал-усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф // Муҳақиқ Низор Ҳаммодӣ. – Бейрут.: Дору-л-фатҳ, 1992.-С.10-66.

бошад, чунин меҳисобад, ки «гоҳе аз ҳусн ва қубҳ манфиат ва гоҳе мазаррат (зарар) ирода мешавад, вале ҳусули ин ду бандагон аст, на Худованд, чаро ки нафъу зарар дар бораи Парвардигор маврид надорад, пас, масъалаи ҳусн ва қубҳ дар мавриди Парвардигор муҳол аст ва матраҳ намешавад».[1]

Ҳамчунон, ки қаблан ишора намудем, моҳият ва табиати инсон аз ҷониби муҳаққиқон ба таври гуногун таҳлилу баррасӣ шуда, мураккабтарини ин табақабандиро марбути инсон донистаанд, ки он фарогири ҳама аҷсоми табиат (аҷсоми табиии ғайриҷондор, гиёҳон, ҳайвон ва инсон) аст. Ба қавли М. Муттаҳарӣ, инсон дар моҳияти худ чаҳор хусусиятро дорад, ки онҳо ба дигар мавҷудот хос нестанд: а) вижагии моддӣ ва ҷисмонӣ; б) вижагиҳои гиёҳӣ; в) вижагиҳои ҳайвонӣ, г) вижагиҳои инсонӣ, ки вижагии инсонӣ маъмулан ба вижаи аввал «табиат» ба вижаи ҳайвонӣ «ғариза» ва ба вижаи инсонӣ «фитрат» ва «сиришт»[2] марбутанд. Донишманди аврупоӣ Сартр бошад, чунин мешуморад, ки дар ибтидо моҳияти инсон холӣ буд ва ҳама унсурҳои ташкилкунандаи моҳияти ӯ дар раванди зиндагияш ба вуҷуд омадаанд. Чуноне, ки ӯ мегӯяд: «ин ки инсон таърифпазир нест, ба ин далел ки дар ибтидо ҳеҷ будааст ва чизе нахоҳад буд, магар ин ки баъдҳо бишавад ва дар он ҳангом ӯ ҳамон чизе хоҳад шуд, ки аз худаш месозад».[3]

Ин гуфтаҳои Сартр баёнгари он аст, ки аз сабаби он ки инсон аз аввал набуд, вале қабл аз ӯ нестӣ буд, аммо ҷуз андешае набуд, ки баъдҳо сурат бигирад ва он лаҳзае шакл гирифт, ки дар раванди шаклгирӣ аз худаш сохт, яъне мавҷуд дорои моҳиятест, ки инсон низ чун дигарон мавҷудест, ки маҳз дар раванди зиндагӣ онро ба вуҷуд меоварад.

Ҳамчунон, ки зикр намудем, Фахриддини Розӣ дар хусуси масъалаи моҳияти инсон байни файласуфон ва мутакаллимон қарор

---

[1] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розй. Матолиб-ул-олия [Матн] / Розӣ М.б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990. Ҷ.3.-С.290.
[2] Муртазо, Муттаҳарӣ. Фитрат. Маҷмӯаи осир [Матн] / Муттаҳарӣ М.–Қум.: Садро. Ҷ.3. –С. 463-466.
[3] Cottingham, John, Wӯstӯrn Philosophy, Black Wӯll [Text] / John C.-USA. 2008.-C.321.

гирифта, гоҳе ҳақиқати инсонро «руҳи муҷаррад, яъне руҳе ки малакутию осмонист»[1] ва гоҳе «нафси муҷаррад ё руҳи муҷаррад»[2] шумурдааст. Зимни баррасӣ намудани нафси муҷаррад, ки онро базъе аз муҳаққиқон ба ду қисм: нахуст муҷарраде, ки зотан ва феълан муҷарраданд, мисли ақл, ки зотан муҷаррад аст, на феълан, мисли нуфуси инсонӣ ва фалакӣ.[3]

Фахриддини Розӣ бошад дар ин хусус ба чор ҷиҳати он ишора менамояд: а) Бадани инсон ҷавҳарест мутассиф (васфшуда) ба ҳарорат ва рутубат ва ин ду омил ҳар гоҳ бо якдигар таомул дошта бошанд, бухор тавлид мекунанд ва ҳамин муҷиби инҳилоли (заволи) бадан мешавад ва далели тавлиди бухор аз бадани инсон, ба ғизо ниёзманди будани ӯ аст; б) Бадани инсон дар давраи тифлият мавҷуди кӯчаку заиф ва дар давраи ҷавонӣ мавҷуди бузургу тавонманд аст, ки он аз табдили доимии аҷзои бадан вобаста аст; в) Бадани инсон ҳамвора байни ду ҳолат: пирию ҷавонӣ дар норасоӣ аст, ки ҳамагӣ аҷзои бадани инсонанд; г) Бадани инсон инфисоли (аз ҳам гусастан ва ҷудо шудан - Э.Б.) рутубатҳои зиёд ва аз он дар ҳоли инҳилол аст ва ин баёнгари вуқуи табдил аз инҳилоли бадан ба наҳваи истиқрорӣ аст.[4]

Ин андешаҳои мутафаккир аз он шаҳодат медиҳанд, ки нафсу бадани инсон ҳамеша дар ҳоли тағйирёбӣ буда, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам мазмун дигар мешаванд. Ҳатто дар «Ал-Арбаин» ва «Ан-Нафс ва-л-руҳ» низ таъкид намудааст, ки «ба бадоҳати ақл дармеёбам, ки ман ҳамон шахсе ҳастам, ки бист сол пеш буд, ҳоло он ки аҷзои бадани ман

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин // Тасҳеҳи Маҳмуди Шаҳобӣ [Матн] / Розӣ И.Ф.-Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1339.-С-267
[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут.: Дору-л-эҳё. 1411, Ҷ.2.-С.345, 377-379.
[3] Ҷаъфари, Субҳонӣ. Фарҳанг ва истилоҳоти фалсафии Муллосадро [Матн] / Субҳонӣ Ҷ. Ҷ.1.-Теҳрон.: Вазорати фарҳанги исломӣ, 1379.-С. 199.
[4] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М.б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С. 100-101.

имрӯз ғайр аз он аҷзои пешанд».[1] Тибқи ақидаи Фахриддини Розӣ, нафс бо ин аҷзои зоҳирӣ ва ботинии бадан ҳеҷ монандие надошта, он чизест, ки ифодагари ҳастии инсонист ва номи он нафс хонда шудааст. Ӯ дар бурҳони ваҳдати нафс чунин мешуморад, ки нафси ҳар кас амри воҳидест ва лозимаи ваҳдати воҳид нафйи ҷисмияти нафс аст ва ин амри лозима адами ҷисмонияти нафс аст. Ҳамчуноне, ки ӯ асари «Ал-матолибу-л-олия»-аш низ таъкид месозад: а) маҷмӯи ҳамаи бадан бо тамоми аҷзои худ ҳамон нафс аст ва чизи дохил дар бадан ҳамон нафс аст; в) ҷисми хориҷ аз бадан ҳамон нафс аст.[2] Ва ё ҷои дигар дар "Ал-Арбаин" таъкид месозад: "аҷзои бадан ду қисманд: бархе аҷзои аслӣ боқию ғайри қобили тағйиранд ва бархе дигар аҷзои фаръиянду қобили тағйир, ки ҳамон аҷзои аслӣ бар нафсанд",[3] яъне ба андешаи Фахриддини Розӣ аҷзои бадан аслӣ ва фаръӣ буда, аҷзои аслӣ боқию тағйирнопазир ва аҷзои фаръӣ тағйирёбандаанд, вале нафс бошад, аз аҷзои аслӣ иборат аст. Дар "Мабоҳису-л-машриқия" бошад, бар он ақида аст, ки нафс имконияти мафҳумҳои куллии идрокоти ақлиро маърифат кардан дорад, яъне: "нафс мафоҳими куллӣ ва идрокоти ақлиро идрок мекунад. Маҳалли ин мафоҳими инқисомнопазир (тақсимнашаванда) наметавонад, дар ҳоле, ки ҷисм инқисомпазир бошад".[4] Ҳатто дар масъалаи ахлоқ оид ба моҳият ва табиати инсон назарияи ҳусн ва қубҳро ба илму-л-ахлоқ ёдовар шуда, таъкид месозад: "бидон, ки кайфиёт баъзан ҷисмонӣ ва баъзан нафсонист ва сухани мо дар ҷисмонӣ нест".[5]

Дар ҷодаи ахлоқ низ Фахриддини Розӣ зери таъсири афкори Абубакри Розӣ, Форобию Ибни Сино, Ғаззолӣ ва дигарон қарор

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин // Тасҳеҳи Маҳмуди Шаҳобӣ [Матн] /Розӣ И.Ф.-Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1339.-С. 264-265.
[2] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М.б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С. 102-103.
[3] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин // Тасҳеҳи Маҳмуди Шаҳобӣ [Матн] /Розӣ И.Ф.-Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1339, Ҷ.2.-С. 27.
[4] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут: Дору-л-эҳё, 1411. Ҷ.2.-С.344-359.
[5] Фахриддини, Розӣ. Ҷомеъу-л-улум // Тасҳеҳи Сайидалии Олидовуд [Матн] / Розӣ Ф.-Теҳрон.: Бунёди мавқуфоти дуктор Маҳмуди Афшор, 1382.-С. 460.

гирифта, чунин мешуморад: «ахлоқ монанди табибест, ки симои зоҳирӣ ва ботинии шахсро зебо ва муолиҷа мекунад».[1] Мутакаллимони муътазилаву шиа, исмоилия ва имомия низ ҷонибдори ҳусну қубҳи зотию ақлӣ буда, бар он боваранд, ки ақл метавонад аъмоли хубу бадро муайян намояд. Аммо дар ин ҷода ашъариён ва баъзе аз пайравонаш имконияти ақлро дар таҳсину таҳқиқи афъол ба сурати истидлол инкор намуда, ҳусну қубҳи зотию ақлиро рад менамояд ва ба ҳусну қубҳи шаръӣ эътиқодманданд.

Маълум аст, ки дар фарҳанги истилоҳот ҳусн ба маънии нек ва қубҳ ба маънои зишту нозеб ишора гардидааст, ки баёну баррасии ин мафҳумҳоро метавон бештар дар таълимоти намояндагони калом мушоҳида намуд, вале аксари намояндагони фалсафаю ахлоқ ин мафҳумҳоро бо мафҳумҳои некию бадӣ ном мебаранд. Пеш аз баррасии ин масъала, мехоҳам нигоҳи яке аз муҳаққиқони Фахриддини Розиро, ки аз асари “Муҳасил-ул-афкор ал-мутақаддимин ва мутааххирин мина-л-уламо ва-л-ҳукамо ва-л-мутакаллимон” зикр менамояд, ёдовар шавам, ки ба манфиати кор аст: а) ҳусн ба маънои мулоимат бо табъ ва қубҳ ба маънои муфохират бо табъ; б) ҳусн ба маънои сифати камол ва қубҳ ба маънои сифати нуқс; в) ҳусн ба маънои муҷиби савоб ва мадҳ будан (сабаби савоби ва ситоиш), қубҳ ба маънои муҷиби иқоб ва зам будан (сабаби ҷазо ва мазаммат шудан )[2] зикр гардидааст.

Албатта, дар ин назарияҳои ақлгароёни Фахриддини Розӣ нисбати неку бад дар раванди муайянсозии афъол равиши муътазилиён бештар мушоҳида мешавад. Зеро муътазилиён низ чунин мешумориданд, ки хубу бад сифати зотии афъоли ихтиёрӣ аст ва он барои ақли башарӣ қобили дарк аст, дар ҳоле, ки ашъариёни қаблӣ онро на зотӣ ва на ақлӣ ҳисобидаанд. Фахриддини Розӣ низ чун муътазилиён нақши ақлро дар

---

[1] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М.б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С. 114.

[2] Наргиси, Назарнажод. Муқоисаи орои ахлоқии Имом Фахри Розӣ ва Ойир // Маҷаллаи фиқҳ ва ҳуқуқи хонавода [Матн] / Назарнажод Н. –Теҳрон, 1376. Шумораи 6.-С.34.

муайян намудани неку бад мухтор ҳисобидааст. Шинохти ҳусну қубҳи афъоли башарӣ, ки тавассути ақл ба даст меояд, дар афъоли илоҳӣ бо шаръ ҳосил мешаванд, аммо ҳусну қубҳи афъоли инсонӣ бошанд, ақлиянд, вале савобу иқоби онҳо бошанд, шаръӣ. Аз ин хотир, ақли инсон дар зинаи аввал мустақил ва ба ҳеҷ шаръе ниёзмандӣ надоранд, вале дар марҳилаи дувум бошад ниёзманди он аст. Зимнан, истифода чунин масъаларо метавон се шакл маънидод намуд: а) созгорӣ ва носозгории ботинии инсон; б) камол ва нуқси нафсонӣ; в) шоистагӣ ва ношоистагии афъоли ихтиёрӣ.

Фахриддини Розӣ дар ҷои дигар хусусияти шаръӣ доштани ҳусну қубҳи ақлиро рад намуда, созгории онҳоро фаъолияти худи инсон медонад. Чуноне, ки худи мутафаккир таъкид месозад:

1. Нахуст нишонаи ақлӣ будани ҳусн ва қубҳро бояд дар ниҳоди худи инсонҳо ҷустуҷӯ кард, зеро бадеҳӣ аст, ки инсон пеш аз зуҳури шаръӣ ва илмии онҳо ба некии бархе афъол ва бадии бархеи дигар ҳукм кард. Пазириши некӣ эҳсон ва бадӣ зулм аст, ки ин ба шариат ниёз надорад ва муъмину ғайримуъмин дар тасдиқи ин аҳкоми ахлоқӣ тафовуте надоранд. Аз ин рӯ, афъоли башарӣ аз ҳайси маърифатшиносӣ ба шариат ва амри илоҳӣ вобастагие надорад;
2. Қубҳи шаръӣ, яъне агар касе коре хилофи шаръ кунад, уқубат ва мазаммат мешаваду онро мепарастад: ҳусн ва қубҳи афъоли ихтиёрии инсони муътақид буда, матлуб ҳосил шудан аст, аммо дар сурати набудани ҳукми ақл, ҳукми шаръӣ дигар бояд ҳукми шаръи нахустинро қабул кунад, зеро ҳукми шаръӣ ба худии худ ҳеҷ ҳуҷҷате надорад, дар натиҷа нақли калом ба ҳукми дувум шаръӣ мешавад ва онро қабул месозад. Лозимаи он, адами ҳусули илм ба ҳусн ва қубҳи афъоли одамӣ аст, ҳоло он ки ҳусули чунин илми бадеҳӣ назди одамӣ бадеҳӣ аст. Аз ин рӯ, ақли амалӣ дар идроки афъоли инсонӣ ниёзманди шариат нест ва фақат ба худ муттакӣ (такя кардан) аст;

3. Шакке нест чизҳое монанди саломатӣ, матлаби инсон чизҳое чун беморӣ номатлуб аст. Лизо сурури матлуб биллаззат ва дарду нороҳатӣ номумкин би-л-лаззоти ӯст. Агар матлаб аз номумкин будани ҳукм ба лаззати ақлӣ набошад, ба ҳукми дигаре зарурат пеш меояд ва мутааллиқи онҳо гум мешавад, ки дар чунин ҳолат ақл байни ҳусн ва қубҳ дар раванди фаъолият ҳукм мекунад.[1]

Бинобар ин феъле, ки дар масири камол қарор дорад, нек ва зебо буда, зидди он ҳама нозебу зишт накуҳиш мешаванд. Ин аст, ки дар низоми фикрӣ адлия, ақл анҷоми адолатро шоиста шуморида, анҷомдиҳандаи онро мадҳ намудааст ва дар муқобили он зулмро ношоиставу анҷомдиҳандаи онро мазаммат кардааст. Дар ин ҷода мутафаккир кӯшиш менамояд, ки маҳалли ташаккули ҳар дуро ошкор созад ва мақоми ақлро дарку равшансозии неку бадро дар ҷои аввал гузорад. Худи Фахриддини Розӣ низ доир ба ин масъала чунин ақида дорад: «муҳимтарин ва арҷмандтарин чиз дар ин масъала равшан сохтани маҳалли низоъ аст. Мо эътиқод дорем, ки ақл бархе аз маъонии ҳусну қубҳро дарк ва фаҳм менамояд, ҳаммонанди малоим ва манофот бо табъи инсон ва ё сифоти камол ва нақс масали илм ва ҷаҳл. Дар ин ду маврид ҳеҷ кас низоъ надорад, балки ихтилоф ва даргирӣ дар он сурат аст, ки ҳусн ва қубҳ ба маънои мадҳу зам ва ё савобу иқоб зикр шудааст. Ин ҷост, ки мутакаллимон ба гуфтугӯ ва даргирӣ пардохт, бархе назарияи ҳусн ва қубҳи зотиро пазируфтаанд ва гуруҳе ба назарияи амри илоҳӣ ва шаръ таваҷҷуҳ намудаанд.

Чунин назарпардозиҳои мутафаккир, таъкид ва тасдиқ кардани маҳдудияти афъоли инсон назди қазову қадари илоҳӣ мебошад. Ҳамчунон, ки худи ӯ қайд мекунад: «ба назари ман раъйи мухтор он аст, ки таҳсин ва тақбеҳи ақл дар мавриди бандагон муътабар аст, аммо дар

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин // Тасҳеҳи Маҳмуди Шаҳобӣ [Матн] / Розӣ И. Ф.- Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1339.-С. 242.

мавриди Худованди мутаъол ботил аст.[1] Аммо дар ҷои дигар бошад, бар он назар аст, ки: «гоҳе аз ҳусн ва қубҳ манфиат ва маъсияте ирода мешавад. Ҷойгоҳи ҳусули ин ду бандагон аст, на Худованд; чаро ки нафъ ва зарар дар бораи Парваридгор маврид надорад. Пас, масъалаи ҳусн ва қубҳ дар мавриди Худованд муҳол аст ва матраҳ намешавад».[2]

Аз ин муҳокимарониҳои Фахриддини Розӣ, маълум мешавад, ки агарчӣ ӯ, дар як ҳолат, ҷонибдорӣ раъйи ақлӣ бошад, аз сӯи дигар, нигоҳдорандаи ҳамон афкори ашъарияи қаблист, ки пойбандию номухтории инсонро назди қазову қадари илоҳӣ, тайид намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки оё ҳусн ва қубҳ ҳимоятгари воқеият аст ё тобеъи қарордодҳои иҷтимоию салиқаҳои фикрӣ ё амри илоҳӣ? Ҳамин тавр, Фахриддини Розӣ дар пайравӣ аз ашъариёни қаблӣ ба тақвияти «назарияи амри илоҳӣ» пардохта, кӯшиш намудааст, ки ҳусн ва қубҳро тобеъи амри илоҳӣ донад. Мутафаккир бо пуштибонии андешаи каломии худ, ҳусн ва қубҳи зотиро нафӣ намуда, қайд мекунад, ки Худованд молики мутлақ аст ва Ӯ ҳар гуна тасрифро дар мулки худ дорад ва ҳеҷ кас ҳаққи пурсиш аз Ӯро надорад. Бинобар ин, афъоли бандагонашро низ бо хоҳишу иродаи худ меофарад.

Аз муҳокимарониҳои мутафаккир, маълум мешавад, ки агар ӯ дар аввал ба ин масъала ҷонибдорӣ аз ашъариёни қаблӣ намуда бошад, дар марҳилаи дуюм, ҷонибдорӣ аз фалосифа карда, мақоми ақлро дар муайян сохтани афъоли неку бад дар раванди зиндагӣ озод маънидод кардааст. Аввалин истидлоли Фахриддини Розӣ ба инкори ҳусн ва қубҳи зотӣ аз он иборат аст, ки феъли инсон аз ду ҳолати изтирорӣ ва иттифоқӣ холӣ нест ва дар ҳар ду сурат сабаби ботилии ҳусн ва қубҳи зотӣ мешавад. Бо тааллуқи ирода ва қудрат, феъли зарурӣ ва тарки он муҳол мегардад, яъне:

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Маолим ал-усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф // Муҳақиқ Низор Ҳаммодӣ. – Бейрут.: Дору-л-фатҳ. 1992-С.10-22.
[2] Ҳамон ҷо.-С.35.

а) агар ҳусн ва қубҳ зотӣ бошад, афъоли уббод бояд ихтиёрӣ бошад;

б) вале афъоли уббод ихтиёрӣ нестанд, пас, хулоса баровварда мешавад, ки ҳусн ва қубҳ низ зотӣ нестанд.

Инсон дар раванди дигаргунсозии тақдиру сарнавишти хеш то андозае озод аст, зеро нақшаҳои ӯ метавонанд ҳам огоҳона ва ҳам озодона сурат гиранд, яъне инсон ҳам ба худу муҳити хеш озод аст ва ҳам бо таваҷҷуҳ баояндаи худ, ки бо ҳукми ақл ва нерӯи ирода онро муайян месозад. Пас, маълум мешавад, ки феъли созгор бо табъ, хуб ва феъли носозгор ба он (табъ) баду нозебо дониста мешавад. Чунин амал ихтиёри инсон ва сифоташро дар бар мегирад монанди шунидани сурати зебо ва зишт, ки ба хубу бад ифода меёбанд. Инояндабинии инсон дар асоси се шарт сурат мегирад:

А) тавассути ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ инсон бо нерӯи донишу илм ва огоҳии ботинию зоҳирии нерӯи табии хеш кӯшиш менамояд то марҳилаи охирин ба моҳияти ашёву зуҳурот сарфаҳм равад ва онҳоро инкишоф дода, қонунҳои онро дарк намояд ва бо нерӯи хирадаш он чӣ барои зиндагияш созгор аст, мувофиқ созад;

Б) тавассути зиёдталабӣ дар хостаҳои нафсонию шаҳвонӣ, ки баъзан ҳастии инсонияшро ба олами ҳайвонӣ наздик мебарад.

В) тавассути истеъдоди худташаккулдиҳӣ, ки дар табиати инсон аст, мутааллиқи ҳеҷ мавҷуди дигаре нест.[1]

Ин гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки инсон монанди дигар мавҷудот таҳти таъсири омилҳои моддӣ ва табиии дигаре монанди: майл ба ғизо, майл ба хоб, майл ба умури ҷинсӣ, майл ба истироҳату осоиштагӣ ва ғайра қарор гирифта, наметавонад аз онҳо даст кашад. Аммо дар баробари ин як қатор омилҳои ғайримоддии дигаре низ мавҷуд мебошанд, ки ҳадде надоранд ва онҳоро наметавон бо омилҳои

[1] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М.Б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С.25-26

моддӣ муқоиса кард, монанди: донишу илм, ахлоқи накӯ, зебоии ботинӣ, тақдису пурсиш ва ғайра, ки марбути мухторияти инсон мешаванд. Гарчанде дар як маврид мутафаккир мухторияти инсонро тавассути ақл пазирад, вале дар мавриди дигар ӯро ба пуррагӣ соҳибихиёр намедонад.

Мутафаккир зимни баррасии масъалаи мазкур онро ба се марҳала ҷудо месозад: а) марҳилаи ихтиёргузории инсон; б) марҳилаи баъдӣ-айни пазириш аст, ки ӯ тавфизро бутлон медонад; в) марҳалаи ба тавҳидрасӣ.[1] Аз ин андешаҳои Фахриддини Розӣ чунин бар меояд, ки инсон дар ҳар марҳилаи ҳаёташ аз мавқеъҳои гуногун ба фалсафа, калом, тафсир, фиқҳ, усул, иҷтимоиёт ва ғайра муносибат кунад. Ин масъаларо мутафаккир дар асарҳои "Тафсири кабир", "Бароҳин дар илми калом", "Маъолим усул ад-дин"-аш аз мавқеи калом ва фалсафа баррасӣ намуда, байни озодӣ ва ҷабр қарор гирифтааст, вале муҳим аз ҳама дар ҳар мавриде, ки ба ин масъала муносибат намудааст, саодати инсон ва дарки моҳияти инсониро дар ҷои аввал гузоштааст. Масалан, ӯ чунин мешуморад, ки "инсон фарқи ошкори байни ҳаракоти иродаи худ ва осоре, ки табиӣ мисли оташ содир мешавад, мебинад,"[2] вале ҷойи дигар қайд менамояд, ки фарқи ошкори байни ҳаракоти ихтиёрӣ ва ҳаракоти ғайриихтиёрӣ вуҷуд дорад, ки гуфтаҳои ӯ табиатан баёнгари эътирофи соҳибмухтории инсон дониста мешавад. Ҳамчунин дар асари "Матолибу-л-олия" зикр менамояд, ки "инсон ба воситаи қасд ва ихтиёр кор мекунад" ва ё "фоили мухтор ба воситаи қасд ва ихтиёр кор мекунад."[3] Чунин баёнияҳои мутафаккир арзёбии инсон аз соҳибмухорияти ӯ буда, қодир дар анҷом додан ва ё надодани ҳар амалест. Ҳатто аз фитрату моҳияти инсон дар соҳибмухорияти ӯ, ки роҳест барои ба даст овардани ниёзҳои иҷтимоию маънавӣ ва биологию психологияш ҳангоми посух ба

---

[1]Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1420. Ҷ.15.-С.164.

[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Маолим ал-усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф // Муҳақиқ Низор Ҳаммодӣ. – Бейрут.: Дору-л-фатҳ. 1992. -С.14-63-64

[3] Ҳамон ҷо.-С.14-32

муътазилиён дар хусуси он ки агар инсон қодир ва фоил (қодир ба анҷом додани кор - Э.Б.) набудӣ, саҳеҳ набудӣ, ки Худованд хору-л-розиқин (тиракунандаи рисқу рӯзии банда) биномад, ки дар қодир будани инсон баҳсе нест, чунин посух мегӯяд: “мо борҳо гуфтаем, ки инсон дар қудрате бар анҷом ва тарки феъле дорад.”[1] Ҳамин тавр, Фахриддини Розӣ зимни баррасии ин масъала қайд менамояд, ки банда ҳангоми анҷоми як феъл, чӣ қудрат бар тарк дошта бошад ва ё чӣ надошта бошад, тарҷеҳи (бартарият додан) феъл бар тарк ниёз ба марҷеҳ доштан дорад.

Муносибати Фахриддини Розӣ дар хусуси моҳият ва табиати инсон гуногунранг буда, печидагии инсонро дар доштани асрорҳои мухталифу печида, монанди талаботу ниёзҳои ӯ, соҳибихиёрию пойбандии ӯ ва ғайра меҳисобад. Вале ҳадафи мутафаккир аз ин ҳама баёнияҳо шинохти ҷавҳари инсонист, ки дар сифатҳои нафсонию шаҳвонӣ, саодату камолот ва дигар унсурҳои таркибии ӯ асосёфта, шакл гирифтаанд. Бо таваҷҷуҳ ба гуногунии сифот ӯ таъкид намудааст, ки равшан аст қисме аз сифотро дар нафс камоли нафс ва қисми дигарашро нуқси нафс донем. Масалан, “доноӣ камоли нафс ва нодонӣ вомондагию мағрурии нафс қаламдод мегардад ва ё оқилону фозилон ситоишро накуҳиш ва нодонону ҷоҳилон мағрур сарзаниш мешаванд”. [2]

Фахриддини Розӣ дар зиндагӣ ба ҳайси як шахси пуёву ҷӯёи ҳақиқат ҳамвора нафсро сарзанишу маломат намудааст. Ҳамчунон ки ӯ таъкид менамояд: «инсон гоҳе ғарқ дар зулмоти иллали аҷсом мешавад ва гоҳе аз он раҳоӣ меёбад ва ба анвори олами қудсӣ роҳ меёбад… ва чун аз зулмат ба нур ва аз ҳиҷоб ба вусул мерасад, лаззати азим ба ӯ даст

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.15.-С.18-19.

[2] Имом Фахриддини Розӣ. Муҳасилу-л-афкори-л-мутақаддимин ва-л-мутааххирин мина-л-ҳукамо ва-л-мутакаллимин [Матн] / Розӣ И.Ф.-Бейрут.: Дорау-л-тарос, 1991.-С.147.

медиҳад ва аз лаззатҳову саъодатҳо чизҳое дар меёбад, ки ҳеҷ чашме надида ва ҳеҷ гӯше нашунидааст».[1]

Фахриддини Розӣ ба ин масъала назари хосса намудааст, яъне чунин табъ на табъи омм, ки ҳамон табиати ҳайвонӣ маҳсуб меёбад, дониста мешавад, балки мақсуд аз чунин табъ табъи малакутӣ ва руҳонии инсонӣ дониста мешавад, ки он ифодагари моҳияти табиати инсонист. Дар ҳар сурат моҳияти табиати инсонро Фахриддини Розӣ ба таври мухталиф арзёбӣ намуда, дар ҳар маврид инсонро ба шинохти худии худ даъват намудааст, зеро тибқи ақидаи мутафаккир, ҳама унсурҳои олам ва камолоти инсонӣ аз ду асл - руҳонӣ ва ҷисмонӣ таркиб ёфтаанд. Камолоти ҷисмонӣ ба василаи ҷисм ва руҳонӣ ба кӯмаки руҳу маънавиёт анҷом меёбад. Бинобар ин, мутафаккир таъкид менамояд, ки “бидон матлуб ё ҷавҳар чизе бувад ё адами чизе ва ҳар ду мунқасим мешавад ба ду қисм, зеро лаззат матлуб бувад ё ғайриматлуб. Чун аз ин қисмат берун ояд, он ба чаҳор қисм ҷудо шавад:

1) вуҷуди ӯ матлуби лаззот бошад ва ӯро хайр гӯянд;

2) вуҷуди ӯ матлуби лиғайриҳӣ бошад ва ӯро нофеъ (манфиатовар) гӯянд;

3) он ки адами (нестии) ӯ матлуби лаззот бошад ва ӯро шарр гӯянд;

4) он ки адами ӯ лиғайриҳӣ бошад ва ӯро мавзеъ (нуқтаи назар, андеша, мавқеъ) гӯянд.[2]

Мақсади Фахриддини Розӣ аз баррасии лаззат аз рӯи хусусияташ, ки ба навъҳои мухталиф ҷудо мешавад, ҳар кадомеро фарогири маънои хоси худ медонад ва накутарини онро лаззати хайр ва нофеъ меҳисобад. Мақсад аз илми ахлоқро низ мутафаккир дарки моҳияти инсон аз моҳияти лаззат, шинохти нафс ва навъҳои он медонад. Ӯ лаззатро зери таъсири назарияҳои файласуфон, махсусан Форобию Ибни Сино ва

---

[1] Имом Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ [Матн] / Розӣ И.Ф.- Теҳрон, 1388.-С. 9.

[2] Фахриддини, Розӣ. Ҷомеъу-л-улум // Тасҳеҳи Сайидалии Олидовуд [Матн] / Розӣ Ф.-Теҳрон.: Бунёди мавқуфоти дуктор Маҳмуди Афшор, 1382.-С.460.

мутакаллимон баррасӣ намудааст. Бо он ки мутафаккир доир ба моҳияти лаззат назари Форобиро пазируфтааст, онро ба унвони "идроки мулоим" зикр мекунад. Ба ақидаи ӯ, "идроки мулоим машрут ба ҳусули мулоим аст ва ҳусул машрут ба ин аст, ки зоти мудрик (дарккунанда), қобили зиёдӣ ва нуқсон бошад ва ин навъи лаззат ҳамоно лаззати ҷисмонист, на руҳонӣ, зеро зиёдату нуқсон ва зубула аз вижагиҳои ҷисм аст, дар ҳоле ки соҳати воҷибу-л-вуҷуд би-л-лаззот ва муҷаррадот аз ин вижагиҳои ҷисмонӣ муназзаҳ аст... "[1]

Хулоса, ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ баёнгари он мебошад, ки лаззат ба ду қисм: ҷисмонию руҳонӣ ҷудо шуда, лаззату ранҷ ва иртиботи онҳо бо саодати инсон, яке аз муҳимтарин масоилест, ки аз ибтидо дар талаботи моддию маънавии инсон нақш бастаанд ва ҳамчун чизи хубу зишт аз вуҷуди инсон бурун мешаванд, дар ҳоле, ки ниёзҳои маънавии инсон аз ин талаботи моддию хоҳишҳои нафсонӣ холиянд. Ҳамчунон ки дар боло ишора намудем, нақши лаззатҳои ҷисмонӣ ва руҳонӣ барои ифшои моҳияти табиати инсон, роҳҳои расидан ба саодат, инсони комил ва ғайра нақши муассир доранд. Мавқеи Фахриддини Розӣ доир ба ин масъала равшан буда, барои ошкор намудани моҳияти масъала кӯшиш менамоем дар қисматҳои баъдӣ ба он равшанӣ андозем. Дар ин зербоб андешаҳои Фахриддини Розӣ дар бораи моҳияти инсон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, масоили гуногуни бо моҳияти инсон алоқаманд баррасӣ гардидаанд. Дар ин қисмат инсон бо табиати махсусе, ки дорад фарқияташ аз дигар мавҷудот муайян гардидааст. Муҳимтарин масъалае, ки дар ин зербоб нишон дода шудааст, моҳият ва табиати инсон дар доираи андешаҳои антропологии Фахриддини Розӣ оид ба тавсифи инсон ва дигар донишмандон мисли "ҳайвони нотиқ", "ҳайвони номуайян", "ҳайвони мариз" ва дигарон таҳлил гардида, тафовути инсонҳо, умури зотию ҷавҳарӣ ва хориҷии он, омилҳои

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут.: Дору-л-эҳё, 1411. Ҷ.2.- С.112.

таъсиррасон, моҳияти нуфуси инсонӣ, навъҳои мизоҷ: гарму сард, қувваи идрок ва ахлоқ, ҳақиқати инсон, нафсу ҷисм, ақл, ахлоқ, шабоҳату фарқияти онҳо, назарияи ҳусн ва қубҳ, созгорию носозгории онҳо бо табиати инсон, табъи малакутии инсон, руҳи муҷаррад: малакутию осмонӣ, тағйирпазирии нафсу бадан, ҷисмоният ва нафсоният, ҳусну қубҳ ҳамчун манфиату заррар, ҳусну қубҳи ақлию шаръӣ, зотӣ, лаззат ва ғайра дар шарҳу баёни Фахриддини Розӣ баррасӣ гардидаанд, ки инъикоси онҳоро метавон дар доираи табиати инсон ва дар роҳи расидан ба саодат мушоҳида намуд.

## 2. 2. Табиати инсон дар антропологияи Фахриддини Розӣ

Муҳимтарин хусусияти табиати инсонро дар андешаҳои антропологии Фахриддини Розӣ назарияи лаззатгароӣ ташкил медиҳад, зеро мавзуи мазкур қисми таркибии мафҳуми табиати инсон мебошад. Дар ин росто метавон зикр кард, ки доираи масъалаҳои марбут ба моҳияту табиати инсон васеъ буда, шарҳу баён ва тавзеҳи он ба таври пурра номумкин аст, чун лаззатҳо метавонанд: шаҳвонӣ, экстросенсӣ, моддӣ-маънавӣ ва ғайра бошанд. Масалан, Арасту бар он ақида аст, ки эҳсоскунадаи лаззат бояд бадан бошад, дар ҳоле ки чунин нест, зеро одамӣ вақте эҳсоси гуруснагӣ мекунад, ки хӯрда сер шудани шикамаш сабаби лаззат мешавад. Ҳол он ки ин таъриф дар хусуси дигар навъҳои лаззат монанди омӯхтани илм, бӯй кардани роҳати хуш, дидани манзараи зебо…дуруст нест.[1] Тули таърих ин масъала ҳамчун мавзуи баҳсталаб таваҷҷуҳи файласуфон, психологҳо, сотсиологҳо, сиёсатшиносон, табибон ва дигар соҳаҳои илмро ба худ ҷалб намудааст.

Гедонизм ё худ лаззатгароӣ масъалае мебошад, ки он ба нафси инсон алоқаманд буда, нафси инсон онро тавассути таъсири омилҳои

[1] Арасту. Самои табиӣ [Матн] // Тарҷумаи Муҳаммад Ҳасани Латифӣ.–Теҳрон.: Тарҳи навин, 1378.- С.374-375.

берунӣ ва дохила ба вуҷуд овардаю таъмин месозад. Аз рӯи чунин хусусият маҷмуан метавон лаззатро ба се қисм: ақлонӣ, ҷисмонӣ ва маҳсус ҷудо карда, робитаю тафовут ва нақши онҳоро дар раванди саодати инсон баррасию муайян намуд. Доир ба ҳар яке аз ин қисмҳо намояндагони мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ назари худро баён сохтаанд. Масалан, ҳанӯз Афлотун қайд карда буд, ки саодати башар ин аст, ки дар роҳи маърифати ақлӣ талош кунад ва дар баробари он аз лаззатҳои моддӣ низ бархӯрдор шавад, ба шарти он ки ин лаззатҳо ҳамроҳи лаззатҳои руҳонӣ олуда нашаванд ва онҳоро ба нестӣ набаранд. Зеро касби маърифати ақлӣ дар канори лаззати баданӣ муҷиби касби хайр ва саодат аст.

Дар ин миён Арасту, Ибни Сино ва Муллосадро низ ҳадди васат (мобайнӣ) ва малакаи эътидолиро дар таҳлили лаззот зарурӣ медонанд. Чунон ки қаблан ёдовар шудем, мафҳуми лаззат васеъ буда, дар шаклҳои гуногун фаҳмида мешавад. Масалан, ба қавли Арасту, «лаззат идроки тасдиқии амри матбуъ аст ва он амри басит нест, чун эҳсоси маҳз дар ҳукми тасаввур аст, вале лаззат тасдиқӣ нест».[1] Ба қавли Ибни Сино бошад, «лаззат иборат аст аз идрок ва найл (ба муроду мақсад расидан - Э.Б.) ба он чӣ назди идроккунанда камол ва хайр аст» дониста мешавад.[2]

Ин андешаҳо ба он далолат мекунанд, ки лаззат чизест, ки назди дарккунандаи он анҷом меёбад, яъне қувваи мудрик бояд афзун ба идрок бошад, то амри лаззизро комилан дарк кунад. Метавон гуфт, ки мумкин аст касе тасвири манзараи зебоиро бубинад, вале лаззате аз он набарад, аммо дар сурати дарки моҳияти он мумкин аст, лаззат барад. Дар ин миён Ибни Сино ҳангоми шинохти қувваи идрок онҳоро ба се қисм: ҳиссӣ, ботинӣ ва ақлӣ тақсим мекунад.

---

[1] Арасту. Ахлоқи Никомах // Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Латифӣ. –Теҳрон.: Шари нав, 1378. С-374-375.
[2] Шайхураис, Абуалӣ Сино. Қонун / [Матн] Сино Ш.А. // Мутарҷим Абӯраҳмони Шарафканӣ - Теҳрон.: Суруш, 1383. Ҷ. 3. С-337.

Фахриддини Розӣ низ онро ба се қисм: ақлонӣ, ҷисмонӣ ва махсус[1] ҷудо намуда, алоқамандӣ ва фарқияти байни онҳоро баҳри расидан ба саодати инсон, зикр месозад. Ин назарияро Қутбиддини Шерозӣ ва Муллосадро низ ҷонибдорӣ намуда, чунин мешуморанд, ки «тақсими қувваи идрокӣ ба зоҳирӣ ва ботинӣ, аз як сӯ, тақсими қувваи ботинӣ ба хаёл, ваҳм ва ақл, аз сӯи дигар, тақсимоти сегона: ҳиссӣ, ботинӣ ва ақлӣ ё худ тақсимоти чоргона: ҳиссӣ, хаёлӣ, ваҳмӣ ва ақлӣ барои лаззати вуҷуде дар назар дошта мешаванд».[2] Ин мутафаккирон назарияҳои худро оид ба лаззоти ақлонӣ ва ҷисмонӣ дар раванди саодати инсон зарур ва ҳамоҳанг донистаанд, вале Фахриддини Розӣ бошад, дар осори худ масъалаи лаззатро гуногун шарҳ дода, вобаста ба хусусияташон гоҳе аз лаззатҳои ҳиссӣ ва гоҳе ақлӣ ҳимоя намудааст. Бо вуҷуди он ки мутафаккир таърифи лаззатро номумкин медонад, вале дар "Мабоҳису-л-машриқия" ва "Ан-Нафс ва-р-руҳ" зери таъсири Форобию Ибни Сино қарор гирифта, ба "идроки мулоим" таъриф мекунад, чун "идрок" шарти лаззот аст ва барои илтизом воҷиб аст.[3] Ва ё дар ҷои дигари ҳамин асар чунин меҳисобад, ки "идроки мулоим машрут ба ҳусули мулоим аст ва ҳусули мулоим машрут бар ин аст, ки зот мудрику қобили зиёд ва нуқсон бошад"..."ин таърифи лаззат, танҳо лаззоти ҷисмониро дар бар гирифта, лаззоти руҳониро дар бар намегирад, зеро зиёдат, нуқсон, нумӯъ ва зубул (пасмонда, ахлот Э.Б.) аз вижагиҳои ҷисм аст, дар ҳоле, ки соҳиби воҷибу-л-вуҷуд ва муҷаррадот аз вижагиҳои ҷисмонӣ муназзаҳ аст".[4] Ин таърифи мутафаккир нисбат ба лаззоти ҷисмонӣ буда, дарбаргирандаи лаззоти руҳонӣ нест, зеро лаззоти ҷисмонӣ далолаткунандаи зиёдатию нуқсон ва инкишофу заволи ҷисм аст. Назари Фахриддини Розиро аз ин таърифдиҳиҳо метавон аз ду ҷиҳат маънидод намуд, якум, ӯ таърифи

---

[1] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М.б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С. 104-105.
[2] Қутбиддини, Розӣ. Ал-Муҳокимот байни шарҳи-л-ишорот [Матн] / Розӣ Қ.–Қум, 1375. Ҷ.3.-С. 334.,
[3] Фахриддини, Розӣ. Шарҳу-л-уюну-л-ҳикмат [Матн] / Розӣ Ф. // Муқаддима ва таҳқиқи Муҳаммад Ҳиҷозии Аҳмадалии Сақо.-Теҳрон.: Муассисаи Содиқ, 1373. Ҷ.3.–С.133.
[4] Асари мазкур. Ҷ.2.-С.154-155.

моҳияти нафсро бадеҳӣ (аксиома, ҳақиқати ошкор Э.Б.) медонад, дуввум, лаззотро даркшуда намеҳисобад ва идрокро шарти лаззатҳо медонад. Ҷои дигар бошад, лаззатҳои ҳиссиро инкор карда, чунин меҳисобад, он чӣ ба унвони лаззатҳои ҳиссӣ номида мешавад, алам ё тағйири ҳол ва пардохтан ба умури ҳиссӣ зотан ҷиҳати рафъи алам (дард, ранҷ, ғусса Э.Б.) аст. Аз ин рӯ, ин навъи лаззатҳо дар раванди саодат ва камолоти инсонӣ нақше надоранд, балки зотан сабаби ранҷу азоб ва нороҳатии инсон мегарданд.

Фахриддини Розӣ на танҳо афзалияте барои лаззатҳои ҳиссӣ қоил нест, балки онҳоро мавриди мазаммат низ қарор медиҳад. Ӯ доир ба ранҷур будани лаззоти ҳиссӣ, ки онҳо номавҷуду эҳсосотиянд, иброз мекунад, ки лаззатҳои ҳиссӣ азбайнбарандаи дардҳо буда, дар асл лаззат нестанд. Дар ҳоле, ки шояд инсон аз оқибатҳои ногувори онҳо бохабар аст, вале имкони дур шудан аз онҳоро надорад, чунин лаззатҳо наметавонанд мутлақан саодати инсонро дар зиндагӣ таъмин созанд. Ҳамчунин мутафаккир зикр менамояд, ки гоҳе инсон наметавонад бархе аз бемориҳои худро рафъ кунад, то ранҷ шадидтар нашавад, дар ҳоле ки имкон дорад онҳоро пешгирӣ намуда, эҳсоси ҳаловат кунад. Масалан, “лаззоти хурокхӯрӣ, ки он аз миёнбарандаи дарди гуруснагӣ ё лаззати ҳамхобагӣ, ки он сабаби қонеъ кардани талаботи шаҳвонию нафсонӣ аст ва ё лаззати азбарнамоии либосҳои зебои заҳрогин, ки сабаби ба вуҷуд овардани касалиҳои зиёд мешаванд.”[1]

Дар ҷодаи ранҷ бурдани хостаҳои лаззати ҳиссӣ, Фахриддини Розӣ чунин мешуморад, ҳамагуна лаззате, ки ба даст оварда мешавад, вобастаи хоҳиши инсон аст ва он сабаби ранҷи лаззатҳои шахс мешавад. Ба қавли ӯ, ҳар қадаре, ки ниёзмандӣ ба чизе бештар бошад, ҳамон қадар хоҳиши ба даст овардани он зиёдтар мешавад, вале ҳар чизе, ки ниёз ба ӯ

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-мисрия, 1408. Ҷ.8.-С. 299.

камтар аст, лаззати дастёбӣ ба он низ камтар сурат мегирад. Ӯ чунин меҳисобад, “агар як косаи тиллоро ба саге бидиҳӣ, ҳеҷ таваҷҷуҳе ба он нахоҳад кард, вале аз доштани устухоне бисёртар лаззат хоҳад бурд, вале баръакси саг, инсон бошад на бо доштани устухон, балки барои ба даст овардани тилло мубориза мебарад.”[1] Аз ин мисоли овардаи мутафаккир метавон ба хулоса омад, ки лаззат, хостани чизест ба миқдори ниёз, ки инсон аз он вобастагии зиёде дорад ва аз набуданаш кас азобу нороҳатии зиёде аз сар мегузаронад. Назари Фахриддини Розӣ ин аст, ки лаззатҳои ҳиссӣ ва ҷисмонӣ монанди меваи заҳрогине мебошанд, ки дар зоҳир хӯрдани онҳо лаззатбахш буда, ботинан қотили инсон мебошанд. Дар раванди ҷудо кардани нафс ба лаззатҳои ҳиссию ақлӣ, лаззатҳои ҳиссӣ рафъи хостаҳо ва ё тағйири ҳол аст, ба ақидаи ӯ: «пардохтан ба умури ҳиссӣ зотан ҷиҳати рафъи аламҳост».[2] Мутафаккир, ҳиссиётро ниёзи бадан меҳисобад ва онҳоро то андозае маъмури манфиатҳои ҳиссиёти ақлии инсон баҳри маърифати олам медонад. Маҳз дар заминаи ҳамин гуна лаззатҳо, лаззатҳои ақлӣ, яъне заминаи қувваи ақлия пайдо мешавад, зеро шинохт ва маърифати худӣ ва олам тавассути ақл имконпазир мегардад.

Дар ҷодаи лаззатҳои ақлӣ бошад, Фахриддини Розӣ бар он ақида аст, ки ин гуна лаззатҳо ҳақиқати воқеӣ дошта, сабаби камол ва саодати инсон мегарданд, зеро инсон ба воситаи маърифати олам ва муҳокимаву хулосабарориҳо нисбати ашёи олам инсон буданаш муайян мегардад. Аз сӯи дигар, ин навъ хостаҳои лаззати инсонӣ баъзан ӯро ба нороҳатиҳо низ рӯ ба рӯ мегардонад, чун хостани лаззатҳои ақлӣ монанди лаззатҳои ҷасмонӣ бо аз даст додан ва надонистани онҳо монанд аст. Дар ҳоле, ки ӯ лаззатҳои ҷисмониро равонаи ранҷ ва ақлиро омили саодату хушбахтии инсон донистааст. Ба андешаи ӯ, баъзан ҳолатҳое мешавад, ки инсонҳо ҳангоми дидани муваффақияти якдигар худро нороҳат ва

[1] Асари мазкур. Ҷ.18.-С.198.
[2]Асари мазкур. Ҷ.18. -С. 426.

ранҷур эҳсос менамоянд. Масалан, а) комил будани гурӯҳе аз инсонҳо барои баъзеи дигар муҷиби ранҷу нороҳатии афроди ноқис буда, онҳо пайваста кӯшиш мекунанд инсони мувафақро аз байн баранд ва ё худ низ мувафақ гарданд; б) агар инсонҳо дар камолоти инсонӣ бо якдигар баробар бошанд, ҳар кадоме кӯшиш хоҳад кард, ки аз дигарон дида мувафақтар бошанд ва ба лаззатҳои бештаре дастёб гарданд, вале дар ин ҳолат байнашон мубориза ю низоъ ва хусумат пайдо шуда, он сабаби ранҷи онҳо мегардад. Дигар ин кӣ ба ҳангоми низоъ агар шахсоне ғалаба кунанд, ин муҷиби ранҷу андӯҳи ботинии инсонҳои дигар низ мегардад. Зиндагии инсонӣ дар ҳар ҳолат бо дарду ранҷ ва ғаму андӯҳи бисёре ҳамроҳ аст, ба гунае, ки лаззатҳо дар муқоиса бо зиндагии кӯтоҳи онҳо андактаранд. [1]

Аз ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ маълум мешавад, ки байни шахсони нотавону заиф ва бадсиришт нафрате нисбати шахсони нексиришту тавоно мавҷуд буда, ҳамеша барои аз байн бурдани онҳо кӯшиш мекунанд. Аз сӯи дигар, агар дар раванди фаъолият байни инсон нобаробариҳо вуҷуд дошта, баҳри ба даст овардани манфиатҳо пайваста байнашон зиддияту муборизаҳо сурат мегирад ва ин нобаробариҳо сабаби ғаму андуҳ, ранҷ ва кутоҳумрии онҳо мегардад. Раванди мубризаи қонунҳои диалектикӣ, бахусус қонуни муборизаи ба ҳам зиддҳо ва инкори инкор байни қувваҳои истеҳсолкунанда ва муборизаҳои истеҳсолӣ, афроди ҷомеа ба таври ҳамешагӣ сурат мегирад.

Фахриддини Розӣ дар заминаи ингуна лаззатҳо инсонҳоро ба се даста ҷудо мекунад:

1) **сарватмандон** - монанди подшоҳон, ки ҳамвора ғизоҳои некӯ мехӯранд, аз сабаби такрор шудани ин амал ва ба одат табдил ёфтани он, аз лаззати он баҳрае намебаранд;

[1] Асари мазкур. Ҷ.18.-С-103-104.

2) **миёнаҳолон** - касоне, ки аксар ҳолат чун фақиронанд, вале гоҳ-гоҳ метавонанд ғизоҳои болаззату беҳтаре тановул кунанд;

3) **фақирон** - ки ҳамеша ғизоҳои пасту номувофиқ мехӯранд.[1]

Ӯ чунин мешуморад, ки гурӯҳи аввал бинобар сабаби якранг будани хӯрок вобаста ба вазъи иҷтимоияшон чунин раванд ба одат табдил ёфта, ҳатто аз лаззати он баҳрае намебаранд, вале гурӯҳи дуввум бошанд, ба ёди пештар хӯрдани ғизои некӯ дар ранҷу нороҳатиянд ва ҳамеша аз чунин ҳолат ёдовар мешаванд, аммо гурӯҳи сеюм бошад, бо умеди доштани ғизои хуб ҳамеша дар ранҷу азобанд.

Сабаби ин ҳама ранҷу азоби инсонҳо дар зиндагӣ, бешак ҳирс ва бухли дар ботин будаашон аст, ки пайваста онҳоро озор медиҳад. Ҳирси молу мулк ва даст ёфтан ба сарватҳои бештар муҷиби нороҳатии ҳамешагии онҳо мегардад. Дар мавриди лаззатҳои ҷисмонӣ ва навъҳои он бошад, мутафаккир бар он назар аст, ки бо ба даст овардани яке аз ин хоҳишҳо, хоҳиши дигаре пайдо мешавад. Аз ин ҷиҳат инсон ҳеҷ гоҳ наметавонад бо расидан ба лаззатҳои ҷисмонӣ, махсусан, ба саодату оромиш даст ёбад. Ҳамчуноне, ки мутафаккир дар асари «Мабоҳису-л-машриқия»-и худ таъкид менамояд: «лаззатҳои ҷисмонӣ навъи тағйир аз як ҳолати ғайритабиӣ ба ҳолати табиӣ аст. Шарти ба даст овардани (ҳусули) лаззат, тағйири ҳолат нест, тағйири ҳолат дар умури ҷисмонӣ аст, ки он ҳамеша ранҷ медиҳанд…он чӣ лаззати ҷисмонӣ номида мешавад, лаззат нест, балки тағйири ҳолат аст».[2] Аз ин андешаҳои мутафаккир ба чунин натиҷа метавон омад, ки аз назари ӯ, олитарин шакли лаззат, лаззати ақлонӣ дониста мешавад. Лаззоти умури ҷисмонӣ ҳамеша дар ҳоли ҳудус ва эҷод буда, дар ҳар ҳолат имкони аз байнравиро доранд ва онҳо наметавонанд лаззатбахш бошанд.

---

[1] Асари мазкур. Ҷ.18.-С.566.

[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут.: Дору-л-эҳё. 1411, Ҷ.2.-С. 428.

Дар хусуси лаззатҳои ҷисмонӣ, ки онҳо ба навъҳо ҷудо мешаванд, Фахриддини Розӣ чунин мешуморад, ки арзёбии онҳо сабаби эҷоди навъҳои дигари он мешаванд. Аз ин рӯ, инсон ҳеҷ гоҳ наметавонад бо расидан ба лаззатҳои ҷисмонӣ ва маҳсус (ҳисшаванда - Э.Б) ба саодату оромиш даст ёбад, ки инро мо дар ҷоҳталабию ҳарис будани инсон метавонем мушоҳида намоем. Масалан, бо баланд гардидани лаззатҳои ҳиссӣ монанди шаҳвату ҳирс ва лаззоти маҳсус ҳирси шадид ӯро фаро гирифта, барои ба даст овардани дигар хостаҳо равона месозад. Маҷмӯан метавон гуфт, ки лаззатҳои ҳиссӣ мутлақан накӯ нестанд, балки ба қавли файласуфон, бахусус Арасту: риояи ҳадди васати онҳо метавонад миёни ифроту тафрит накӯиро таъмин созад.[1] Ҳирс ва аз ҳад зиёд даст задан ба ҳар чизе метавонад аз ҳад гузашта, боиси ифрот гардад ва зиштию нестӣ шавад. Ба баёни Ибни Сино бошад: "лаззат амри муқайид ба ҳолати мулоимат бо табиат ва фитрат аз ҷиҳати мулоим будани он аст".[2] Ба ақидаи Ибни Сино шарти лаззат нигоҳ доштани ҳадди муайян буда, мувофиқию созгории он аз табиату фитрати он вобаста аст.

Фахриддини Розӣ бошад, бар он назар аст, ки аз сабаби кам будани лаззатҳои ҳиссӣ вобаста ба вақту ҳолати онҳо буда, натиҷаи ранҷу азобашон бошад, дар омилҳои зерин аст: а) лаззатҳои умури ҷисмонӣ сирфан дар ҳоли ҳудус ва анҷомашон дар ҳолати бақо истимрори (равиши муайян Э.Б.) лаззатӣ надоранд;[3] б) ҳолати қаблии ашё, ки сабаби лаззати ҳисси инсон дар дунё мегардад; в) дар сурате, ки инсон чизеро дӯст бидорад ва аз доштани он лаззат бибарад, дар муқобили дӯстдории ӯ, он сабаби ранҷу нороҳатии ӯ мешавад.[4]

---

[1] Арасту. Ахлоқи Никомах [Матн] / Арасту // Тарҷумаи Муҳамадҳусайни Латифӣ. – Теҳрон.: Тарҳи нур, 1378. -С.38.
[2] Ҳусайн, бини Абдуллоҳ ибни Сино. Ал-Мабдаъ вал маод [Матн] / Сино И. Ҳ.Б.А.-Теҳрон.: Муассисаи мутолиоти исломӣ донишгоҳӣ, 1363. –С. 591.
[3] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ [Матн] / Розӣ И.Ф. // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ.-Теҳрон, 1388.-С-97.
[4] Асари мазкур. -С. 99-100.

Дар хусуси муваққатӣ будани лаззатҳои ҳиссӣ Фахриддин Розӣ чунин ақида дорад, ки ин лаҳза чунон ғайритаҳаммул аст, ки муқоиса карданаш номумкин мебошад. Масалан, лаззати умури иҷтимоӣ ба таври куллӣ дар ҳоле ба вуҷуд омада, ҳосил мешаванд, ки ҳангоми бақою гузариш лаззате надоранд, зеро лаззат ба маънии дарки мувофиқу таъсирпазир аз он аст. Маҷмӯан ин маъно дар ҳолати пайдоиш ба вуҷуд меояд, яъне инсон аз доштани ҳаёт эҳсоси лаззат накарда, аз дигар умури иҷтимоӣ, бахусус алоқаи ҷинсӣ кайфияту ҳаловати зиёде мебарад.

Ба қавли Фахриддини Розӣ, таъсирпазирӣ дар татбиқи лаззат аз дарки маънии онҳо ба вуҷуд меояд, багунае, ки лаззати ҳиссӣ, эҳсос ва лаззати ақлӣ дарки лаззатҳои ба он вобаста мебошанд. Аммо бояд гуфт, ки шарти лаззат инфиъолӣ ва таъсирпазирӣ нест, монанди он ки ҳар мавҷуде, аз ҷумла инсон нисбати ҳайвон лаззати бисёртаре мебарад. Лаззатҳои ҷисмонӣ бо кайфияти махсуси ҷисмҳо ҳосил мешаванд ва ҳар лаҳза онҳо дар ҳолати тағйир ва фасод (нестӣ) қарор мегиранд. Фахриддини Розӣ ақида дорад инсон он чизеро, ки дӯст медораду аз доштани он лаззат мебарад, ҳангоми аз даст додани он низ нороҳатии зиёд ӯро фаро мегирад.

Дар маҷмуъ лаззати ҳиссӣ низ бедавому бебақо буда, кам ва зудгузар аст ва аз даст додани онҳо низ сабаби нороҳатии зиёде мегардад, ба ин монанд аз даст додани фарзанди солеҳ, ки марги ӯ қобили таҳаммул ва тақсимпазир нест. Масалан, хӯрдани ғизои хос барои шахси солим болаззат ва барои бемор сабаби шиддати ранҷу беморӣ мебошад. Аз рӯи чунин хусусият Фахриддини Розӣ ҳолати ҳозираи инсонро нисбат ба гузашта дар мавриди лаззату ранҷ ба се қисм: 1) лаззатбахш; 2) ҳамвора бо ранҷу сахтӣ; 3) ҳолати фиқдону (гумкардан

ё аз даст додан - Э.Б.) адами иқтизо (хоҳиш надоштан - Э.Б.) нисбат ба лаззат ё ранҷ.[1]

Ҳар кадоме аз ин се ҳолат сабаби дарду ранҷи зиёди инсон дар ҳар замоне (гузашта, ҳозира ва оянда) хоҳанд шуд. Чун замони ҳозир хотимаи замони гузашта ва оғози замони оянда мебошад, ки дар ҳар яке аз ин замонҳо инсонро ҳолату вазъиятҳои гуногуне рӯ ба рӯ аст. Дигар ин ки табиату фитрати инсон ҳамон тавре аст, ки аз ҳолатҳои мавҷудбудаю ҳозираи назди худ буда он қадар лаззате намебарад, қалбу руҳи ӯ низ ҳамеша дар ҳоли ҳасрат, ранҷи гузашта ва ё ба орзуҳои оянда назар кардан, азият мекашад. Дар натиҷа лаззат бурдани инсон дар замони ҳозира аз лаззатҳои ҷисмонӣ ва ҳиссӣ номумкин мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоме ки инсон умури гузаштаро дарк карда, ҳақиқати онҳоро аз ҷиҳати лаззат ва ё ранҷ ё худ адами бархӯрде нисбати якдигар дар зеҳну қувваи хаёлаш маҳфуз нигоҳ медорад ва бо тааллуқ доштанашон ба дигар робитае байнашон барқарор мегардонад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки лаззат ё ранҷовар будани тасаввурот ва тахаюлоти инсон дар муқоиса бо умури оянда бошад, хоҳ на, мутобиқ ба тасаввуроти идрокӣ аст. Сурати илмӣ аз умури лаззатбахшест, ки ба ранҷу дард мубаддал ва табдил намешаванд, зеро инқилоби зотиёт муҳол буда, мумкин аст ба далелҳои биларз ранҷовар гардад.

Ақидаи Фахриддини Розӣ дар хусуси ранҷур гаштани лаззати ҳиссӣ ин аст, ки такрори ин гуна лаззатҳо ба ранҷу нороҳатӣ дар умури худии онҳо меанҷомад. Агар инсон ба таври куллӣ ба лаззатҳои ҳиссӣ дастёб шуда, онҳоро истифода кунад, истифодаи дубораи онҳо на танҳо барои кас лаззате нахоҳад бахшид, балки сабаби ранҷу азоби ӯ низ мегардад.

---

[1] Маҳмуд, Сайид., Муҳсини, Пешоҳанг. Нақди назарияи Фахри Розӣ дар бораи ранҷ будани лаззоти ҳиссӣ [Матн] / Сайид М., Пешоҳанг М // Маҷаллаи “Фаслномаи илмии пажуҳиши фалсафа ва илоҳиёт”. Шумораи 4. –Теҳрон, 1396.-С.11.

Ин гуфтаҳои боло бар он далолат мекунанд, ки лаззати ҳиссӣ ва ҷисмонӣ дар хостаҳои нафсонӣ хайре набуда, сабаби саодати инсон низ намегарданд, вале замоне омили асосии лаззат мегарданд, ки инсон ба онҳо ниёзманд аст, аммо дар сурати аз байн рафтани ин гуна лаззатҳо имкони он вуҷуд дорад, ки инсон ба ранҷу нороҳатиҳои дигаре рӯ ба рӯ гардад. Аз ҷониби дигар, инсонҳо лаззатҳои ҳиссиро ҳамарӯза такрор мекунанд ва ба ранҷу нороҳатӣ гирифтор мешаванд, вале такрор накардани онҳо низ сабаби ранҷу азоби онҳост. Масалан, монанди аз меъёр зиёд истеъмоли ғизо ва анҷоми ҳолатҳои шаҳвонӣ, ки дубора такрори онҳо паёмадҳои манфиро ба бор хоҳад овард. Ҳамчунин зиёд истеъмол кардани ғизо метавонад на танҳо ба бемориҳо, балки ба марг оварда расонад. Ҳамчунин аз ҳад зиёд даст задан ба амалҳои шаҳвонӣ сабаби бемориҳою лоғар ва ё фаъолии организм ва аъзои бадан гардад. Чуноне, ки мутафаккир дар рисолаи "Ҳифзу-л-бадан"-и худ доир ба манфиати ҷимоъ зикр кардааст: "чун маннӣ дар аъзо бисёр шавад, дарди тан гаронӣ падид ояд, чун ҷимоъ карда шавад, тан сабук шавад, табиат аз ҷиҳати ғарази он модда биҷунбад ва бад-он сабаб шаҳвати таъом ва ҳазм зиёдатӣ шавад ва ҳавос софитар шавад... ва ҳангоми бартараф шудани он хирагии чашм ва тирагии димоғ ва андешаҳои фосид зоил шавад..."[1]

Ба қавли Ибни Сино бошад, анҷом додани амалҳои зиёди ҳиссӣ ва ҷисмонӣ барои инсон ҳам лаззат ва ҳам дард мебахшад. Фахриддини Розӣ низ ақида дорад, ки риояи ҳадди васат шарти асосии лаззатҳои ҳиссӣ ва ҷасмонӣ буда, риоя накардани онҳо сабаби ранҷу нороҳатии инсон аст. Ба қавли ӯ: "хайри ҳақиқӣ камол вуҷуд аст ва камоли вуҷуд, ҳақиқатан воҷибу-л-вуҷуд аст ва шар адами он камол аст, аммо чизҳое, ки барои мо нофеъ мешаванд ва аз ин ҷиҳат ононро хайрот (умури хайр - Э.Б.) меноманд, дар ҳақиқат хайр нестанд. Хайр ба таври муҷмал амре

[1] Фахриддин, Муҳаммад бини Умари Розӣ. Ҳифзу-л-бадан [Матн] / Розӣ Ф.М.Б. У // Тасҳеҳи Муҳаммад Иброҳими Зокир.–Теҳрон.: Маркази пажуҳиши мероси мактуб, 1390.–С.159

аст, ки чизе дар иштиёқи он аст ва он чӣ ҳар чизе дар иштиёқи он аст, ҳамон вуҷуд ё камоли вуҷуд аст...”[1]

Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, зиддият байни лаззоти ҳиссӣ бо саодати инсонӣ мебошад, ҳамон тавре, ки машғул шудани инсон ба чунин корҳо, ӯро аз дарки камолоти хеш дур месозад. Ба қавли мутафаккир, камоли саодати инсонӣ дар анҷом додани амали хоҳ ақлӣ бошад, хоҳ идрокӣ аз умури илоҳӣ вобаста аст, вале машғул шуданаш ба лаззатҳои ҳиссӣ ва ё ҷисмонӣ аз заифии қувваи ақлии ӯст, ки ин муносибаташ ғалабаи қувваи ҳайвонияти ӯро ифода месозад. Аз ин хотир, лаззати ҳиссӣ низ накӯ набуда, ҳамчун омили асосии камолот ва саодати шахс низ дониста намешавад. Вале риояи ҳадди васат дар умури шаҳвонию лаззатҳо тавассути ба даст овардани ақли назарию амалӣ, сабаби асосии саодат ва камолоти инсон дониста мешавад.

Масъалаи саодат низ ҷузъи таркибии таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ буда, ифодагари моҳияту табиати инсон ба ҳисоб меравад. Ба қавли ӯ, миёни саодат ва лаззат тафовути зиёде мавҷуд нест, вале аз сабаби дастрасӣ ва муваффақ шудани инсон ба онҳо саодати худро пайдо карда метавонад. Ҳарчанд саодатро бо лаззат ҳамоҳанг медонад ва ҷойи онро бо мафҳуми «саодат» ва гоҳе бо мафҳуми «лаззат» ном мебарад, вале лаззатро ҳамоно хостаҳои худи лаззат мешуморад. Ба ақидаи Фахриддини Розӣ: “саодати дунё камоли қувваи нотиқа дар сояи маорифи бандагони Ӯст ва саодат қувваест, ки дар воқеъ подош ва савоби ухравии нафс шумурда мешавад ва камоли қувваи назарии нафси нотиқа, найл ба маърифати олами ҳастӣ ва Ӯст” .[2]

Аз сӯи дигар, дар инсон ду нерӯ: ҳавоси ақлонӣ ва ҳавоси нафсонӣ вуҷуд дорад, ки ақли инсонро барои анҷоми амалҳои нек ва нафсонӣ ба

---

[1] Ибни, Сино. Илоҳиёт мин китоби “Шифо” [Матн] / Сино И // Таҳқиқи Ҳасан Ҳасанзодаи Омилӣ.-Қум.: Илм ва фарҳанг, 1376.-С.76-380.
[2] Муҳаммадсолеҳ, аз-Заркон. Фахриддини Розӣ [Текст] / аз-Заркон М.-Бейрут.: Дору-л-эҳё, 1969.-С. 590.

амалҳои баду разила равона месозад. Мувофиқи ақидаи мутафаккир, дар ин ҳангом вуҷуди инсонро муборизаи ду қувва фаро мегирад ва лаззати ҳиссию ҷисмонӣ бар инсон ғалаба карда, дар муқобили ақлу идроки инсон мағлуб мегардад. Аз ин ҷиҳат нафси инсонӣ кӯшиш мекунад дар муқобили лаззоти ҷисмонию маҳсус пирӯз гардад, дар ҳоле ки аксар амалҳои инсонӣ бо лаззатҳои моддӣ омили асосии саодати инсон дониста мешаванд.

Яке аз роҳҳои асосие, ки дар раванди зиндагӣ саодати инсонро таъмин месозад, ин ба таври тадриҷӣ ташаккул ёфтани камолоти ҷисмонӣ ва ҷаҳонбинии инсон мебошад, ки ҳақиқро аз иштибоҳ ва некию бадии хоҳишҳои нафсонии шахсро муайян месозад. Аз ҷониби дигар, риояи ҳадди васат дар ақли амалӣ ва назарии инсон сабаби камолоти ӯ дар ду ҳолат: илм ва амал мегардад. Дар ин ҳангом мутафаккир ду омили дигарро низ сабаби ташаккули шахс донистааст: фардӣ ва ҷамъиятӣ. Дар омили фардӣ шахс метавонад ба ҳадафҳои дар назди худ гузошта ва кӯшишҳои бартарафсозӣ баҳри камбудию нуқсонҳои доштааш муваффақ гардад. Вале дар омили иҷтимоӣ бошад, ҳангоми муошират бо ҷамъият ва бартараф кардани камбудиҳои доштааш аз ҷониби аъзоёни ҷомеа ислоҳ гардида, комил гардад. Мутафаккир ин афроди ҷомеаро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад:

1) дорандагони ахлоқи фозила;

2) фоқидони ахлоқи фозила ва фосила;

3) дорандагони ахлоқи паст.[1]

Дар ин ҷода мутафаккир муносибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқию маънавии аҳли фозила ва фозилаву фосиларо муҳимтарин ҳисобида, муносибат ба онҳоро асоситарин шакли ташаккулёбии худӣ ва ҷомеа хондааст. Лаззати ҳиссӣ дар миёни дигар шаклҳои ҳисси зоҳирӣ дорои хусусиятҳои хосса буда, ба воситаи чашидан ва бӯидан меанҷомад, зеро

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Текст] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.2.-С.96.

ин ду қувва тавассути қувваи ломиса анҷом мепазиранд. Вале шунавоӣ ва биноӣ бинобар сабаби надоштани ломиса аз лаззат бебаҳраанд, аммо онҳо низ дар навбати худ эҳсоскунандаи лаззатҳо мебошанд, ки ин ба дигар узвҳо хос нест. Дар хусуси лаззатҳои ботинӣ Ибни Сино се қувва: ҳозима, мутахайила ва воҳимаро ёдоварӣ намуда, ҳар кадоми онҳоро дорои хусусияти хоса медонад. Ҳамчунин ӯ лаззати ақлиро аз дигар шаклҳои лаззат зикр сохта, онҳоро низ ба се навъ ҷудо намудааст:

1) Исботи вуҷуди лаззати ақлӣ;

2) Камол ва хайри ақлӣ;

3) Исботи бартарии лаззати ақлӣ.[1]

Дар хусуси лаззат Фахриддини Розӣ ба Ибни Сино якчанд эродҳо гирифта, ду дидгоҳро пешниҳод мекунад, ки дар аввал аз Ибни Сино ҷонибдорӣ ва дар марҳилаи дувум назари худро пешниҳод намудааст. Дар мавриди аввал нахуст ба ду сарчашма ишора мекунад:

а) аз назари Ибни Сино хайр амри вуҷудӣ аст, бинобар ин ҳар камоли вуҷудӣ назди ӯ хайр аст;

б) ба қавли файласуфон хайр лаззат ё чизест, ки сабаби лаззат аст. Дар ин ҷода Фахриддини Розӣ назарияи Ибни Синоро танқид намуда, чунин мешуморад:

1) агар хайр асли вуҷудӣ бошад, дарк ва зарурӣ будани ҳар мавҷуде ба лаззат меанҷомад, ҳол он ки эҳтимол аст дар ин идрокот нуқсонҳои зиёде вуҷуд дошта бошанд. Монанди сӯзандагии оташ ва ё садои нофорам, ки ҳарду амри вуҷудӣ мебошанд.[2] Онҳо натанҳо лаззат надоранд, балки сабаби нороҳатии шахс мебошанд. Аз сӯи дигар, низ дидгоҳи файласуфонро як дарди фалсафӣ хонда, ҷонибдорӣ аз хайр будани лаззат мекунад;

---

[1] Шайхураис, Абуалӣ Сино. Қонун [Матн] / Сино Ш.А // Мутарҷим Абураҳмони Шарафканӣ.-Теҳрон.: Суруш, 1383, Ҷ.2.-С. 340.
[2] Нафисаи, Туробӣ., Муҳсин, Ҷаводӣ. Чистии лаззат аз манзури Ибни Сино ва Фахри Розӣ [Матн] / Туробӣ Н., Ҷаводӣ М // Маҷаллаи “Фалсномаи илмии пажӯҳишии фалсафа ва илоҳиёт.–Теҳрон. 1391, № 4.-С.49.

б) дар марҳилаи дувум, ба қайди камолу таърифи лаззат баён мекунад, ки қайди салоҳият ва шаън бад-ин маънӣ аст, ки мавзуи шаъният пазириши сифати ҳосиларо доро аст;

Фахриддини Розӣ лаззатро як навъ ҳолати дарунӣ дониста, Ибни Сино бошад ин ҳолати даруниро лафзӣ мешумурад, онро як ҳолати нотавонию дарунӣ ҳисобидааст. Ибни Сино лаззатро ба идроки мулоим таъриф намуда, онро ҳам ҳолати дарунӣ ва ҳам идроки мулоими бо ҳам монанд медонад.[1]

Бинобар ин, муҳаққиқ Насриддини Тӯсӣ ин баҳси Фахриддини Розӣ бо Ибни Синоро лафзӣ хонда, чунин мешуморад, ки «…навъу ҳолати дарунӣ ё навъи лаззате, ки аз ҳар як ҳосил мешавад бо якдигар мутафовит аст, аммо он дар як ҳолат хушоянд ва матлубе дар ҳамаи афъоли одамӣ аст, медиҳад, ки онҳо бо ҳам муштараканд. Бинобар ин, идрок, найл, камол ва хайр мубтанӣ бар ин аст ва ин муаллифҳо дар маротиби лаззат муштараканд».[2] Ҷои дигар бошад, мутафаккир дар «Шарҳу-л-ишорот» ва «Уюну-л-ҳикма» тасаввури моҳияти лаззатро бадеҳӣ ва бениёз аз таъриф дониста, лаззатро аз умуре, ки мо бо ҳавоси худ онро дарк мекунем ва ба таври виҷдонӣ дар нафси худ медонем, арзёбӣ кардааст.

Аз ин рӯ, Фахриддини Розӣ дар таърифи моҳияти лаззат ду назарро пешниҳод мекунад: 1) ғараз аз таъриф, ифодаи тасаввури маҷҳул ба воситаи тасаввури ҳосил аст; 2) ғараз аз он танбеҳ бар чизе бошад, ки хафӣ аз маъруф аст.[3] Аз ин қавли Фахриддини Розӣ маълум мешавад, ки агар чӣ ӯ бо Ибни Сино эродҳо гирифтааст, вале моҳият ва мазмуни назарияҳои мутафаккир баёнгари он мебошанд, ки дар заминаи ақоиди ҳамаи онҳо доир ба ин масъала ҳам аз Закариёи Розӣ ҳам аз Форобӣ ва

---

[1] Хоҷаи, Тусӣ. Шарҳу-л-ишорот ва-т-танбеҳот [Матн] / Тусӣ Х. –Қум.: Ал-Балоға, 1383. Ҷ.3.-С. 343.
[2] Асари мазкур. -С.344.
[3] Нафисаи, Туробӣ., Муҳсин, Ҷаводӣ. Чистии лаззат аз манзури Ибни Сино ва Фахри Розӣ [Матн] / Туробӣ Н., Ҷаводӣ М. // Маҷаллаи “Фалсномаи илмии пажуҳишии фалсафа ва илоҳиёт.–Теҳрон, 1391. № 4.-С.51.

ҳам аз Ибни Сино ҷонибдорӣ карда, таърифҳои гуногун додааст. Ҳамчунон ки қаблан ёдовар шудем, Фахриддин Розӣ лаззатро ба ҷисмонию руҳонӣ ё худ ҳиссию ақлӣ ҷудо намуда, лаззати ҳиссиро нафсӣ ва он чӣ ба ӯ марбут аст, тағйирёбанда медонад. Махсусан, дар рисолаи «Ан-Нафс ва-р-руҳ» чунин ишора мекунад, ки «пардохтан ба умури ҳиссӣ зотан ҷиҳати рафъи олот аст»[1] ё худ дар асари «Ал-Мабоҳису-л-машриқия» чунин мегӯяд: «лаззоти ҷисмонӣ навъе тағйир аз як ҳолати ғайритабиӣ ба ҳолати табиӣ аст. Шарти ҳусули лаззат, тағйири ҳолат нест, балки тағйири ҳолат дар умури ҷисмонӣ рух додан аст. Дар воқеъ он чӣ лаззати ҷисмонӣ номида мешавад, лаззат нест, балки тағйири ҳолат аст».[2]

Қайд кардан лозим аст, ки маънои ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ ба он далолат мекунад, ки мутафаккир умури ҳиссиро ниёзманди бадан дониста, баъзан аз мафҳуми лаззат истифода кардааст. Ӯ на танҳо мавҷудияте барои лаззат қоил нест, бакли мазаммате дар ифодаи он низ меоварад. Масалан, тибқи ақидаи ӯ, даст задан ба чунин лаззат баёнгари манфиатҳои инсонист, зеро инсон тавассути истифодаи хираду ақлаш оламро маърифат намуда (дониста, шинохта), худро мешиносад, вале замоне, ки ба ин гуна лаззат машғул мешавад, нерӯи ақлияш муқаррар гардида, аз маърифат боз мемонад ва ҳиммату моҳияти инсонияш аз ӯ дур мегардад. Доир ба ин масъала дар рисолаи «Ан-нафс ва-р-руҳ»-аш чунин навиштааст: «асли аҳволи инсонӣ иштиғол ба маърифатуллоҳ ва иқбол ба тоати ӯст ва иштиғол ба умури ҳиссӣ монеъ аз убудият ва зикри илоҳӣ аст. Ин лаззот ба суръат аз миён рафта ва мунқазӣ мешаванд ва

---

[1] Фахриддини, Розӣ. Ан-Нафс ва-р-руҳ [Матн] / Розӣ Ф // Таҳқиқи Муҳаммад Сағири Мӯсо.–Теҳрон.: Бино. 1404.-С. 426.

[2] Фахриддини, Розӣ. Ал-Мабоҳису-л-машриқия фи илми-л-илоҳиёт ва-т-табииёт [Матн] / Розӣ Ф. - Қум.: Бедор, 1411. Ҷ-2.-С.428.

ҳамроҳ ба ранҷ ва хусронӣ меанҷоманд, аз ин рӯ, лаззати ҷисмонӣ мазмуманд...».[1]

Дар хусуси лаззатҳои ақлӣ бошад, Фахриддини Розӣ чунин ақида дорад, ки лаззати ақлӣ дар илму маърифат ва қурби илоҳӣ аст, ва ин монанди он аст, ки дасти беҳис сӯзандагии оташро дарк намекунад, яъне бетаъсирии оташ маънои нестии он набуда, балки натиҷаи он беҳисии даст аст. Чуноне, ки мебинем, дар ин ҷо ҳамфикрии Фахриддини Розӣ бо Ибни Сино равшан мушоҳида мешавад. Қобили зикр аст, ки назариёти Фахриддини Розӣ доир ба лаззатҳои ҳиссӣ то андозае заифтар буда, дар бораи лаззоти ақлӣ қавию боэътимоданд. Ба ақидаи Ибни Сино, лаззати ақлӣ на танҳо як навъи лаззат аст, балки олитарин мартабаи лаззат низ ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки Ибни Сино барои ақли назарию амалӣ мақом ва ҷойгоҳи волоеро муайян кардааст.

Ҳамчунон ки қаблан ишора намудем, мутафаккир дар асари «Шарҳи уюну-л-ҳикмат» идрокро шарти лаззат дониста, ҷои дигар онро идроки мулоим баён менамояд, зеро ба назари ӯ «илм ё идрок аз мақулаҳои изофӣ аст ва он изофа миёни қувваи оқила ва сурати зеҳнӣ ва ё изофа миёни сурати зеҳнӣ ва оқила бо мавҷуди хориҷӣ аст».[2] Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса метавон баровард, ки аз назари ӯ қувваи ҷисмонии нафс ва мавҷудоти аз ақл бегона аз идрок бахӯрдор нестанд.

Дар воқеъ, ин назариёти Фахриддини Розӣ доир ба лаззатгароӣ ё худ гедонизм васеъ буда, ҳангоми анҷоми кору амале ҳамчун амри куллӣ ҷузъи бениёзи қувва дониста мешавад, зеро «нафси нотиқа низ ба воситаи ду қувва: а) қувваи олима (дониш) ва олимаи ақлӣ; б) афъоли идрокӣ ва тадбирии худ[3] анҷом мепазирад. Бинобар ин нафс қувваи

---

[1] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ [Матн] / Розӣ И.Ф.- Теҳрон, 1388.-С.104.
[2] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ [Матн] / Розӣ И.Ф.- Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1388. Ҷ. 1.-С. 133.
[3] Имом, Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-машриқия [Матн] / Розӣ И.Ф. –Бейрут.: Дору-л-эҳё, 1411. Ҷ.2.-С. 366.

моддие нест, ки ба ӯ идрок тааллуқ дошта бошад, балки он қувваи ягонаест, ки ба худи нафс мансуб дониста мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки Фахриддини Розӣ чун Ибни Сино дар хусуси он ки мудрики асосӣ нафс аст, ҳамақида мебошанд. Ба ақидаи ӯ нафс мудрики асосӣ аст, яъне бо қуввае, ки дар худ дорад, идрок мекунад ва бо ҳамин хусусияташ дар ҳама дараҷаҳои лаззат, маҳз нафс аст, ки тавассути қувваи дарккунандаи худ лаззат мебарад. Аммо сабаби асосие, ки то Фахриддини Розӣ, ба инкори навъҳои нафс андеша баён сохтаанд, назарияи ягона ва моддӣ будани он буд. Вале, ба назари Фахриддини Розӣ идрок ҷузъи монандии тахаюл ва гумон буда, моддӣ нест. Ба ин маънӣ қувваи моддӣ аз идроки умур ва ба он мутааллиқ оҷиз буда, ҳамчунин идрок амреро ба мавҷуди ба он мутааллиқ, яъне нафс бояд нисбат диҳад.

Қайд кардан лозим аст, ки назари Фахриддини Розиро дар масъалаи ҷузъӣ ва ғайримоддӣ будани идрокот метавон қобили қабул донист, вале наметавон қувваҳои зиёди нафсро инкор кард, зеро агар нафс танҳо дорои ду қувва: олима ва оқила бошад ва онҳо куллиётро дарк кунанд, наметавонад идрокоти ҷузъиро, ки ақлнорас аст, мустақиман ба нафси нотиқа нисбат дод. Чун райъи умумӣ бидуни нафс дар айни замон, ки ба маърифати дараҷаҳои нафс меанҷомад, ба сурат наздик донист. Ба қавли Муллосадро: «ҳама қувваи нафс дорои дараҷоти таҷридӣ аст ва қувваи оқила муҷарради том аст ва дигар қувваҳо аз таҷриди ноқис бархӯрдоранд ва мизони таҷриди ҳар кадоме нисбат ба қувва бартар аз худ заифтар аст. Масалан, таҷриди ҳавоси зоҳирӣ нисбат ба ҳавоси ботинӣ заифтар аст. Бо ин тафсир нафс барои идрок дар ҳар мартабае танзил пайдо мекунад ва дар ҳар мартабае нафс аст, ки идрок мекунад».[1]

[1] Садрулмутаолиҳин, Муллосадро. Асфор [Матн] /.-Теҳрон.: Анҷумани фалсафа, 1981. Ҷ.8.-С.223-224.

Аз ин гуфтаҳои Муллосадро ба натиҷае метавон омад, ки ӯ лаззатро ба «айни идроки камол» баён намуда, таъкид мекунад, ки дар ҳар мартабае аз лаззат нафсе аст, ки аз он лаззат мебарад, яъне нафс дар ҷойгоҳи худ рӯ ба нестӣ меорад ва аз идроки мавҷудбудаи камол ба лаззат мерасад. Фахриддини Розӣ, дар пайравӣ аз Ибни Сино аз байнравии лаззоти ҳиссӣ ва дар ранҷу азоб будани онҳоро баён кардааст. Зимни муҳокима ва баррасии ин масъала чунин мешуморад, ки лаззатҳои ҳиссӣ тағйир ё оғози ҳолати табиӣ ва ё ба воқеият расидан мебошад. Зеро нахуст идрокоти инсонӣ, ки аз ҳис оғоз мешавад ва инсон онро бо кайфияти махсуси худ дарёфт месозад, бо ин роҳ миёни онҳо тафовут мегузорад. Шахсе, ки аз як ҳис бурхӯрдор нест, аз доштани як илм маҳрум аст ва аз он ҷо ки шарти лаззат идроки он аст, лаззат ҳамон идроки ҳузурӣ аст. Асоси лаззати ҳиссиро пеш аз ҳама дарки он ташкил медиҳад, зеро то замоне ки инсон аз дарки моҳияти лаззоти ҳиссӣ бохабар нашавад, аз вуҷуди лаззатҳои ақлӣ баҳрае намебарад. Маҳз аз рӯи чунин хусусият мутафаккир лаззатҳои ақлиро ба ду навъ ҷудо мекунад:

1) ҳар қуввае камоли муносиби бо худро дорад;

2) камол сабаби лаззат аст ва ҳосили камол муносиб бо қувва ва сабаби қувва аст, аз ин рӯ, идрок ва найл ба камол қувваи худи лаззат аст.[1]

Дар баробари лаззатҳои ҳиссӣ ва ақлӣ, лаззатҳои ботинӣ низ ба ҳолатҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳо лаззатҳои махсусро ба вуҷуд меоваранд. Масалан, мо монанди сутудани бузургии кас ҳангоми пирӯзӣ, ғолибият, обрӯмандӣ ва ғайра, ки лаззати хоссаро ба вуҷуд меоранд. Ҳангоми мушоҳида намудани талаботу хоҳишҳои нафсонии худ (хуфтан, хӯрдан, пӯшока, меваю сабзавот ва ғ.) миёнашон бартарӣ мегузорем ва он чиро ихтихоб менамоем, ки хушоянду роҳатбахш аст ва

---

[1] Ибни Сино. Ал-Ишорот вал танбеҳот [Матн] / Сино И // Шарҳи Насриддини Тӯсӣ.–Қум, 1383. Ҷ.3. – С.340.

ё баръакс. Инсон бисёре аз ин хостаҳои худро на аз барои рафъи гуруснагӣ, балки барои лаззату ҳаловат бурдани худ интихобу омода месозад. Айнан чунин шакли муносибатро метавон ба таври ҳузурӣ дар вуҷуди лаззатҳои ваҳмӣ-хаёлӣ, монанди лаззат аз таърифу тавсифи касе, аз пирӯзию ғолибият, аз шуҳрат, аз мақому ҷойгоҳ ва ғайра зикр намоем. Тибқи ақидаи Фахриддини Розӣ, ин ҳама ҳолатҳо ҳеҷ алоқае на ба хушояндагии хостаҳои ҳавоси зоҳирӣ ва на ба ақлӣ доранд, балки баёнгар аз алоқамандии миёни ин ду мебошанд. Ҳолати инсонҳоро дар муқоиса бо якдигар ба чанд навъ ҷудо намудааст:

а) комилтарин инсонҳо аз инсонҳои дигар, муҷиби ранҷ ва нороҳатии инсонҳои ноқис мешаванд;

б) агар инсонҳо дар камоли инсонӣ мусовии якдигар бошанд, ҳар кадоме мекӯшад аз бартарии худ ба лаззати бештаре даст ёбанд”. [1]

Аз андешаву муҳокимаи Фахриддини Розӣ нисбати табиати инсон ба хулосае метавон омад, ки ӯ аз лиҳози ахлоқию зебоипарастии табиати инсон доир ба лаззат сухан ронда, кӯшиш менамояд мақому ҷойгоҳи инсонро ба унвони як мавҷуди аз ақлу маърифат бархӯрдор ва тавонманд нишон диҳад. Ин муҳокимаҳои мутафаккир аз назариёти ахлоқию зебоишиносӣ, фалсафию инсоншиносӣ дур нестанд, вале эҳтимолан ӯ саъй менамояд инсонро ба ҳайси як мавҷуди антропобиосотсигинезӣ аз мақому ҷойгоҳи волояш огоҳ созад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки назари Фахриддини Розӣ нисбат лаззати ҳиссӣ салбӣ (манфӣ - Э.Б.) буда, доир ба лаззати ақлӣ субутӣ (мусбӣ - Э.Б.) аст. Бинобар ин, мутафаккир дар вуҷуди лаззати ақлӣ, исботи он, камоли ақли назарӣ ва бартарии он аз дигар навъҳои лаззат бо Ибни Сино ҳамақида мебошад. Мутафаккир лаззати ақлиро на танҳо

---

[1] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ [Матн] / Розӣ И.Ф // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ.- Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1388. -С.103-104.

як навъи лаззат, балки бузургтарин шакли лаззат байни дигар навъҳои тақсимбандии лаззатҳо арзёбӣ камудааст.

Аз сабаби он ки дар инсон ду нерӯ: ақл ва ҳавои нафс вуҷуд дорад, ақл инсонро ба анҷоми амалҳои нек роҳнамоӣ менамояд, то ҳавои нафси инсонӣ низ вобастаи умури мусбии ақл шаванд. Ба қавли Фахриддини Розӣ, аз ибтидо байни лаззатҳои ҳиссию ҷисмонӣ дар вуҷуди инсон мубориза аст, вале ақлу ирода бошад ҳамеша ба эътидол дарорандаи онҳост. Ба ақидаи ӯ:

а) лаззати умури ҷисмонӣ сирфан дар ҳоли ҳудус ва эҷоди онҳост ва дар ҳолати бақо ва истимрор лаззате надоранд, зеро ин сирфан дар ҳолати ҳудус аст, монанди ин кӣ инсон аз доштани ҳаёт эҳсоси лаззат намекунад, вале аз умури ҷисмонӣ монанди омезиши ҷинсӣ лаззати бисёр мебарад, аммо инфиъол ва таъсирпазирӣ дар замони бақо ва истимрор нест, дар ҳоле, ки ҳусули инфиъол (эҷоди феъле - Э.Б.)-и эҷоди боварии он бо далели имтиноъи таҳсили ҳосил мумкин нахоҳад буд.[1] Ӯ ҷои дигар таъкид месозад, ки "бо таваҷҷуҳ ба ин ки инсон дар замони андак ба лаззоти ҳиссӣ ва ҷисмонӣ даст меёбад, ки аз лаззоти ҳиссӣ ва ҷисмонӣ тавассути ақл ба зинаи камолот мунҷар гард, магар ин ки ӯ дар умури хаёлӣ ва авҳомии ботил ё пуч бошад."[2] Бинобар сабаби тамоюли инсон ба лаззатҳои ҷисмонию маҳсус зиёдтар будану ба даст овардани онҳо ва риояи мавқеи муайян ифодагари саодати инсон аст. Аз ин хотир, дар натиҷаи тадриҷан баланд гардидани ақли инсон, роҳ ёфтани ӯ ба ҳастии худ ва даст ёфтан ба саодат, метавонад инсонро ба сӯи ҳақиқат ва шинохти худӣ сафарбар созад ва ё баръакс ӯро ба ранҷу нороҳатӣ ва нестӣ рӯ ба рӯ гардонад.

Хулоса, табиат ва моҳияти инсон дар низмои антропологияи Фахриддини Розӣ ҳамчун мавзуи меҳварии инсоншиносии ӯ буда,

---

[1] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ [Матн] / Розӣ И.Ф // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ.- Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1388.-С. 97.
[2] Азизуддин, бини Муҳаммади Насафӣ. Инсони комил [Матн] / Насафӣ А.б.М.-Теҳрон, бесоли нашр.- С.100-101.

мутафаккир кӯшиш намудааст, ки инсонро ҳамчун мавҷуди антропобиосотсиогинезӣ аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ намояд. Фахриддини Розӣ низ чун дигар файласуфон моҳияту табиати инсонро вобастаи талаботҳои шаҳвонӣ, экстросенсӣ, моддӣ-маънавӣ ва ғайра ҳисобида, онро дар доираи навъҳои лаззат: ақлонӣ, ҷисмонӣ ва маҳсус баҳри расидан ба саодат ва камолоти маънавии инсон донистааст. Дар ин навъи тақсимбандии лаззат бештар ба лаззати ақлӣ таваҷҷуҳ намуда, онро аз дигар навъҳои лаззат афзалтар ҳисобидааст. Лаззатҳои ҳиссию ҷисмонӣ монанди меваҳои заҳрогине мебошанд, ки дар зоҳир хӯрдани онҳо лаззатбахш ва дар ботин заҳри қотиланд. Бинобар ин, лаззатҳои ақлӣ, лаззатҳои ҳақиқатию воқеӣ буда, сабаби камол ва саодати инсон мегарданд. Саодату камоли инсонӣ бошад, дорои дараҷаҳое мебошад, ки инсони муқарарӣ ё худ оддӣ (оммӣ) ҳеҷ огоҳие аз лаззату кайфияти онҳо надорад ва ин танҳо хоси инсонҳои комил аст. Дарку шинохт ва маърифати чизҳои дар худ ва кашфи асрори онҳо шахсро водор месозад, то ин ҳама зина ва мушкилиҳоро пушти сар намояду ба дараҷаи инсони комил дастёб гардад.

Дар ин қисмати зербоб таҳлил ва баррасии масъалаи табиати инсон дар низоми андешаҳои антропологии Фахриддини Розӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода гирифта, ниёзҳои биологию иҷтимоии инсон қисми таркибии низоми антропологияи Фахриддини Розӣ баррасӣ гардиданд. Назарияи лаззатгароӣ (гедонизм) ҷузъи таркибии низоми антропологияи мутафаккир буда, дар доираи назарияи нафс ва шаклҳои он таҳқиқ шуданд. Фахриддини Розӣ низ байни навъҳои лаззат, бештар ба нафси олимаву оқила ва лаззати ақлӣ таваҷҷуҳи хосса намудааст, зеро маҳз онҳо метавонанд дар раванди ташаккулёбии камолоти ахлоқиву маънавӣ ва расидан ба саодати воқеию инсони комил мусоидат намоянд.

## 2. 3. Консепсияи «Инсони комил» дар таълимоти антропологии Фахриддини Розӣ

Бори нахуст мафҳуми инсони комилро Ибни Арабӣ пешниҳод намуд, ки он минбаъд аз ҷониби равияву ҷараёнҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ дар шаклҳои мухталиф истифода гардид. Барои ошкор сохтани моҳияти масъалаи мазкур, овардани дидгоҳи аҳли тасаввуф доир ба мафҳуми инсони комил аз аҳаммият холӣ нест: «...инсони комил он аст, ки дар шариат, тариқат ва ҳақиқат том бошад, ва агар ин иборатро фаҳм намекунӣ ба ибораи дигар мегӯям: ... инсони комил он аст, ки ӯро чаҳор чизи бакамол бошад: ақволи нек, афъоли нек, ахлоқи нек ва маориф ё маърифати нек».[1] Аммо камоли аҳли суфия на он камолотест, ки файласуфон пайгири онанд, балки камолотест, ки на ақлонию истидлолӣ, балки дарёфти шуҳудию завқӣ ва кашфист, ки бо сирри махсуси қалбӣ асос ёфтааст. Инсони комил, яъне инсони доно, инсоне, ки ҳадди аксар он чӣ мумкин аст медонад, лоақал низоми куллии кайҳонро шинохтааст, ҳастиро аз аввал то охир дарёфтаву сурати куллии ҳастиро дар зеҳнаш ҳазм намудааст.

Ин гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки ҷавҳари инсони комилро низ ақл ва дарку шинохт ва маърифати олам ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, аҳли фалсафа камолоти инсонро омили асосии ташаккули ҷомеа медонанд. Ҳар қадаре, ки афроди ҷомеа ба сӯи ҳикмат, улуми ақлию истидлолӣ рӯй оварад, ҷомеа ҳамон қадар рушд мекунад, яъне камоли инсонро бидуни донишу улуми ақлӣ наметавон дарёфт намуд, вале аҳли суфия бошанд, чунин зинаи дарёфтро қабул надоранд. Тибқи ақидаи онҳо, аввалан, кашфи ҳақиқат камоли инсонӣ набуда, васли ҳақиқат камоли инсони ӯст, яъне вусул ин ҳақиқатест, ки на васоил ва ҳақиқати мутлақ дар васли инсон бо зоти табиии ӯст. Аммо назди фалосифа камоли инсон дар расидан ба мақоми шахсияти ӯст, ба ифодаи дигар

[1] Азизуддин, бини Муҳаммади Насафӣ. Инсони комил [Матн] / Насафӣ А.Б.М.-Теҳрон, бесоли нашр.-С.16.

камол-қудрат, камол-қудратмандӣ, камол-марди шуҷову далер ва камол-тавонмандӣ аст, ки ҷомеаи комилро ба вуҷуд меоварад. Ҳамаи инро метавон ба унвони як илме таъбир кард, ки он илм шахсиятсоз аст, он илме, ки ба инсон қудрат ва тавоной намедиҳад он илм нест ва он илме, ки ба шахс қудрату неру ва судбахш аст, он илм аст.

Ҳамчунон, ки қаблан ёдовар шудем, муҳимтарин масъалае, ки дар низоми анропологии Фахриддини Розӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд, консепсияи "шахси комил" ва "маротиби камоли инсон" аст. Масълаи инсони комил ё худ шахсият муҳимтарин бахши таълимоти мутафаккирон, бахусус файласуфон аст, ки зери унвони шахсият ном бурда мешавад. Фахриддини Розӣ низ ба ҳайси мутакаллими файласуфмашраб ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, кӯшиш намудааст, байни калом ва фалсафа мавқеи муросокоронаро ишғол намояд ва назарияҳои диниро аз дидгоҳи ақлгароёна нишон диҳад. Ҳамчунон, ки пештар ишора намудем, масъалаи инсони комил аз мавқеи ҳар як таълимот ва мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ ва илмӣ ба таври мухталиф баррасӣ гардидааст. Дар ин бахш мо кӯшиш намудем, назари худи Фахриддини Розиро нисбат ба масъалаи инсони комил баррасӣ намоем.

Пеш аз он ки ба таҳлилу баррасии мавзуи мазкур даст занем, сараввал дидгоҳи худи Фахриддини Розиро доир ба суолҳое аз қабили "инсони комил ва ё камоли инсон дар чист?» ва мутаффакир кадом сифатҳоро барои камолоти инсон муайяну матраҳ кардааст? Оё ӯ дидгоҳи хоссае ба ин масъала дорад ё на? ва дигар масоили ба ин марбутро мавриди омӯзиш қарор дода, саъй хоҳем кард, то посуххҳои мушаххаси мутафаккирро доир ба ин масъала таҳқиқ намоем.

Қобили зикр аст, ки Фахриддини Розӣ ягон асари худ бевосита ба масъалаи "инсони комил" таълиф накардааст, вале дар асарҳои "Тафсири кабир", "Асрору-т-танзил", "Лавомеъу-л-баёнот", "Ал-

матолибу-л-олия” доир ба мафҳумҳои «шахси комил», «баҳрамандӣ», «ашраф», «саодат ё саодатмандӣ» ишораҳои зиёде кардааст. Вале бештар ба мафҳуми “саодат” такя намуда, расидан ба зинаи инсони комилро дар дастёбӣ ба саодат донистааст. Мутафаккир бо такя ба ҳикмати назарӣ ва амалӣ камолоти инсонро баррасӣ намуда, саодати ӯро дар дастёбии шахс ба илму маърифат меҳисобад ва камолоти воқеиро ҷуз ин ду номумкин меҳисобад. Ба ақидаи ӯ: “камоли қувваи назарии нафс дар маърифати мавҷудот бо ақсом, аҷнос ва анвоъи онҳост, то нафси инсон ба сони (монанди Э.Б.) оинае гардад, ки қудрати таҷаллӣ дар он намоён ва дар он ҷалоли лоҳутӣ зоҳир шавад. [1] Дар раъси маорифи қувваи назарӣ маърифати худӣ ва ҳақ ҳувайдо гардида, қувваи амалӣ, ки саодаташ ахлоқи фозила ва мабодии судури афъоли комила аст, муттасиф шавад.

Тибқи ақидаи Фахриддини Розӣ, маҳз тавассути дастрас шудан ба ин зина, шахс метавонад ба саодат бирасад. Барои то ба саодат расидан инсон ҳамеша талаби он чизе мекунад, ки надорад. Ба ақидаи ӯ “камоли қувваи амалии нафс ҳосил шудани малакае барои нафси нотиқа аст, ки ба сабаби он анҷоми тамоми амалҳои писандида, тавоно мешавад ва лаззати аз бадеҳӣ мутанафир гашта ба лаззати руҳонии воқеӣ роғиб мегардад”.[2]

Ҳадафи Фахриддини Розӣ аз ин андеша он аст, ки маҳз бо идора кардани шаҳватталабӣ, пурхӯрӣ, пурхобӣ, ҷоҳталабӣ ва ғ. инсон метавонад ба камолоти маънавию руҳонӣ бирасад, зеро агар қувваи назарӣ маърифату шинохти худӣ бошад, дар қувваи амалӣ шинохти мардум ва хизмат ба халқи олам дар ҷои аввал қарор мегирад. Дар ин миён мутафаккир мавҷудотро ба чаҳор зина ҷудо мекунад:

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904, Ҷ.8. –С. 114.
[2] Муҳаммадсолеҳ, аз-Заркон. Фахриддини Розӣ [Матн] / аз-Заркон М.-Бейрут.: Дору-л-эҳё 1969, -С.590.

1) мавҷудоте, ки воҷиди ақлу ҳикматанд, аммо дорои табиат ва шаҳват нестанд;

2) мавҷудоте, ки аз ақлу ҳикмат баҳрае надоранд, аммо табиат ва шаҳват доранд (ҷуз инсон ҳама мавҷудот дохиланд);

3) мавҷудоте, ки аз ақлу ҳикмат, табиат ва шаҳват насибе надоранд;

4) мавҷуде, ки дорои  ақлу ҳикмат, табиат ва шаҳват (инсон) аст.[1]

Бо вуҷуди он ки Фахриддини Розӣ аз ин табақабандиҳо мақоми инсонро болотар аз ҳама мавҷудот мегузорад, вале дар навбати дигар инсонро дорои он ҳама табиати дигаре низ медонад, ки дар ҳама мавҷудот аст. Барои ба камол расидани инсон мутафаккир онҳоро ба ду қисм ҷудо мекунад: камол дар дунё ва камол дар охират.

Дар навбати худ Фахриддини Розӣ камоли дунёро ба се қисм: ахлоқӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ ҷудо месозад, ки ҳар кадоме дорои хусусиятҳои ба худ хосро доро аст:

Мартабаи камол аз нигоҳи фалсафӣ, ки он ба панҷ навъ ҷудо мешавад:

1) **Камоли инсон бар асоси маротиби қувваи идрок**. Қувваи мудрикаи анвор (нурҳо)-и ҳастӣ ва қувваи мудрикаи инсониро дар бар гирифта, ки он ба панҷ навъ ҷудо мешавад:

**а) қувваи ҳассос** - ин қувваи инкори асли руҳи ҳайвонӣ аст ва маҳз аз рӯи ин ҳайвон номида мешавад ва дар инсон бошад аз лаҳзаи таваллуд ҳангоми ширхорӣ вуҷуд дорад;

**б) қувваи хаёл** - вазифаи ин қувва ҳифзу нигоҳдории ҳавоси панҷгона буда, дар ҳангоми ниёз ба қувваи ақлия таҳвил мешавад;

**в) қувваи ақлия** - ин қувва дар инсон мудрики ҳақоиқи куллӣ аст;

**г) қувваи фикрия** - ин қувва маорифи ақлиро аз тариқи маълумоти умури маҷҳула кашф мекунад;

---

[1] Имом, Фахриддин Муҳаммад бини Умар ал-Розӣ. Ан-Нафс ва-л-руҳ [Матн] ар-Розӣ И.Ф.М.Б.У // Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ [Матн] / Розӣ И.Ф.- Теҳрон, 1388.-С. 3-4.

**д) қувваи қудсия** - ин қувваи мухтаси анбиё ва авлиё буда, аз асрори малакутӣ ва таҷаллиёти он маълумот пайдо мекунад.

**В) Мартабаи камоли инсон бар асоси маротиби қувваи оқила**-ин дар навбати худ ба чор қисм тақсим мешавад:

**а) ақли ҳаюлонӣ**-ба он нуфуси атфол дар марҳилаи ақли ҳаюлонӣ буда, нафс дар он аз ҷамъи улум ва маориф холӣ аст, вале қобилияти касби улумро дорад;

**б) ақли билмалакутӣ** - улуми бадеҳӣ буда, заминаи улуми касбӣ ва заминаи шаклгирии улуми ақлӣ мебошад;

**в) ақли билфеъл** - ақл улуми касбиро бо таҳсили тому вофир ба даст меоварад ва ин навъ улумро улуми ладунӣ меноманд;

**г) ақли мустафод** - агар инсон ба мартабае даст ёбад, дар ин мақом ҳама улуми касбӣ билфеъл ҳозиранд ва ба сурати комил маҳфузу мазбутанд ва инсон дар ин мақом дар зинаи аввали башар ва мақоми баланди малакутӣ қарор мегирад.[1]

**В) Мартабаи камоли инсон бо таъкиди қувваи оқила** - дар ин бахш олами мумкин ба ду қисм: олами амр ва олами халқ ҷудо шуда, олами амр ҳамеша хайри маҳз ва олами халқ ё ҷисмоният пурмашаққат аст, ки он ба се навъ: ҷамодӣ, наботӣ ва ҳайвонӣ ҷудо мешавад.

Дар ин зина камолоти инсонро чанд мақоми дигарест, ки онҳо:

**а) истеъдоди нафс барои касби маърифати худ ва Худо** - камоли нафси инсонӣ бар асоси фитраташ мустаъиди он аст, ки ба маърифат ва муҳаббати илоҳӣ мунаққаш шавад ва мурод аз он маротиби нафси инсониест, ки аз ҷамъи улуми бадеҳӣ ва касбӣ холӣ аст;

**б) ҳусули улуми бадеҳӣ ва улуми фикрӣ**-эҷоди камол барои нафс-ҳангоми хуруҷи улуми фикрӣ аз қувва ба феъл барои камоли нафс гомест дар эҷоди фармоишот.[2]

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.7.-С.279-280.
[2] Асари мазкур. Ҷ.11.-С.367-368.

2) **Камолоти ахлоқии инсон** - ахлоқ низ ҷузъи таркибии зинаи камолоти инсон буда, инсон наметавонад бидуни риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба саодат расад. Дар ин зина мутафаккир динфурӯширо бадтарин сифати ахлоқии инсон дониста, роҳи асосии камолоти инсонро дар дастёбии инсон ба саодат унвон мекунад. Дар ин зина Фахриддини Розӣ мафҳуми саодатро олитарин ҳадафи офариниш шинохта шуда, онро аз аслҳои зерин иборат медонад:

**а) Ибодати Худованд** - дар ботини инсон қувваҳои гуногуни нафсонӣ мавҷуд аст, ки пайваста байни онҳо мубориза сурат мегирад. Аз ин хотир риоя ва анҷоми меъёрҳои ахлоқӣ шарти асосии расидан ба саодат аст ва риоя накардани онҳо бошад, сарчашмаи тамоми шарру мусибатҳои шахс дониста мешавад. Беҳтарин роҳи майлу рағбат ва расидан ба камолоти инсонӣ ё худ саодат, саркӯбии нафси аммора ва дастёбии ҷавҳари инсонӣ дар ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дониста мешавад. «Ибодати ҳақиқӣ худ мартабае аз саодат ё ҳадди ақал шарти лозимаи вусул ба Он мебошад».[1]

**б) Ҷонишини Худо дар Замин**-инсон метавонад тавассути касби илму маърифат ва асрори худӣ аз олами ҳастӣ ба моҳияти бисёр чизҳои дигар дастёб гардад, монанди а) **Созандагӣ ва ободонии замин**-баҳрамандӣ аз хушиҳои дунявӣ аз қабили маош ва дигар неъматҳои моддӣ, ки ҳар якеи онҳо баёнгари лаззатҳои дунявӣ баҳри инсон дар зиндагӣ дониста мешаванд ва ин худ баёнгари афзалияти инсон аз дигар мавҷудот аст, б) **Расидан ба саодати ҳақиқӣ**-расидан ба саодати барин дар дастёбии инсон аз ҷавҳарияти худӣ ва ҳадафи офариниш аст, вагарна оламу одам дар зулму шарри ҳамешагӣ қарор дошт.

Ҳадафи мутафаккир аз ин ақидаҳо он аст, ки роҳи асосии ба саодат расидани инсон саркуб кардани нафси амморaву саркаш буда, идора намудани он маншаи камолоти ахлоқию маънавии шахс аст. Итоати

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ. 1.-С.189.

умури динӣ низ ҷузъи таркибии меъёрҳои ахлоқӣ буда, яке аз вазифаҳои асосии он камолоти ахлоқӣ-маънавии шахс аст.

**3) Мартабаи камоли инсон аз назари ирфонӣ** - зимни баррасии ин масъала Фахриддини Розӣ чанд марҳилаи такомули шахсро пешниҳод мекунад, аз ҷумла:

**А) мартабаи сегонаи камол** - дар ин зина инсон ба се гурӯҳ: ноқис, холӣ ва комил ҷудо шуда, ҳар кадоме дорои  хусусияти худ мебошанд. Ба ақидаи Фахриддини Розӣ, инсони ноқис дар зот ноқисанд ва дар танқисии ҳоли дигарон ҳеҷ кӯшише намекунанд, вале дар садади нуқси онҳо ҳамеша саъй мекунанд, ки якумиро "фиъол"-у дуюминро "фаъол" меномад ва фаъол "музлӣ" (дар зулмату торикимонда Э.Б.) ном дорад.

Ҳамин тавр, инсони комил низ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) инсони комиле, ки дар такмил ва ба камол расонидани ғайри хеш тавоно нест, ки ин гуна инсонро "ҳолии авлиёи итлоқ" меноманд;

б) инсони комиле, ки тавоноии ба камол расонидани афроди ноқисро доранд, ки ба ин гуна инсон "анбиё" дохил мешаванд.

в) мартабаҳои сегона: шариат, тариқат ва ҳақиқат - дар ин зина инсонро мувозиби аъмоли зоҳирии худашон хонда, онҳоро ба мақом тақсим мекунанд:

**а) мақоми шариат** - дар ин мақом инсон пайи ислоҳу такмили амалҳои зоҳирии хеш мекӯшад;

**б) мақоми тариқат** - инсон дар ин мақом ба сӯи олами ғайб сафар карда, дар ин сафар мебинад, ки олами шаҳодат мусаххсари олами ғайб аст ва бо тааммул дармеёбад, ки ҳеҷ яке аз аъмоли зоҳирӣ ҷуз бо кӯмаки иттисол ба олами ғайб барои ӯ масире нест;

**в) мақоми ҳақиқат** - инсон бо расидан ба мартабаи сеюми камол (ҳақиқат) дар меёбад, ки олами шаҳодат ба сурати куллӣ маъзул аст ва дастёбӣ ба он асрору рангҳои мухталиферо ҷилвагар месозад, ки лаззати

чунин асрорро наметавон ба ҳам баён кард. Дар ин мақом соликонро се роҳи дигаре аст:

1) **истиғроқи қулуб дар нури ҷалоли илоҳӣ** - баландтарин мақомест, ки қулуб ва арвоҳашон дар нури ҷалоли илоҳӣ мустағриқ (ғарқ) мебошад;

2) **истиғроқ ба тоат ва ибодати бадан** - инсон бояд ба тоату ибодати бадан ва ҳифзи он иштиғол дошта бошад;

3) **боздошти нафс аз исиғроқ (ғарқ шудан, пойбанд будан Э.Б.) дар лаззати ҳиссӣ**-ин мақомест, ки инсон нафси хешро аз истиғроқ дар лаззоти маҳсус ва шаҳвати дунявӣ боз медорад.[1]

Аз ин гурӯҳбандии зинаҳои камоли шахс чунин бар меояд, ки мутафаккир дар камоли фалсафӣ инсонро ҳамчун мавҷуди биологӣ ва иҷтимоӣ қаламдод карда, мақомашро дар низоми офаринаш ва кайҳон дар ҷои аввал қарор додааст.

Дар камоли ахлоқӣ бошад, роҳҳои расидан ба саодат ва дарки ҳастии худӣ, инсон ҳамчун бузургтарин мавҷуди заминию кайҳонӣ дар шинохти нафси аммораю моҳияти инсонӣ эътироф шудааст.

Дар камоли ирфонӣ низ роҳҳои расидан ба мақоми инсони комил ва тай намудани зинаҳои он, тарбияи бадан, нафс ва даст кашидан аз лаззатҳои дунявӣ ишора гардидааст. Дар воқеъ метавон гуфт, ки аз ин тақсимбандиҳои Фахриддини Розӣ, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ, фалсафӣ ва ирофонӣ нишон дода шудаанд, дар меҳвари онҳо саодати инсон ва роҳҳои расидан ба саодату инсони комил меистад.

Саодат, ки ҷузъи муҳимтарини камолоти инсон мебошад, мутафаккир ҳадафи инсонро дар дастёбӣ ба он медонад, яъне инсоне, ки ба маърифати олам ва касби бошарафе дастрёб бошад, метавонад нафсашро идора ва ба чизҳое муҳаббат намояд, ки дӯстдории онҳо ҳеҷ алоқае ба шаън ва мақомаш надошта бошад, то анҷоми онҳо ҳасрати

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.1.-С.166.

пушаймониро ба бор наоварад. Дар ин ҷода мутафаккир хоҳишҳои нафсонии инсонро ба се қисм ҷудо мекунад:

а) иштиёқ ба хоҳишҳои нафсонӣ;

б) дӯстии ин иштиёқот;

в) фазилат ва писандида донистани чунин иштиёқҳо.

Ба ақидаи ӯ инсон дар зиндагӣ барои доштани бисёр чизҳои моддӣ иштиёқманд аст, вале наметавонад дар ҳама ҳолат ба онҳо дастёб гардад. Тибқи таълимоти Фахриддини Розӣ, саодати барин, рӯъёи Худованд буда, он фақат дар охират дастрас мегардад, вале муҳимтарин саодати дунявӣ бошад, такоммули нафс ва риояи меъёрҳои ахлоқист. Мутафаккир умури дунявиро маҳдудҳои хоси зоти худовандӣ хонда, онҳоро таъминкунандаи саодати инсон намеҳисобад, зеро камоли саодати инсониро ҷисм ва руҳ ташкил медиҳад, ки ин танҳо дар охират барои инсон дастрас мегардад. Ӯ доир ба ин масъала дар асари «Ал-Арбаъин фӣ усули дин»-и худ чунин меоварад: «яке аз далоиле, ки бархе қоил ба маоди ҷисмонӣ ва руҳонӣ шудаанд, ин аст, ки хостори ҷамъ миёни ҳикмат ва шариат будаанд ва дар натиҷа гуфаанд, ақл ҳукм мекунад, ки саодат роҳест дар шинохти Худо ва муҳаббат ба Ӯ ва саодати ҷисм низ дар гарави дарки маҳсусот аст. Ҷамъ байни ин ду лаззат дар зиндагии дунявӣ ғайримумкин аст, зеро ҳар гоҳ инсон ғарқ дар умури ғайбӣ бошад, аз лаззоти руҳонӣ маҳрум мегардад…вале ҳангоми роҳ ёфтан ба олами қудс он комил хоҳад шуд ва тавони дарки ҳар ду саодат ва камолро хоҳанд ёфт».[1]

Аз ин андешаҳои Фахриддини Розӣ мушоҳида мешавад, ки дар ин ҷо ӯ зери афкори динӣ қарор гирифта, саодати инсонро на дар ин дунё, балки дар охират медонад. Дар воқеъ, аз ин ва дигар андешаҳои Фахриддини Розӣ, ки дар асарҳояш нисбат ба саодати инсон сухан

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Ал-Арбаин фӣ усули дин // Тасҳеҳи Маҳмуди Шаҳобӣ [Матн] /Розӣ И.Ф.- Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1339.-С-71.

меронад, маълум мешавад, ки мавқеи мобайниро ҷонибдорӣ карда, гоҳ умури дунявӣ ва гоҳе диниро барои инсон сарчашмаи саодат ва хушбахтӣ донистааст. Аз ҷониби дигар, камоли саодат маротиби ақл, бахусус ақли ҳаюлонӣ аст ва ин мақомест, ки инсонияти инсон ҳосил шуда, ба василаи он аз дигарон фарқ мекунад. Дар ин ҷода Фахриддини Розӣ зери таъсири Форобӣ қарор гирифта, чунин меҳисобад “шарти дигари саодат ва камоли инсон ин аст, ки фазоил ва разоил (фазилат ва разолат Э.Б.)-ро бишносад ва ба онҳо амал ва ё аз онҳо (манзур амалҳои бад) ҳазар кунад. Агар касоне, ки саодати воқеиро шиносанд ва онро дар зиндагии худ ғояти ниҳоӣ қарор диҳанд ва шавқ ба он пайдо намоянд ва аъмоли таъсиргузор дар растоии дастёбӣ ба онро дошта бошанд... чунин афрод шуҳратманд хоҳанд шуд”.[1]

Масъалаи дигаре, ки мутафаккир нисбат ба саодат таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, саодатро баҳри мардуми омма медонад. Мардуми дорою омма саодати худро дар дарёфти он лаззатҳое медонад, ки барои онҳо лаззатбахшанд. Чуноне ки қаблан зикр намудем, Фахриддини Розӣ лаззатро ба ду қисм: ҷисмонӣ ва руҳонӣ ҷудо намуда, қисми аввалро барои тамоми инсонҳо аз ибтидои ҳаёт дастрас медонад, вале қисмати дуввумро бошад, танҳо ба андаке аз мардум. Бинобар ин, мардум дар умури ҷисмонии худ чун малаке мебошанд, ки дар қонеъ кардани нафси худ пайваста кӯшиш мекунанд ва қодиранд дар ҳама ҳолат баҳри хостаҳои худ аз моҳияти лаззатҳои руҳонӣ даст кашанд. Бештари мардум, ки ба лаззатҳои моддӣ дилхушанд, онҳо аз лаззатҳои мавҷудбуда бештари ҳаловат мебаранд, ҳоло он ки лаззатҳои ақлӣ низ нафърасон дар умури дунявӣ ва ухравиянд.

Мутафакккир дар асари «Чаҳордаҳ рисола»-и худ зикр менамояд: «Руҳи одамиро ба ин олам фиристодаанд, то аз ин олам, зодаи маърифати ҳақ ва муҳаббати ҳақ ва тоати Ҳақ бардорад. Пас барои

[1] Фахриддин, Муҳаммад бини Умари Розӣ. Ҳифзу-л-бадан [Матн] / Розӣ Ф.М.Б. У // Тасҳеҳи Муҳаммад Иброҳими Зокир. –Теҳрон.: Маркази пажуҳиши мероси мактуб, 1390.-С.25.

масолеҳот ва муҳимоти руҳи ӯ, ин панҷ ҳис ва ин хаёл ва ваҳм ва шуҳуд ва ғазабро бо ӯ ҳамроҳ карданд, лекин ҳис ва хаёл, насиби худро дар ин олам ва нақд дармеёбанд ва аммо ақл насиби худро ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират ёбад. Пас лаззати ҳиссӣ нақд аст ва лаззати ақлӣ нақдию насия ва рӯй аз нақд гардонидан ва ба насия розӣ шудан сахт душвор аст. Аз ин рӯ, бештари халқ ба лаззати ҳиссӣ машғул шуданд ва аз саодати нафсонӣ эъроз (руй гардониданд Э.Б.) карданд».[1] Дар ин ҷода Фахриддини Розӣ инсонро ба шинохти худӣ ва Ҳақ даъват карда, нақши узвҳои ҳисро низ ҳамчун заминаи маърифат ва баҳраварии лаззатҳои моддию маънавӣ ҳисобидааст.

Дар масъалаи мақом ва ҷойгоҳи саодати инсон оид ба раванди муносибаҳои иҷтимоӣ Фахриддини Розӣ чунин мешуморад, ки саодат камоли нафси нотиқаи инсон буда, он дорои ду қувва-назарию амалӣ мебошад ва ин ду камол саодати инсониро ташкил медиҳанд. Доир ба қувваи амалӣ ӯ чунин мегӯяд: «камоли қувваи амалии нафс ибодат аст аз ҳосил шудани малакае барои нафси нотиқа, ки ба сабаби он инсон бар анҷоми тамоми аъмоли шоиста тавонманд шавад ва аз лаззати баданӣ мутанаффир гашта, ба лаззати руҳонии воқеӣ роғиб гардад».[2]

Ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки мутафаккир қувваи амалии нафсро ба он хотир ибодат аз кибру ғурур ва сифатҳои пасте, ки мани инсонро аз байн бурда, ӯро аз анҷом додани амалҳои ношоиста дур месозад ва ҳамчун инсони комил ӯро ба воя мерасонад. Фахриддини Розӣ ба ҳайси мутакаллими файласуфмашраб кӯшидааст то инсонро ба таҳаммулгароӣ, ҷавонмардӣ ва ба худшиносии худӣ равона созад. Ҳамчунин ӯ таъкид месозад, ки ақли башарӣ ва шароеи илоҳӣ, сабаби саодатро дар ду чиз медонад: «таъзими амри Худованд» ва «шафқат бар халқи Ӯ», зеро мавҷудот аз ду сурат хориҷ

---

[1] Фахриддини, Рози. Лубобу-л-ишорот ва-т-танбеҳот [Матн] /Рози Ф // Таҳқиқи Аҳмад Ҳиҷозии Сақо. Миср.: Матабату-л-саодат, 19816.-С.46.
[2] Муҳаммадсолеҳ, аз-Заркон. Фахриддини Розӣ [Матн] / аз-Заркон М.-Бейрут.: Дору-л-эҳё 1969.-С.590.

намебошанд: холиқ ва махлуқ».[1] Дар воқеъ маҳз ақли башар аст, ки зиндагии инсонро гуногунранг ва саодатманд месозад. Ҳадафи Фахриддини Розӣ низ аз ифодаи ақл баёнгари мақому ҷойгоҳ ва нерӯи хиради инсон дар олам мебошад. Ба қавли мутафаккир камоли саодатмандии инсон дар таомул бо холиқ ин аст, ки шахс бояд ба мардум хизмат намуда, мардумро аз ҷалолу ҷамолаш огоҳ созад, то мардум даст бар хилофи якдигар накунанд. Дар мақоми дуввум бошад, пеш аз ҳама даъвати мардум ба соҳибмаърифатӣ ва хизмат ба якдигар мебошад. Барои хубтар равшан сохтани ин масъала метавон якчанд тақсимбандии Фахриддини Розиро доир ба саодат ва расидани шахс ба дараҷаи инсони камолотро зикр намуд:

**А) Саодати том ва фавқуттом**. Саодати том-мартабаест, ки нафс ҳомил ва воҷиди сифоти камол, он гуна ки шоистаи ӯст, бишавад. Саодати фавқуттом-мартабаест, ки ба дастгирӣ ва такмили нафси нотиқа мепардозад.

Дар ин тақсимбандӣ Фахриддини Розӣ инсонро ба се мартаба ҷудо мекунад: а) **мақсурон**-ин поёнтарин мартабаи инсонӣ буда, ба он оммаи мардум дохил мешаванд; б) **комилони ғайримукаммал**-инсоне мебошанд, ки дар замони худашон соҳибмартабаю комилтар буданд ва пайваста ба нафси худ аҳамият медоданд ва ба камолоти дигарон масъул набуданд. Масалан, валӣ (аҳли сунна), имоми маъсум (имомияи шиа); в) **комилони мукаммал**- гуруҳе аз бартарону воломақомоне мебошанд, ки қувваи нафси назарӣ ва амалии нафсашон ба камол расидааст ва ба такмилу ислоҳи инсони дигар низ мепардозанд.

Фахриддини Розӣ ин гуруҳро дар асоси оятҳои сураи «Аср» дорои чаҳор сифате медонад, ки ба дигарон хос нестанд. 1) камоли қувваи назарӣ: «…ил-лазина оману…» (онон ки имон овардаанд); 2) камоли қувваи амалӣ: «ва аъмилу-с-солиҳот» (онон ки корҳои шоиста кардаанд;

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.27.-С.86.

3) талош барои такмили қувваи назарии дигарон: «ва таво совбилҳақи» (якдигарро ба ҳақ супориш кардаанд); 4) талош барои такмили қувваи амалии дигарон: «ва таво савби сабр» (якдигарро ба сабр супориш кардаанд).[1]

**Б) Мартабаи саодат**-дар ин тақсимбандӣ Фахриддини Розӣ саодатро ба се қисм: а) нафсонӣ, б) баданӣ ва в) хориҷӣ ҷудо месозад, ки ҳар якеи инҳо ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд, ки инҳо низ дар навбати худ ба навъҳо ҷудо мешаванд:

а) саодати нафсонӣ, ки дар навбати худ ба ду қисм: 1) муҳимтарин ангезае, ки дар муқобили камоли қувваи нафси назарӣ қарор мегирад, дасти дароз, нерӯ ва маърифати комил мебошад; 2) **камоли қувваи амалӣ**, ки он иборат аз камоли нафс тавассути ахлоқи ҳамида, монанди иффат, шуҷоат, хомӯшӣ ва ростқавӣ мебошанд; б) **саодати бадан**-ба ин тандурустӣ ва зебоипарастии инсон тӯли ҳаёт дониста шуда, таъмини онҳо ифодагари лаззату ҳаловати инсон мебошад; в) **саодати хориҷӣ**-дар ин шакли саодат тарбияи фарзандони солеҳ, қавму қабила ва дӯстон, кори накӯ, мақому ҷойгоҳ ва хулқи нек шомиланд.[2]

Ҳамчунин ҳангоми таҳлилу баррасии саодат ва расидан ба зинаи инсони комил мутафаккир онро дорои чаҳор мартабаи дигар низ медонад, ки онҳо иборатанд: *а)* нафсонӣ, *б)* баданӣ, *в)* сифоти баданӣ ва *г)* умури мунфасил аз бадан.

а) **саодати нафсонӣ** ҳамон нафси нотиқа аст, ки он дорои ду қувва: яке истеъдоди пазириши мавҷудоде, ки аз олами ғайб изофа мешаванд, яъне он қувваи нотиқаи нафс буда, саодаташ дар соҳибмаърифатии он дида мешавад, дигаре ҳамон саодати духулӣ ва тасрифӣ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ, ки он қувваи амалии нафс ном дорад;

---

[1] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М.Б.У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С.113.
[2] Асари мазкур. -С. 117-118.

б) **саодати баданӣ**, ки он ба ду қисм: тадрис ва камоли қувваи ҳайвонӣ, яъне қувваи ҳафтгонаи бадан тақсим мешавад;

в) ба ин бахш он саодате дохил мешавад, ки **вижагиҳои оризии бадан** (муқобили зот) дохил мешаванд ва онҳо ба ду навъ: саодати усулӣ ва фуруӣ, яъне камоли аҳволи аҷдод ва камоли ҳоли фаровонӣ ҷудо мешаванд;

г) ин қисмат поёнтарин мартабаи саодат буда, ба василаи умури мунфасил (хориҷ аз бадан) ҳосил мегардад, ки он иборат аз молу ҷоҳ аст.[1]

Аз ин тақсимбандии саодат дар осори Фахриддини Розӣ чунин натиҷа бармеояд, ки мутафаккир дар ҳар се қисмат саодатро вобастаи хоҳишу талабот ва муносибатҳои шахс дониста, барои нишон додани ҳар якеи онҳо дар асоси принсипу меъёрҳои ахлоқӣ ва адолати иҷтимоӣ муносибатро ба роҳ мондааст.

Пас аз баррасӣ намудани маротиби саодати инсон дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ (дунявӣ), маротиби саодати ухравиро низ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба қавли ӯ, камоли нафс дар қувваи назарӣ ва амалии он буда, дараҷоти саодату шақовати нафс низ ба онҳо вобастагии зич дорад. Дар ин миён Фахриддини Розӣ, нафси нотиқаро ба эътибори қувваи назарӣ ва амалии онҳо дар назар гирифта, панҷ ҳолати қобили тасаввурро пешниҳод мекунад:

а) воҳиди ақоиди ҳақ;

б) воҳиди ақоиди ботил;

в) фоқиди (ноёбанда, гумкарда-Э.Б.) ҳар гуна ақоид;

г) хайр;

д) шар.[2]

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904.-С-227-278.

[2] Имом, Фахриддини Розӣ. Маолим ал-усули дин [Матн] / Розӣ И.Ф // Муҳаққиқ Низор Ҳаммодӣ. – Бейрут.: Дору-л-фатҳ, 1992-С.113.

Дар ин ҷода Фахриддини Розӣ равиши писимизм (руҳафтодагию маъюсӣ)-ро напазируфта, бештар аз усули оптимизм (некбинона) ва баҳрабарӣ аз неъматҳои дунявиро таъкид месозад. Зеро агар шахсе бо тамоми ҳастияш ба яке аз қисматҳои лаззат ё худ саодат: ақлию руҳӣ ва ё баръакс, ҳиссию моддӣ дода шавад, аз моҳияти лаззати дигаре бебаҳра боқӣ мемонад. Аз ин хотир, мутафаккир баҳри дастёбии саодат инсонро даъват ба касби илм ва саодати дунявӣ менамояд.

Ҳамчунон, ки борҳо таъкид намудем, Фахриддини Розӣ илмро сарманшаи камолот ва дастёбӣ ба ҳама хушиҳои ҳаёт медонад. Дар ин миён камоли саодатро ба саодати том ва фавқуттом ҷудо карда, саодати томро мартабае медонад, ки нафс ҳомил ва воҷиди сифоти комил, он гуна ки шоистаи ӯст, медонад. Саодати фавқуттом бошад, мартабаест, ки ба сабаби дастгирию такмили нафси ноқис мепардозад. Маҳз дар ин замина инсонҳоро ба се мартаба: муқассирон, комилони ғайримумкин ва комилони мумкин ҷудо мекунад,[1] ки дар боло ёдовар шудем.

Миёни ҳамагуна навъҳои саодати инсонӣ маҳз маърифат аст, ки инсонро равонаи ҷавҳари шинохти ҳастии олам - худии худӣ месозад. Дар ин ҷода Фахриддини Розӣ бар он ақида аст, ки инсон дар тӯли умараш се марҳиларо паси сар менамояд:

а) қабл аз таваллуд;

б) баъда аз таваллуд;

в) баъд аз марг.[2]

Ин дидгоҳи Фахриддин Розиро доир ба инсон ва ҷойгоҳи ӯ метавон чанд нуктаро арзёбӣ намуд:

а) Номгузории бобои Одам ба номи «халифа», ки арзиш ва ҷойгоҳу вожаи инсонро дар олами ҳастӣ нишон медиҳад;

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ.17.-С.188.

[2] Асари мазкур. Ҷ.2.-С.383

б) Дараҷоти баланди илмомӯзии инсон ва саҷдаи фариштагон бар ӯ.[1]

Маҳз ақлу фаҳм инсонро ба сӯи шинохти ҳақиқат ва дарки олам равона сохта, ҷойгоҳашро дар ин олам муайян мекунад.[2] Ин гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки ному унвонгузории инсон аз ибтидо баёнгари созандагиву идоракунанда ва ба низомдорорандаи ҷомеаву табиат дониста мешавад. Фахриддини Розиро инсонро ҳамчун мавҷуди мураккабу боарзиш аз ҳама мавҷудоти заминӣ дониста, чунин меҳисобад:

1. Инсон аз лиҳози ҷисм ва нафс ашрафи мавҷудоти замин аст. Нафси башарӣ дорои қувваи оқилае мебошад, ки бо шарофати он бартарӣ аз қувваи наботию ҳайвонӣ дорад ва бо он ҳақиқати асрори табақоти олам, олами амру олами халқ ва дигар мавҷудотро дарк мекунад. Аз сӯи дигар, бадани одам ашрафи баданҳост, зеро он дорои ҳусни сурат аст ва Худованд пас аз халқи одамизод худро беҳтарин холиқ тавсиф кардааст.

2. Инсон, ки соҳиби нигориш ва хат аст, Худованд тавассути он матлабу муаммоҳои зиёдеро ба башарият омӯзонидааст.

3. Дар миёни мавҷудоти заминӣ танҳо инсон баҳра аз олами боло дорад ва танҳо инсон бо Худо наздиктар аст. Ӯ метавонад бо мунир созии қалб, маърифати худо ва тазкияи нафсаш ашрафи махлуқоти замин гардад.

4. Баъсати анбиё аз миёни инсон аст, ки ин баёнгари ҷойгоҳи волои инсон аз дигар мавҷудот аст.

5. Худованд тамоми мавҷудоти заминро мусаххар (тобе)-и инсон кардааст, ки ин бозгӯкунандаи мақому ҷойгоҳи баланди инсон дар Замин аз дигар махлуқот мебошад. Маҳз инсон аст, ки аз ин ҳама ба

---

[1] Асари мазкур. Ҷ-2.-С.427

[2] Фахриддини Розӣ бар он ақидаст, ки агар инсон хилофи ақлу фаҳм рафтор кунад, дар муқобили ҳақиқат қарор мегирад ва дараҷоташ аз баҳоим поёнтар хоҳад рафт.

унвони маркаб истифода мекунад, сафараш дар дарёву хушкиҳо нишонаи бартарии ӯст ва гӯё тамоми мавҷудот ҳамагӣ дар хидмати ӯянд. Ҳама мавҷудот барои таҳқиқи инсон халқ гардидааст ва ин қудрати тасхиргарӣ ба инсон натиҷае аз илмомӯзияш аст.

6. Худованд ба инсон ба таври хосатан қасам ёд кардааст, ки ин нишондиҳандаи ҷойгоҳи волои инсон дар ҷаҳон аст.[1]

Ин натиҷагирҳои мутафаккирро, аз як ҷониб метавон дар доираи ҳам назариёти динӣ (бо фарогири ду принсипи он: имон ва куфр) маънидод намуд ва ҳам аз доираи принсипҳои низоми иҷтимоию дунявӣ, ки дар воқеъ анҷоми чунин амал ва касби дараҷот танҳо хоси инсон дониста мешавад. Ҳамчуноне, ки дар ҷодаи лаззат мутафаккир қайд мекунад, инсон аз дигар мавҷудот: ҷамод, набот, ҳайвон ва фариштагон тафовути куллӣ дошта, омехта ва қисме аз малакут аст. Маҳз шинохт ва маърифат аст, ки бартарию афзалияти инсонро аз дигар махлуқот нишон дода, масъул будани ӯро аз соири мавҷудот нишон медиҳад. Бо вуҷуди он ки "... бархе махлуқот аз инсон бартаранд, вале инсон аз рӯи мақом ва дараҷоташ афзалтар аз ҳама мавҷудоти рӯи замин аст". [2]

Расидани инсон ба саодат, маънои наздик шудани ба мақоми инсони комил аст, вале Фахриддини Розӣ барои муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи инсон дар ин олам чаҳор ақидаро пешниҳод мекунад:

1) Мавҷуде, ки дорои ақлу ҳикмат аст, вале табиату шаҳват надорад ва ин даста малоиканд, ки дар Қуръон низ ҳамчун мавҷуди бе исён зикр шудаанд ва ҳар амре, ки Ҳақ ба онҳо кунад, комилан иҷро мекунанд;

2) Мавҷудоте, ки аз ақлу ҳикмат баҳрае надоранд, вале табиату шаҳват доранд, ки ба ин ҳама мавҷудот, ҷуз инсон, дохил мешаванд;

3) Мавҷудоте, ки аз ақлу ҳикмат ва шаҳват бенасибанд, ба онҳо ҷамодоту наботот шомиланд;

---

[1] Асари мазкур. Ҷ. 31. –С.165.
[2] Асари мазкур. Ҷ. 27. –С.487-488.

4) Мавҷуде, ки дорои ақлу ҳикмат ва табиату шаҳват аст, ки ба ин танҳо инсон дохил мешавад.[1]

Аз ҷониби дигар, Фахриддини Розӣ мавҷудотро ба се даста ҷудо мекунад, ки иборатанд:

а) мавҷудоте, ки комил ҳастанд ва нуқсоне дар онҳо вуҷуд надоранд ва мавҷудоти улвӣ ҷузъи ин даста буда, ҷисми онҳо чун осмон соф, қалбҳояшон созгор ва руҳҳои онҳо муқаррабу тоҳир мебошанд;

б) мавҷудоте, ки ноқисанд ва роҳе барои камоли онҳо вуҷуд надорад, онҳо: маъданҳо, наботот, ҳайвонот, ки ҷину шаётин низ ҷузъи онҳоянд;

в) мавҷудоте, ки гоҳ комил ва гоҳ ноқисанд. Агар онҳо ба ҳадди камол бирасанд бо малоик як ҷо ва дар боргоҳи иззати илоҳӣ муътакиф мешаванд.

Дар зинаи аввал мутафаккир малоикро шомил намудааст, ки онҳо улвӣ ва ҷисмашон чун осмон соф ва руҳану қалбан тоҳир (соф)-анд, вале мавҷудоте, ки ноқису пастаринанд ва ҳеҷ роҳе бароиислоҳи онҳо нест, ҷамодоту наботот ва ҳайвону шаётин мебошанд, аммо дар гурӯҳи сеюм бошад, инсон дохил мешавад, ки бо мураккабияти табиату моҳияташ гоҳе ашраф ва гоҳе пастфитраттар аст, яъне инсон гоҳ амалҳоеро анҷом медиҳад, ки он хоси чаҳорпоён аст ва ӯ наметавонад ғазабу шаҳвати худро идора намояд. Масалан, ба мисли ханҷарзанӣ, шаробнӯшӣ, шаҳват, ғазаб ва ғайра. Бо вуҷуди он ки инсон дар ҳастии худ шахсияти ягона ва аз ҷиҳати ҳайсият чун: малаки нуронӣ, шайтони заминӣ, хасису ҳарис, чорпойи сабур, ҳиллагару найрангбоз ва ғайра ё метавонад, бараъакс, дорои сифатҳои инсонию малакутӣ ва илоҳӣ низ бошад. Чунин хислату характерҳо дар инсон ба хотири он аст, ки ӯ бояд пайваста дар ҳаракат ва инкишоф бошад. Воқеан диалектикаи зиндагӣ дар инсон тавре шакл гирифтааст, ки интихоб ва раванди инкишофи

---

[1] Асари мазкур. Ҷ. 28. –С.35-36.

минбаъдааш гоҳ нисбӣ ва гоҳ мутлақ сурат мегирад, вале раванди объективият бошад, ифодагари воқеияти ӯст.

Ин гуфтаҳои боло ифодагари он аст, ки Фахриддини Розӣ дар осори худ мафҳуми камолотро якранг баҳогузорӣ накардааст ва онро дар шаклҳои мухталиф баён сохтааст:

1) қувваи ҳассос: ин қувваи пазироии вародати ҳавоси панҷгонаи зоҳирист ва ин инкоркунандаи асли руҳи ҳайвонӣ аст ва ба далели ҳамин ҳавос (ҳиссиёт) аст, ки ҳайвон номида мешавад ва он аз ибтидои таваллуди инсон, ҳатто дар лаҳзаи ширхории кӯдак дида мешавад;

2) қувваи хаёлӣ: вазифаи ин қувва ҳифзу нигоҳдории воридоти ҳавоси (ҳиссиёти) панҷгона аст. Ба қавли бархе ҳукамо, ин қувва басо ҳавз (амиқу васеъ - Э.Б.) аст ва ҳавоси панҷгона бошанд, дорои басо наҳрҳоест, ки оби наҳрҳо вориди ин ҳавз мешаванд, то дар ҳангоми ниёз онро ба қувваи ақлия таҳвил диҳанд.

3) қувваи ақлӣ: ин қувва дар инсон мудрики ҳақоиқи куллӣ аст;

4) қувваи фикрӣ: ин қувва маорифи ақлиро аз қувваи ақлия мегирад ва аз таркиби маълумот умури маҷҳул (масъалаҳои норавшан) -ро кашф мекунад;

5) қувваи қудсӣ: ин қувва мухтасари анбиё ва бархе авлиёст, ки дар он ҷо лавоиҳи ғайб ва асрори малакутӣ таҷаллӣ пайдо мекунад.[1]

Дар хусуси қувваи оқила бошад, Фахриддини Розӣ онҳоро ба чаҳор қисм ҷудо намуда, дар бораи ҳар кадоми онҳо назари худро чунин баён мекунад:

**1. Ақли ҳаюлонӣ:** нафси кӯдакҳо дар марҳилаи ақли ҳаюлонӣ аст, ки нафс дар ин марҳила аз ҷамъи улум ва маориф холӣ аст, аммо қобилияти касби улумро дорад, барои чунин хусусияташ ба ақл мартабаи ақли ҳаюлониро ном мебаранд;

---

[1] Асари мазкур. Ҷ.8.-С. 387.

**2. Ақли билфеъл**: мо улуми касбиро аз тариқи улуми бадеҳӣ ба даст меоварем, яъне ибтидо улуми бадеҳӣ дар ақлҳо шакл гирифта, сипас инсон баъзеи онҳоро ба баъзеи дигарашон тартиб мекунад ва аз ин роҳ ба кашфи маҷҳул роҳ меёбад.

**3. Илми билфеъл:** ақл дар ин мартаба улуми касбиро бо таҳсили том ва вофир ба даст меоварад, аммо ҳама улуми касбӣ дар ақли билфеъл ҳозир нестанд. Чунин илм тавре сурат мегиранд, ки инсон ҳар вақт хоҳад метавонад бе мушкилӣ ва таклиф онҳоро ҳосил кунад.

**4. Ақли мустафод:** агар инсон ба мартабаҳои ақл даст ёбад, дар ин мақом ҳама улуми касбӣ билфеъл ҳосил ҳастанд ва ба сурати комил маҳфуз ва мазбутанд (нигоҳдошташуда - Э. Б.). Нафси инсон дар ин мақом ба дараҷаи охирини дараҷоти башарӣ ва ба сурати аввали рутбаи малоик даст меёбад.[1]

Ин гуфтаҳои мутафаккир аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳам нафс ва ҳам ақл дар ибтидо аз ҳама гуна навъи дониш холӣ аст, вале минбаъд имкони касби ҳама маорифро пайдо мекунад. Дар ибтидо сафҳаи зеҳн аз маориф ба куллӣ холӣ аст, вале минбаъд дар зеҳни инсон улуми аввалӣ ҳосил мешавад, ки аз тариқи он метавон маҷҳулоти фикриро ба маълум табдил дод.

Ин андешаҳои Фахриддини Розӣ баёнгари онанд, ки мутафаккир доир ба камолоти маънавии инсон, роҳҳои дониш ва маърифати ҳиссиро баён карда, сипас такя ба улуми касбӣ намудааст. Дар ин замина мартабаҳои камолоти инсониро дар ду қисм: олами мумкин ва олами ҷисмҳо, ки ҳар кадоме дар навбати худ ба ду қисм ҷудо мешавад баён кардааст. Олами мумкинот ба олами амр ва олами халқ ҷудо гардида, олами амр ҳамеша хайри маҳз ва мубарро аз шарру офот аст, вале шар бошад, фақат дар олами халқ ва ҷисмониёт ба вуҷуд меояд, ки ҳар ду олам халқ ном бурда мешаванд. Барои мисол, ӯ чунин меҳисобад, ки

[1] Муҳаммад, бини Умар Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия [Матн] / Розӣ М. Б. У.Ф. –Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия, 1990.-С.279-280.

“асли одамиро на қувваҳои шаҳвонӣ ва талаботҳои нафсонӣ, балки ҷавҳари руҳонии ӯ ташкил медиҳад ва дар олами  халқ инсон аз паси қонеъ кардани ниёзҳои моддии худ буда, он сабаби дур сохтани инсон аз шинохти хеш мегардад, аммо олами хайр бошад, инсонро метавонад аз мусибату хоҳишҳои нафсонӣ дур ва ба Ҳақ расонад”[1] ва ё “чун аз зинаи ҷамодӣ ба наботӣ гузаштӣ ва нашъунамо  зоҳир шудӣ ва набот тамом гашт ва нафси наботӣ қувват гирифтӣ ва меъдаю ҷигар қавӣ гаштанд ва бар ҳазми ғизо қодир шуданд, он гоҳ он чӣ зубда ва хулосаи ин нафси наботӣ буд, дил онро ҷазб кард ва чун дар дил даромад як бори дигар тағйир ёфт ва ҳайвон шуд, чун нафси инсонӣ падид омадӣ, андар он (инсон) се нафси дигар мавҷуд будӣ ва ҳангоми идора намудани онҳо руҳи инсонӣ камол ёфтӣ ва ҷумлагӣ аз олами халқ баркандӣ ва онро аз хоҳишҳои нафсонӣ дур кардӣ то ҷое, ки ба олами ҳақ пайваст шудӣ”.[2]

Дар ниҳоят Фахриддини Розӣ ба чунин натиҷа мерасад, ки олами ҷисм ва ҷисмониёт ба ду даста: касир ва унсур тақсим шуда, аҷсоми касир хайранд, вале аҷсоми унсур бошанд ба се қисм: ҷамод, набот ва ҳайвон ҷудо мешаванд. Ҷамодот низ аз қувваи нафсонӣ холӣ буда, дар онҳо зулмат холис аст ва нурҳо ба сурати куллӣ дар онҳо вуҷуд надоранд. Дар хусуси қувваи «ғозия» бошад мутафаккир ба он назар аст, ки ифодагари тул, араз ва умқи ӯ мебошад, аммо дар хусуси ҳайвонӣ бошад, ифодагари ҳастии қувваи ҳавоси зоҳирию ботинӣ, шаҳвату ғазаб ва ғайра мебошанд, зеро онҳо иртиботи руҳи инсонро бо олами ғайб нишон медиҳанд. Чуноне, ки худи ӯ таъкид мекунад: “агар ҳадафи инсон дар пардохти шаҳвату ғазаб ва тан додан ба қувваи ғазаб будӣ, бисёре аз ҳайвонот бар инсон бартаранд, чуноне ки бархе аз ҳайвонот аз инсон бештар мехӯранд ва ба ғароиз мепардозанд. Бад-ин аст, ки ашрафи бадан дар гурӯҳи умури мазкур намебошад, вагарна шутур ва гург ва

---

[1] Асари мазкур.-С. 299.
[2] Азизуддин, бини Муҳаммади Насафӣ. Инсони комил [Матн] / Насафӣ А.Б.М.-Теҳрон, бесоли нашр.-С. 24.

гинчишк аз инсон бартар бошанд, вале инсон бошад бо доштани хусусиятҳои ҷамодию наботӣ ва ҳайвонӣ, нафси худро идора ва аз онҳо тафовут мегузорад.”[1]

Ҳамчунин мутафаккир зимни таҳлилу баррасии зинаҳои камолот онҳоро ба навъҳои зерин ҷудо мекунад:

а) **Истеъдоди нафс бар камоли касби маърифат** - камоли нафси инсонӣ дар асоси фитраташ буда, он тавасути маърифати олами ҳастӣ имконпазир мегардад, дар ҳоле ки ибтидо зеҳнаш аз маърифат холӣ буд, вале дар раванди ташаккулёбиаш улуми бадеҳӣ пайдо шуда, бо ин роҳ тавонист тавассути тафаккури мантиқии худ моҳияти ҳар якеи онҳоро дарк ва ошкор намояд;

б) **Улуми бадеҳӣ ва интиқол аз улуми бадеҳӣ ба фикр** - дар ин зина ҳангоми ҳосил шудани улуми бадеҳӣ малакаи интиқоли он ба улуми фикрӣ таҳқиқ мешавад;

в) **Эҷоди камол бар нафс** - дар ин марҳила ҳангоми ба вуҷуд омадани улуми фикрӣ аз қувва ба феъл барои нафси комил як қадаме дар эҷоди нафси нав ҳосил мешавад.[2]

Фахриддини Розӣ зимни ҷонибдорӣ аз афкори мутафаккирону файласуфон моҳияти камолоти инсонро ба се зина: холӣ, ноқис ва комил ҷудо месозад. Инсонҳо дар қадами аввал ба ду сифати аввал: холию ноқис тақсим шуда, инсони ноқис дар натиҷаи худтакмилдиҳӣ ба мақоми инсони комил мерасанд. Масалан, ба қавли Фахриддини Розӣ, инсони ноқис ё дар зот ноқисанд ё дар бартараф кардани камбудиҳои худ кӯшиш намекунанд. Ба ҳамин монанд инсони комил низ дорои ду сифат мебошанд: гурӯҳи аввал инсонҳое мебошанд, ки дар такмил ва ба камол расидани дигарон намекӯшанд, гурӯҳи дуввум бошад, инсонҳое мебошанд, ки ҷиҳати ба камол расонидани афроди ноқис кӯшиш

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ. 7.-С. 298-290.
[2] Асари мазкур. Ҷ. 7. –С 285.

мекунанд. Ҳадафи мутафаккир аз ин гуфтаҳо он аст, ки афроди ҷомеа ҳама як рангу баробар нестанд, аз ин рӯ, онҳо дар такмили на худ ва на ҷомеа кӯшише намекунанд. Ба ҳамин монанд инсонҳои комиланд, ки дар такмили афроди болаёқат намекушанд, вале афроди ноқис ҳар чӣ қадар барои онҳо кӯшиш кунӣ онҳо имкони ислоҳ ва комилшавиро надоранд.[1]

Дар воқеъ ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ баёнгари онанд, ки одамон новобаста аз мақому ҷойгоҳ ва фаъолияташон дар ҷомеа якранг нестанд. Чунин гуногунрангии онҳо сабаб мегардад, то раванди муносибатҳо халалдор, ҳатто афроди ноқис нокомил боқӣ монанд. Вале ҳангоми ҳангоми дарк ва маърифати Ҳақ шавқ ба маъшуқ ҳосил гардида, ду навъи ранҷро ба вуҷуд меоварад:

а) завқи маъшуқ шахсро ба дард гирифтор намуда, худ нопадид мешавад ва ошиқи ба камолрасида хаёли бо мақсади руъёти маъшуқ ба илҳом меояд;

б) ҳангоми дидори маҳбуб валӣ розу ниёзашро, ки хостории пинҳонии ошиқону маъшуқон аст, нигоҳ медорад. Ба қавли мутафаккир, зинаи ба камол расидани инсон он мақому ҷойгоҳест, ки дар ин дунё барои инсон муайян шудааст, бояд анҷом диҳад. Аз ин рӯ, саодатманд касест, ки ба камоли воқеӣ наздик шудааст ва ё пурра расидааст. Масалан, ҳамчунон ки мутафаккир фармудааст: «инсон гоҳе ғарқ дар зулмот иллали аҷсом мешавад ва гоҳе аз он раҳоӣ меёбад ва ба анвори олами қудсӣ роҳ меёбад ва чун аз зулмат ба нур ва аз ҳиҷоб ба вусул мерасад, лаззати азим ба ӯ даст медиҳад ва аз лаззатҳову саодатҳо чизҳое дар меёбад, ки ҳеҷ чашме надида ва ҳеҷ гӯше нашунидааст».[2]

Дар маҷмӯъ, тағйироти бадан ба таври табиӣ кори тасодуфӣ набуда, нафс низ дорои сароғоз аст, ки идрок ва дигар қобилиятҳои

---

[1] Фахриддин, Муҳаммад бини Умари Розӣ. Ҳифзу-л-бадан [Матн] / Розӣ Ф.М.Б. У // Тасҳеҳи Муҳаммад Иброҳими Зокир. –Теҳрон.: Маркази пажуҳиши мероси мактуб, 1390.–С.114.

[2] Қаландаров, М. И., Элчибекова, Б. И. Назариҳои сиёсӣ-иҷтимоии Фахриддини Розӣ [Матн] / М. Қаландаров., Б.И. Элчибекова // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. –С.338.

инсонӣ дар марҳилаи аввал, поёнтар аз қобилиятҳои ҳайвонӣ шакл гирифтаанд. Дар натиҷаи инкишоф ва ташаккулёбии инсон ақлу фаҳмишаш инкишоф намуда, имконияти маърифатнокияш нисбат ба ашёву ҳодисаҳо зиёдтар мегардад ва дар ӯ имконияти муҳокима ва хулосабарорӣ пайдо мегардад. Дар ин раванд инсон имкон дорад худро ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам маънавӣ ташаккул диҳад. Ниҳоятан ин марҳила муносибаташро бо дигар мавҷудот ва ашёву ҳодисаҳои олам низ муайяну барқарор намуда, шаклгирии ҷаҳонбинӣ ва ташаккулёбии онро ба миён меоварад. Ин аст, ки Фахриддини Розӣ чунин муносибату мавқеъ ва иртиботи инсонро ба инобат гирифта, онҳоро ба чаҳор қисм ҷудо менамояд:

а) иртибот бо Худованд;

б) иртибот бо худ;

в) иртибот бо дигарон;

г) иртибот ба табиат.

А) **Иртибот бо Худованд**-Худо ин иртиботро барои инсон қарор дода, бар асоси он таклиферо ба унвони амонати илоҳӣ бар уҳдаи ӯ гузошт, ки ин таклифи Ӯ бар инсон баромаде аз ихтиёри худӣ аст, ки баъзе инсонҳо аз он убур ва бархе ҳифозат намуданд. Масалан, Худованд дар таклиф ба инсон ақл, қудрат ва абзори лозимаеро дод, то ӯ худ ва Худои хешро шиносад.[1]

Б) **Иртибот бо хеш-**инсон бо назардошти ниёзмандии худ ба хеш муносибаташро бо дигар ашёву ҳодиса ва зуҳурот муайян намуда, даст ба худшиносии худӣ менамояд, ки ин далоил пояи асосии офоқӣ ва иртибот бо табиат дониста мешавад. Шинохти худӣ агар чӣ сабаби асосии шинохти Худо аст, вале манфиат ва таъсираш дар бартараф намудани ғаризаҳои нафсонӣ ва камолоти инсонӣ зиёдтар аст.

---

[1] Кайҳони, Султониён., Ризо, Акбарӣ, Муҳаммадҳусайни Маҳдавинажод, Алиризои Порисӣ. Ҳастишиносии инсон аз манзари динӣ: баррасии дидгоҳи Фахри Розӣ [Матн] / Султониён К., Акбари Р., Маҳдавинажод М., Порисӣ А // Маҷаллаи “Ду фаслномаи илмӣ-пажуҳиши инсонпажуҳии динӣ. – Теҳрон. 1397, № 40.-С.33.

В) **Иртибот бо дигарон-**иртибот бо дигарон, яке аз шаклҳои робита бо Худо аст ва тафовут миёни афроди ҷомеа, на аз лиҳози ҷинс ва ё падару модар, балки одобу ахлоқ аст. Масалан, “некон бо афроди нек ва бадахлоқон бо ҳамҷинсони худ моил мешаванд”.[1]

Тибқи ақидаи Фахриддини Розӣ чунин шакли робита метавонад байни ҳар як фарди ҷомеа таъсири мусбӣ ва манфии худро гузорад, яъне афроди некхӯй ва нексиришт ба некон, афроди нопоку бадхӯй бо ҳамҷинсони худ моил шаванд.[2] Бинобар ин ҳар як афроди ҷомеа дорои касбу кори гуногун, ҷаҳонбинӣ, дониш, илм ва фаҳмишҳои ба худ хос аст то хидмати мардумро кунанд. Масалан, табиб баҳри пешгирию табобати беморон, муаллим таълиму тарбия, муҳандис барои сохтани иморатҳо, физик барои омӯхтани молекулаву атомҳо ва ғайра.

**Г) Иртибот бо табиат**: ҳадафи мутафаккир аз ин шакли муносибат бо табиат, рабитаи инсон бо тамоми чизҳои табиат ҷуз инсон аст, яъне иртибот бо табиат роҳи касби далелҳои офоқӣ аст, ки ин шаклҳои муносибат пас аз далелҳои нафсонӣ қарор доранд ва иборатанд:

1) нахустсабаб ва ҷавҳари офариниш бояд исбот гардад;

2) дуруст ва воқеъӣ будани ин офариниш бояд равшан гардад ва тасодуфию беҳуда халқ нашудани инсон дар олами ҳастӣ муайян гардад.[3]

**Инсон пас аз марг.** Марҳилаи зиндагии инсон пас аз марг, ки ҷузъи усули дин аст, аз мустаҳкамии имону виҷдон ва иродаи шахс ба он вобастагӣ дорад. Чунин алоқа ва иртибот бо Худованд баёнгари мустаҳкамии шахс бо ҷомеа буда, инкори он нишонаи куфр ва дурӣ аз халқу ҳақ аст. Мутафаккир инкори маъодро сабаби ҷаҳли инсон дониста, ҳастии инсонро пас аз марг як занҷирае ба бақои нафс медонад.

Хулоса, аз баёни баррасии масъалаи саодат ва расидан ба зинаи инсони комил ба чунин натиҷа метавон расид, ки мутафаккир доир ба

---

[1] Имом, Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир [Матн] / Розӣ И.Ф.–Қоҳира.: ал-Матба ал-баҳияту-л-Мисрия, 1904. Ҷ. 28. –С.112-115.
[2] Асари мазкур. Ҷ. 13. –С.15.
[3] Асари мазкур. Ҷ. 25.-С.41-42.

мақому ҷойгоҳи инсон арзиши волоеро қоил гардида, баробари зери таъсири дин қарор доштанаш аз афкори файласуфон низ дур намонда, кӯшидааст, аз ҷиҳати ақлонӣ ба назарияҳои динӣ равиши ақлонгароӣ бахшад. Муҳимтарин хусусиятҳои мавқеъгузории Фахриддини Розӣ аз дигар мутафаккирон дар он аст, ки ӯ бо далелҳои ақлӣ исбот месозад, ки инсон на ашрафи тамоми махлуқот, балки тамоми замин аст. Таваҷҷуҳ ба табиат ва дунё метавонад роҳе барои шинохти умур фароҳам созад, то инсон тавонад тавассути ҳам табиат ва ҳам ҷомеа мавқеъ ва ҷойгоҳашро дарёбад.

Ба ақидаи Фахриддини Розӣ инсон будан амри ташкикӣ аст, вале нуқоти оғозини он пайравӣ аз ақли амалӣ мебошад. Чуноне, ки дар қисматҳои болоӣ зикр намудем, ақли амалӣ, яке аз хусусиятҳои асосии расидани инсон ба саодат ва инсони комил аст. Ҳарчанд одамон ба дараҷаи инсони комил, яъне рафеътарин мақоми қобили тасаввур барои ҳар инсон бошанд, вале инсонияти онҳо бештар аз касоне аст, ки аз мақоми инсони комил фосилаи бештаре доранд. Нуқтаи асосии ин масирро метавон дар пайравӣ аз ақли амалӣ дар масири расидан ба рафеътарин нуқтаи инсоният, яъне инсони комил донист. Шахсияти баркамолрасида бошад, касеро метавон ном бурд, ки ҳамвора миёни ин ду дар ҳаракат ва такопӯ қарор гирифтааст. Зеҳни чунин шахс ҳамвора аз пайи ҷустуҷӯи ҷавҳари инсонӣ ё худ асрори худ аст, ки миёни ин ду ҳаракат мекунад. Ҳар қадаре, ки одамӣ аз ақли амалии хеш пайравӣ кунад, камоли бештаре бар ӯ даст медиҳад ва ба дараҷаи инсони комил, ки нуқтаи балантарин камолоти инсон аст, наздик мешавад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссетратсия

Тадқиқоти анҷомёфта оид ба масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ чунин натиҷаҳои зеринро ба миён меорад:

1. Баҳсу мунозираҳои илмӣ-фалсафӣ як қисми муҳими фаъолияти ӯро ташкил медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо зиддият ва мухолифати ҷонибҳои мухолифро ба вуҷуд овардааст. Аз ҷумла, дар мунозара бо фақеҳон ӯро маҷбур сохтааст, ки роҳҳои наздик кардани калому фалсафаро ҷустуҷӯ намояд. Ӯ бо бисёр ақидаҳои маъмули динӣ бо шубҳа нигоҳ кардааст, ки дар эътиқодҳои мусулмонӣ ӯро ҳамчун озодфикр ном бурдаанд. Фахриддин Розӣ муқобили назари танқидии Муҳаммад Ғаззолӣ нисбати машшоиён баромадааст ва бо далелҳои асоснок фикри Ғаззолиро доир ба бисёр масъалаҳои мавриди баҳс, рад кардааст. [3-М]

